*Алфа ва Омега*

# Бозногарии Китоби Муқаддас

## 40 дарс



Реҷеп ва Лэйла Айдин

*Алфа ва Омега*

# Бознигарии Китоби Муқаддас

## 40 дарс



Реҷеп ва Лэйла Айдин

KITABI-KNIGI.COM

Бор кунед ва хонед дар дастгохи дилхоҳ дар забони
модарии Шумо. Китобҳои электронӣ бепул барои
ҳама азоёни оила.

KITABI-KNIGI.COM

Copyright © 2023 by Alpha and Omega. All rights reserved.
*alphaomegasilkroad@gmail.com*

Copyright © 2024 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Illustrations for all pages, except those listed below, copyright © 2023 by Jim. All rights reserved.
Illustrations by The Good Book Company for pages 68, 69, 127, 128, 194, 195, and 196, copyright © 2016 by Phil Crowter/The Good Book Company Ltd. Used by permission. All rights reserved.

All copyrights reserved. Old Testament verses are taken from Китоби Муқаддас 1992 (КМ92) © 1992 Ҷамъияти Китоби Муқаддаси Тоҷикистон
All copyrights reserved. New Testament verses are taken from Китоби Муқаддас Оммафаҳм (Тарҷумаи оммафаҳми забони тоҷикӣ). КМО © 2016 (Active), ҳуқуқи соҳибияти матни тарҷумашуда ба Бунёди «Калом» таааллуқ дорад

# Муқаддима

Ин курс аз 40 дарс иборат аст, ки ба шумо барои беҳтар фаҳмидани таърихи Китоби Муқаддас ёрӣ мерасонанд. Ҳар як дарс саволҳое дорад, ки шумо бояд ба онҳо ҷавоб диҳед. Рақам дар қавсҳо пас аз ҳар як савол ба рақами ҷавоб дар охири дарс ишора мекунад. Кӯшиш кунед пеш аз он ки ба ҷавоб нигаред, ба савол ҷавоб диҳед!

Дар ҳар дарс истинодҳо ба порчае аз Навиштаҷот ҳаст. Агар онҳо бо шрифти ғафс ҷудо карда шуда бошанд, онҳоро ёфта хондан муҳим аст. Агар бо шрифти ғафс ҷудо карда нашуда бошанд, онҳоро метавонед хонед, агар вақт дошта бошед.

Ман дуо мекунам, ки шумо дар бораи аҷоибтарин ҳикояи дар Китоби Муқаддас сабтшуда маълумоти бештар ба даст оваред ва онро бо хушнудӣ ба дигарон расонед!

## Дарси 1:

# Китобҳои Навиштаи Муқаддас



Барои ин дарс лозим меояд, ки ба **мундариҷа** дар аввали нусхаи Китоби Муқаддаси худ нигаред.

## Муқаддима:

- **Навиштаи Муқаддас** китобхонаест, ки дар он 66 китоб ҷамъ оварда шудаанд. Дар Аҳди Қадим 39 китоб ва дар Инҷил 27 китоб ҳаст. Онҳоро дар замонҳои гуногун муаллифони гуногун навиштаанд. Онҳо дар **жанрҳои** гуногун навишта шудаанд (масалан: китобҳои таърихӣ, назм, номаҳо ва ғайра).

  Дар Навиштаи Муқаддас чанд китоб ҳаст? [1]

- **Навиштаи Муқаддас ба таври анъанавӣ ба ду қисм тақсим карда шудааст:** Аҳди Қадим (Аҳди Кӯҳна) ва Аҳди Ҷадид (Аҳди Нав). Калимаи «аҳд» маънои «созишнома»-ро дорад. Дар Аҳди Қадим Худо бо халқи худ шартномаҳои (аҳдҳои) гуногун бастааст. Инак якчанд намунаи аҳдҳо: аҳд бо Иброҳим, бо Нуҳ, бо исроилиён дар кӯҳи Сино, бо Довуд. Аммо дар Аҳди Ҷадид Худо созишномаи наве баст, ки бо хуни Исои Масеҳ муҳр зада шудааст. Ин созишнома аз тамоми созишномаҳое, ки дар Аҳди Қадим баста шуда буданд, беҳтар аст. Дар Инҷил ҳама ваъдаҳои Аҳди Қадим иҷро мешаванд.

  Навиштаи Муқаддас чӣ гуна тақсим мешавад? [2]

  «Аҳд» чист? [3]

- **Ҳар ду қисми Навиштаи Муқаддас суханони Худо мебошанд, ки барои мо навишта шудаанд.** Дар замони Исо аллакай Навиштаи Муқаддас — Аҳди Қадим вуҷуд дошт. Яҳудиён онро дар куништҳо (парастишгоҳҳои худ) мехонданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки Навиштаи Муқаддас аз рӯи илҳоми Худост. Пас аз марги расулони Масеҳ имондорон китобҳои дар бораи

Исо навишташуда (Инҷилҳо) ва номаҳои навиштаи расулони Ӯро ҷамъ карданд. Аллакай дар он замон имондорон мефаҳмиданд, ки номаҳои пайғамбарони Масеҳ низ аз рӯи илҳоми Худо мебошанд (нигаред ба 2 Петрус 3:15–16). Павлус ба Тимотиюс навиштааст: «*Тамоми навиштаҷот аз нафаси Худо баромадааст. Он барои таълимоту сарзаниш, ислоҳ ва барои омӯхтани кори дуруст фоиданок аст*» (2 Тим. 3:16).

ҲАМАИ китобҳои Навиштаи Муқаддас аз кадом ҷиҳат фоиданок ҳастанд? [4]

# Аҳди Қадим

Аҳди Қадим ба мо дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ хел Худо ҷаҳон ва одамонро офарид, ва мо аз он мефаҳмем, ки чӣ гуна Ӯ барои худ **халқеро** интихоб кард. Дар Аҳди Қадим ваъдаҳои олидараҷае ҳастанд, ки танҳо дар Аҳди Ҷадид иҷро мешаванд.

Дар Аҳди Қадим намудҳои гуногуни китобҳо ҳастанд: китобҳои шариат, китобҳои таърихӣ, китобҳои ҳикмат ва китобҳои пайғамбарон.

## Панҷкитоб (Таврот)

5 китоби аввал Таврот ё Панҷкитоб номида мешаванд.

Он нақли таърих аз ибтидои олам то марги Мусо аст — замоне ки халқи Худо сарзамини ваъдашударо забт карданӣ мешавад.

Таврот дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ гуна:

1. Худо ҷаҳонро офарид.

2. Одамон гуноҳ карданд.

3. Худо тӯфонро фиристод, то ки тамоми одамонро нобуд кунад, аммо Нӯҳ ва хонадони ӯро наҷот дод.

4. Худо Иброҳимро интихоб намуд, то ки падари халқи Худо шавад, ва аз ҳамин сабаб авлодони ӯ халқи интихобшудаи Худо гардиданд.

5. Ин одамон дар Миср дар ғуломӣ буданд, ва Худо ба воситаи пайғамбар Мусо онҳоро наҷот дод.

6. Дар кӯҳи Сино Худо бо онҳо созишномаи муқаддас баст: Ӯ Худои онҳо мешавад, ва онҳо қонунҳои Ӯро риоя мекунанд.

7. Аз сабаби беитоатӣ ба Худо халқи Ӯ маҷбур шуд 40 сол дар биёбон зиндагӣ кунад. Пас аз анҷом ёфтани 40 сол Худо онҳоро ба сарҳади замини ваъдашуда бурд.

8. Мусо ба насли нав қонунҳои Худоро таълим медод.

Худо ба Иброҳим ваъдаҳои олидарача дод. Шумо онҳоро дар Ҳастӣ 12:1–7 хонда метавонед. Худо ба мо мегӯяд, ки чӣ тавр Ӯ ин ваъдаҳоро иҷро мекунад. Дар Аҳди Қадим ваъдаҳои Худо фақат қисман иҷро мешаванд.

Худо ба Иброҳим чӣ дод? [5]

## Китобҳое ки таърихи халқи Исроилро тасвир мекунанд: Еҳушаъ то Эстер

12 китоби таърихӣ: онҳо таърихи халқи Худо дар сарзамини ваъдашуда мебошанд. Онҳо ҳамчунин Навиштаҳои Пайғамбарон Қисми 1 номида мешаванд.

Худо ба халқи Худ роҳбарон ва подшоҳонро дод, то ки онҳо дар итоат ба Худо бар халқ ҳукмронӣ кунанд. Бисёре аз роҳбарон ва подшоҳони халқи Худо ба Ӯ итоат накарданро интихоб карданд. Бузургтарин подшоҳон Довуд ва писараш Сулаймон буданд. Дар замони ҳукмронии онҳо ба назар чунин метофт, ки ҳама ваъдаҳои ба Иброҳим додашуда иҷро мешаванд. Аммо халқи Худо на роҳи итоат ба Худо, балки парастиши худоёни дигарро интихоб намуданд.

Дар охир Худо онҳоро ба сарзамини дигар пеш кард. Пас аз 70 соли ғарибӣ як қисми халқи Худо ба сарзамини ваъдашуда баргаштанд.

Бузургтарин подшоҳон киҳо буданд? [6]

Чаро Худо халқро ба замини дигар пеш кард? [7]

## Китобҳои ҳикмат (Забур)

Китобҳои ҳикмат аз 5 китоб иборат мебошанд: **Айюб, Забур, Масалҳо, Воиз, Суруди Сурудҳо**.

Ин китобҳо суханҳои ҳикматомезро дар бораи ҳаёт дар бар мегиранд. Онҳо ба мо хирадро ва чӣ хел бо муваффақият зиндагӣ карданро меомӯзонанд.

«Забур» ҷамъи таронаҳои ибодат ва дуоҳо ба Худо аст. Мо онҳоро дар ибодат ва дуоҳои худ истифода бурда метавонем!

Китобҳои ҳикмат ба мо чиро таълим медиҳанд? [8]

Забур аз кадом ҷиҳат фоиданок аст? [9]

## Китобҳои пайғамбарон

17 китоби дигари Аҳди Қадим **китобҳои пайғамбарон** мебошанд. Пайғамбарон фиристодаҳои Худо буданд.

Барои фаҳмидани китобҳои пайғамбарон мо бояд китобҳои таърихиро донем. Ва барои фаҳмидани он ки пайғамбарон чӣ навиштаанд, мо бояд донем, ки онҳо дар кадом вақт навиштаанд:

1. Баъзе аз пайғамбарон дар замони ҳукмронии подшоҳони Исроил навиштаанд. Пайғамбарон халқи Худоро **огоҳ** мекарданд, ки агар ба сӯи Худо бознагарданд, ҷазо дода мешаванд.

2. Баъзе пайғамбарон китобҳои худро дар замоне навиштанд, ки халқи Худо дар бадарға буданд. Онҳо халқи Худоро **тасаллӣ дода**, мегуфтанд, ки Ӯ онҳоро то абад рад накардааст.

3. Баъзеи онҳо баъди аз бадарға ба ватан баргаштан навиштаанд. Онҳо халқи Худоро бо ваъдае **рӯҳбаланд мекарданд**, ки Ӯ шармандагиро аз онҳо дур мекунад.

Худо ба воситаи пайғамбарон халқи Худро огоҳ мекард, тасаллӣ медод ва рӯҳбаланд мекард.

Барои фаҳмидани китобҳои пайғамбарон чиро донистан даркор аст? [10]

Кадом 3 корро Худо ба воситаи пайғамбарон мекунад? [11]

# Аҳди Ҷадид

Дар Аҳди Ҷадид мо мехонем, ки чӣ гуна Худи Худо — Офаридгори олам — ба ҷаҳони мо омад ва одами комил гардид. Исо Подшоҳи ваъдашудаи Худо, Масеҳ аст, ки наҷот меоварад. Дар Аҳди Ҷадид ҳамаи ваъдаҳои Аҳди Қадим иҷро мешаванд.

Ба ибораи дигар, дар Китоби Муқаддас танҳо як қаҳрамон ҳаст: Исои Масеҳ. Гуноҳ моро аз Худо ҷудо мекунад. Исо барои мушкилии гуноҳ, ки моро аз Худо ҷудо мекунад, роҳи ҳал гардид.

Кӣ дар Навиштаи Муқаддас қаҳрамони асосӣ аст? [12]

Аҳди Ҷадид низ навъҳои гуногуни китобҳоро дар бар мегирад.

## Хушхабар ва Аъмоли Расулон (Ҳаввориён)

Чор китоби аввал таърихӣ мебошанд.

**Инҷилҳо:** 4 китоби аввал дар бораи ҳаёти Исо нақл мекунанд (онҳо Хушхабар ё Инҷил номида мешаванд). 4 кас дар бораи ҳаёти Ӯ нақл кардаанд: Матто, Марқус, Луқо ва Юҳанно.

Баъд **Аъмоли Расулон** (Ҳаввориён) аст. Ин китобро Луқо навиштааст. Ин ҳикоя дар бораи оилаи нави Худост, ки маънои калисоро дорад. Ин китоб нақл мекунад, ки чӣ тавр хушхабар дар бораи Масеҳ дар бисёр кишварҳо паҳн шудааст.

Дар Аҳди Ҷадид чанд китоби таърихӣ ҳаст? [13]

Китоби Аъмоли Расулонро (Ҳаввориёнро) кӣ навиштааст? [14]

## Номаҳо

Пас аз китоби Аъмол 21 нома аз Петрус, Юҳанно, Павлус ва дигар расулон (ҳаввориён) ҳастанд, ки барои таълим додани хушхабар ва рӯҳбаланд ва ислоҳ кардани калисоҳо навишта шудаанд.

Номаҳоро киҳо навиштаанд? [15]

## Ваҳй (Ошкорсозӣ)

Китоби охирини Китоби Муқаддас Ваҳй аст. Дар он Юҳанно руъёи худро тасвир мекунад, ки ба мо ояндаеро нишон медиҳад, ки дар он Исо гуноҳ, марг ва шайтонро мағлуб кардааст! Худо ва халқи Ӯ дар Замини нав абадан якҷоя хоҳанд зист! Ин иҷрои пурраи ваъдаҳоест, ки Худо ба Иброҳим дода буд!

Дар замини нав киҳо якҷоя зиндагӣ мекунанд? [16]

## Супориши амалӣ

Агар пештар ин корро накарда бошед, ҳар рӯз як порчаи Китоби Муқаддасро хонед (якчанд оят). Ва ба худ саволҳои зеринро диҳед:

1. Дар ин ҷо дар бораи Худо (Падар, Писар, Рӯҳулқудс) чӣ навишта шудааст?
2. Дар ин ҷо дар бораи одамон чӣ навишта шудааст?
3. Оё фармоне барои итоат кардан, огоҳӣ ба мо ва ё намунае барои пайравӣ кардан ҳаст?
4. Худо аз ин порча ба ман чиро таълим медиҳад?
5. Ман инро ба кӣ расонда метавонам?

Ҷавобҳоятонро дар дафтар нависед

# Ҷавобҳо

1 – 66.
2 – Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид.
3 – Калимаи «аҳд» маънои «созишнома»-ро дорад.
4 – Барои таълим, танбеҳ (маззамат), ислоҳ, ба росткорӣ насиҳат кардан.
5 – Ваъдаҳои олидараҷа.
6 – Довуд ва писараш Сулаймон.
7 – Халқи Худо ба Ӯ беитоатӣ мекарданд ва худоёни дигарро парастиш мекарданд.
8 – Ҳикмат — чӣ гуна бо муваффақият зиндагӣ кардан.
9 – Мо метавонем онҳоро дар ибодат ва дар парастишҳои худ истифода барем!
10 – Мо бояд донем, ки онҳо кай навишта шудаанд.
11 – Худо ба воситаи пайғамбарон халқи Худро огоҳ мекард, тасаллӣ медод ва рӯҳбаланд мекард.
12 – Исои Масеҳ.
13 – 5.
14 – Луқо.
15 – Петрус, Юҳанно, Павлус ва дигар расулони Масеҳ.
16 – Худо ва халқи Ӯ.

## Дарси 2:

# Дар ибтидо



**Ҳастӣ 1:1—2:15**-ро хонед (Аз ояти якуми боби аввали китоби Ҳастӣ то ояти понздаҳуми боби дуюм).

## Ваҳдати Сегона

**Ҳастӣ 1:1:** *«Дар ибтидо Худо осмону заминро офарид».*

Пеш аз он ки Худо осмону заминро офарад, чӣ буд? [1]

**Ҳастӣ 1:3:** *«Худо гуфт: „Рӯшноӣ шавад“. Ва рӯшноӣ шуд».*

Худо ҷаҳонро чӣ гуна офарид? [2]

**Юҳанно 1:1—3**-ро хонед. *«Дар ибтидо Калом буд, ва Калом бо Худо буд, ва Калом Худо буд».*

Кӣ дар ибтидо бо Худо буд? [3]

**Юҳанно 1:14—17**-ро хонед. «Калом» кист? [4]

**Ҳастӣ 1:2:** *«Замин бешаклу холӣ буд, ва торикӣ бар рӯи обҳои бузург; ва Рӯҳи Худо бар рӯи об дар парвоз буд».*

Кӣ бар рӯи об дар парвоз буд? [5]

Ҳамин тавр, дар боби аввали Китоби Муқаддас мо Ваҳдати Сегонаро мебинем: Падар, Писар (Калом) ва Рӯҳулқудс.

**Ҳастӣ 1:26—27**-ро хонед. Ҷолиби диққат аст, ки Худо «сурати Мо» ва «шабоҳати Мо» гуфтааст.

Ин ба мо нишон медиҳад, ки Худо ягона аст, аммо аз нуқтаи назари дигар Ӯ ягона нест.

**Такрори Шариат 6:4**-ро хонед. Худо Худои ягона аст.

Мо чанд худоро парастиш мекунем? [6]

Мо се худоро парастиш намекунем, аммо медонем, ки Худои ягонаи мо се Шахсият аст. Як Худо се Шахсият дорад, ки якдигарро комилан дӯст медоранд.

Ин муҳаббати романтикӣ нест, балки муҳаббати доимӣ ва беғаразона аст, ки дигаронро хурсанд мекунад.

Худо муҳаббат аст (1 Юҳанно 4:8). Барои дӯст доштан шумо бояд шахси дигарро дошта бошед. Агар барои дӯст доштан касе набошад, дӯст доштан ғайриимкон аст! Падар, Писар ва Рӯҳулқудс ҳатто пеш аз офариниши ҷаҳон якдигарро ба таври олидараҷа дӯст медоштанд.

**Такрори Шариат 6:5**-ро хонед. Худо ба халқи худ чӣ кор карданро мефармояд? [7]

Худо ба мо мефармояд, ки кореро анҷом диҳем, ки Ӯ пеш аз офариниши ҷаҳон мекард.

Худо моро барои он офаридааст, ки Ӯро ва дигаронро дӯст дошта, зиндагӣ кунем.

Мо Ваҳдати Сегонаро дар Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид вомехӯрем. Масалан:

- дар Ҳастӣ бобҳои 18–19: Худо ҳам дар осмон аст ва ҳам дар замин. Албатта, Худо Падар дар осмон аст, вале мо мебинем, ки Худо бо Иброҳим дар рӯи замин чун одам ба одам гуфтугӯ мекунад. Ин чӣ гуна буда метавонад? Ҳангоме мефаҳмем, ки Худо ягона, аммо дар се Шахсият аст, ин фаҳмо мешавад.

- дар Юҳанно 14:16–17 Исо мегӯяд, ки Ӯ аз Худо Падар хоҳиш мекунад, ки Рӯҳулқудсро ба шогирдонаш фиристад.

Кай мо бори аввал дар Навиштаҳо бо Ваҳдати Сегона вомехӯрем? [8]

# Одамон барои муносибат бо Худо офарида шудаанд

**Ҳастӣ 1:26–27**-ро хонед. одам аз ҳайвонот чӣ фарқ мекунад? [9]

Ба сурати Худо офарида шудан чӣ маъно дорад? [10]

Кадом одамон эътиборнок ва арзишманд ҳастанд? Калонсолон? Сарватмандон? Онҳое, ки хеле боқувватанд? Онҳое, ки хеле бофаҳм ҳастанд? [11]

Мо набояд касонеро, ки Худо офаридааст, рад кунем. Мо барои он офарида шудаем, ки ҳамаро дӯст дорем, новобаста ба синну сол, ранг, қобилият ва ғайра.

**Ваҳй 4:11**-ро хонед. Чаро мо бояд Худоро парастиш кунем? [12]

Мо барои парастиши Худо офарида шудаем. Вақте ки мо Худоро парастиш мекунем, ин ҳам ба Ӯ ва ҳам ба мо шодӣ меорад!

# Вазифаи Одам



Худо Одам ва Ҳавворо дар боғи Адан ҷойгир карда, тамоми ҷаҳонро ба онҳо дод!

**Ҳастӣ 1:28**-ро хонед. Худо ба онҳо чӣ кор карданро фармуд. [13]

Ин чӣ маъно дорад? Худо чӣ кор кардани онҳоро мехост? [14]

Чаро Одам бояд бар ҳайвонот ҳукмронӣ мекард? Ҳайвонот аз кадом ҷиҳат фоиданок ҳастанд? [15]

Худо заминро ба онҳо на барои он дод, ки онро ҳимоя кунанд. Ӯ нагуфт, ки дар рӯи замин, чун дар осорхона, ҳеҷ чизро дигар накунанд. Худо заминро ба онҳо дод, то ки истифода баранд ва барои худ чизҳои навро кашф кунанд. Худо мехост, ки Одам ва Ҳавво ҷаҳонро боз ҳам зеботар намоянд.

Одаму Ҳавво ба сурати Худо офарида шуданд, то ин **ҷаҳонро зери фармонравоии Худо идора кунанд.**

**Ҳастӣ 2:9**-ро хонед. Чаро Худо дарахтони бисёр офарид? [16]

**Ҳастӣ 2:10–14**-ро хонед. Чаро Худо онҳоро назди дарё сокин намуд? [17]

Дар соҳили баҳр ва дарё рег буд. Худо ба мо регро барои чӣ додааст? [18]

**Ҳастӣ 2:12**-ро хонед. Худо кадом чизҳои хубро офарид, то ки онҳо ёбанд? [19]

Чаро Худо ба мо дар замин сангҳо ва тилло додааст? [20]

**Ҳастӣ 2:15**-ро хонед. Одам бояд чӣ кор мекард? [21]

Кор барои мо хуб аст! Шахсеро тасаввур кунед, ки кор надорад ва тамоми рӯз дар хона нишаста, ҳеҷ кор намекунад. Ин даҳшатнок аст!

Ҳангоме ки Худо одамонро офарид, Ӯ мехост, ки мо на танҳо заминро кишт кунем, то ки хӯроквории ба даст оварем. Худо мехоҳад, ки мо аз ҷаҳоне ки дар он зиндагӣ мекунем, шодӣ кунем ва ҳаловат барем. Мо чӣ кор карда метавонем, то аз ҷаҳони гирду атрофамон, ки Худо бароямон офаридааст, ҳаловат барем? [22]

Ҳангоме мо коре мекунем, ки ҷаҳонро зеботар гардонем, мо Худоро ҷалол медиҳем. Ҳангоме мо коре мекунем, ки ҷаҳонро зебо намегардонад, Худои Қодирро беобрӯ мекунем. Масалан: ҳангоме ахлотро ба замин мепартоем.

## Шумо Худоро дар ҳаёти худ чӣ гуна ҷалол медиҳед?

# Ҷавобҳо

1 – Ҳеҷ чиз вуҷуд надошт, аммо Худо ҳамеша буд.
2 – Гуфт ва ин рӯй дод. Худо бо сухани худ офарид.
3 – Дар ибтидо Калом бо Худо буд.
4 – Исо.
5 – Рӯҳи Худо.
6 – Як!
7 – Худованд Худои худро бо тамоми дили ту, бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст дор.
8 – Дар боби якум.
9 – Мо бо он фарқ мекунем, ки мо ба сурати Худо офарида шудаем.
10 – Мо метавонем сухан ронем, дӯст дорем, нависем, нақшаҳои ояндаро таҳия кунем ва аз ҳама муҳим, бо Худо муошират кунем.
11 – Ҳар кас ҳамчун симои Худо, ҳатто кӯдакони хурдсол ва маъюбон эътиборнок ва арзишманд ҳастанд.
12 – Зеро ки Ӯ моро офаридааст.
13 – Вазифаи онҳо борвар ва афзун шудан буд; заминро пур кардан ва онро соҳибӣ кардан.
14 – Ӯ мехост, ки:
- онҳо дунёро аз фарзандон пур кунанд;
- дарахтони мевадиҳанда, чормағзҳо, сабзавот, шолӣ, гандум ва ғайра парвариш кунанд;
- қаҳва, шоколад, доруворӣ ва ғайраро кашф кунанд.

15 – Шир ва тухм;
Пашм барои либос ва кӯрпа;
дар саҳро омочро кашола кунанд;
аробаҳоро кашола кардан барои кашондани чизу чора;
барои сафар (махсусан аспҳо);
барои қурбониҳо (Ҳастӣ 4:4);
ва баъд барои хӯрок (Ҳастӣ 9:3 — Худо ба Нӯҳ гуфт, ки ӯ метавонад гӯшт хӯрад).
16 – Барои додани меваи болаззат;
барои ба мо додани ҳезум;
барои он ки мо хонаҳо созем;
барои мебел, асбобҳои мусиқӣ;
барои ба онҳо нигоҳ кардан, махсусан дар тирамоҳ, ҳангоми тағйир ёфтани рангҳои баргҳо.
17 – То ки барои нӯшидан ва шустушӯй оби тоза дошта бошанд.
То сафар кунанд, зеро дар аввал роҳҳо набуданд.
Боғи Адан зиндон набуд!
18 – Барои он ки мо қалъаҳои регӣ созем!
Барои он ки мо шиша созем.
Барои он ки мо барои телефонҳо ва компютерҳо микрочипҳо созем.
19 – Тилло, қатрони хушбӯй, санги оникс.
20 – То ки мардум худро оро диҳанд.
То ки шавҳарон ба занҳои худ муҳаббат зоҳир кунанд!
То ки мо пул дошта бошем.
То ки рӯзе мо компютерҳо ва телефонҳо созем.
Ва рӯзе онҳо ибодатгоҳро оро диҳанд, ки тасвири ибодатгоҳи осмонӣ хоҳад буд (Ваҳй 21: 18–20).
21 – Боғро парвариш кардан ва нигоҳубин кардан.
22 – Ба Худо дар ҳақиқат маъқул аст:
- ҳангоме мо таомҳои бомаза тайёр мекунем;
- вакте ки мо хонаи худро зебо ва бароҳат ба тартиб меорем, то ки одамони ниёзмандро меҳмоннавозӣ кунем;
- ҳангоме ки одамон чизҳои навро ихтироъ мекунанд.

Боз чӣ андешаҳо доред?

Дарси 3:

# Гуноҳ



## Боғи Адан

**Ҳастӣ 3:1–24**-ро хонед.

Шайтон дар шакли мор ба Ҳавво чӣ гуфт (3:1,4–5)? [1]

Ӯ мегӯяд, ки Худо рост намегӯяд ва Худо саховатманд нест.

Оё шайтон рост гуфт? [2]

Одаму Ҳавво ба сурати Худо офарида шуда буданд ва аллакай ба Ӯ монанд буданд! Ва инак, як мавҷудоти ба сурати Худо офариданашуда ба онҳо мегӯяд, ки агар гуфтаҳои Ӯро иҷро кунанд, монанди Худо мешаванд!

Агар Одам ва Ҳавво гуноҳ намекарданд, чӣ рӯй медод (3:24)? [3]

Оё он донише ки шайтон хабар дод, барояшон хуб буд? Оё он онҳоро хушбахт кард? Онҳо дар ояти 7 чиро омӯхта метавонистанд? [4]

Дар Ҳастӣ 2:15 Худо ба одам кадом корро дод? [5]

Вақте ки мор бо онҳо сухан гуфт, онҳо бояд чӣ кор мекарданд? [6]

Одаму Ҳавво Худоро рад карданд. Худо ба онҳо ҳама чизҳоеро, ки барои хушбахт будан лозим буд, дод. Аммо ин барои онҳо басанда набуд. Онҳо мехостанд дар ҷои Худо бошанд, то ҳаёти худро идора кунанд.

Ин хеле даҳшатнок аст! Мо низ ҳамин тавр мекунем. Ҳангоме ки мо ба Худо беитоатӣ карда, ба шайтон итоат мекунем, мо ба Худо дард меоварем.

Мо намехоҳем, ки Худо бар мо ҳукмронӣ кунад. Мо мехоҳем мувофиқи хости худ зиндагӣ кунем. Мо Худоро хашмгин мекунем.

Мо аз кадом ҷиҳат ба Одам ва Ҳавво монандем? [7]

# Панҷ натиҷаи гуноҳи Одам ва Ҳавво

## 1. Онҳо шарм доштанд

**Ҳастӣ 3:7:** Ҳангоме ки Одаму Ҳавво гуноҳ карданд, онҳо дарҳол фаҳмиданд, ки кори хеле бад кардаанд. Онҳо шарм доштанд. Онҳо чӣ кор карданд? [8]

Онҳо пештар хушбахт буданд. Акнун аз худ шарм мекарданд ва худро дӯст намедоштанд.

## 2. Гуноҳ муносибатҳои байниҳамдигарии онҳоро вайрон кард

**Ҳастӣ 3:12:** Одам чӣ кор мекунад? [9]

**Ҳастӣ 3:16:** Одаму Ҳавво бо ҳамдигар чӣ гуна муносибат доранд? [10]

Мутаассифона, ин қоида ба осонӣ бераҳмона ва худхоҳона буда метавонад. Аммо ин нақшаи Худо барои ҳаёти оилавӣ нест.

## 3. Худо заминро лаънат хонд

**Ҳастӣ 3:17–18:** Гуноҳ ба рӯёнидани маҳсулоти хӯрокворӣ чӣ таъсир расонд? [11]

## 4. Гуноҳ дард ва маргро овард

**Ҳастӣ 3:16–19:** Акнун ҳаёти онҳо чӣ гуна дигаргун мешавад? [12]

Аммо Худо меҳрубон аст — онҳо дарҳол намемиранд. Худо нақшаи наҷот додани одамонро дорад!

## 5. Гуноҳ муносибатҳои онҳоро бо Худо вайрон кард

**Ҳастӣ 3:8:** Оё онҳо акнун бо Худо гап задан мехоҳанд? [13]

**Ҳастӣ 3:21:** Худо дарҳол онҳоро аз боғ берун намекунад. Худо чӣ кор мекунад? [14]

Худи Худо ба назди одамон меравад, то ки гуноҳҳо ва нанги онҳоро дур намояд. Оштӣ бо Худо ҳамеша бо амалҳои дӯстдоронаи Худо сар мешавад. Аҳамият диҳед, ки ҳайвоне мурд. Барои он ки одамон аз нав бо Худо муоширят кунанд, чизе бояд бимирад.

**Ҳастӣ 3:23:** Худо чӣ кард? [15]

Онҳо дигар бо Худои Қодири Мутлақ зиндагӣ карда наметавонистанд. Гуноҳ моро аз Ӯ то абад ҷудо мекунад.

5 натиҷаи гуноҳи Одам ва Ҳavvоро номбар кунед? [16]

1.

2.

3.

4.

5.

Гуноҳ ҳама чизро хароб кард. Гуноҳ ба дӯзах мебарад. Аммо ин охири ҳикоя нест!

# Одами якум ва дуюм

Дар мобайни ин ҳикоят Худо ба мо умед медиҳад.

**Ҳастӣ 3:15:** Насли Ҳавво чӣ мекунад? [17]

Ин чӣ маъно дорад? [18]

Қисми боқимондаи Аҳди Қадим моро ба фаҳмидани кӣ будани ин шахс тайёр мекунад, ва Аҳди Ҷадид кӣ будани ин Одами дуюмро ошкор мекунад.

**1 Қӯринтиён 15:21–22:** *«Чунон ки марг ба воситаи инсон ба ҷаҳон омадааст, зиндашавии мурдагон низ ба воситаи инсон ба вуҷуд омадааст. Инсони аввалин – Одам гуноҳ карда, ба ҳамаи мо марг овард, лекин Масеҳ ба ҳамаи мо, ки ба Ӯ тааллуқ дорем, ҳаёт бахшид».*

Ин Одами дуюм кист? [19]

Марг чӣ гуна назди мо омад? [20]

Ба воситаи чӣ мо имконияти зистанро ба даст меоварем? [21]

Агар мо гуноҳ кунем, сазовори марг ҳастем. Исо омад, то ки ба ҷои мо бимирад, то ки мо абадан зиста тавонем **(Юҳанно 3:16)**!

## Вазифаи ҳаррӯза

Дидани гуноҳҳои худамон барои мо хеле душвор аст. Муҳим аст, ки ҳар рӯз аз Худо хоҳиш кунем, ки гуноҳҳоямонро ба мо нишон диҳад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки ҳаётеро ба сар барем, ки ба Ӯ писанд меояд.

**Забур 138:23–24:** *«Эй Худо, маро тафтиш намо ва диламро бишинос; маро бисанҷ ва андешаҳоямро бидон. Бубин, ки оё роҳам каҷ аст? ва маро ба роҳи абадӣ андоз».*

*Ба таври иловагӣ:*

## Шайтон ва бадӣ аз куҷо пайдо шуданд?

**Ҳастӣ 1:31:** Худо дар бораи ҳамаи он чи офарид, чӣ гуфт? [22]

**Қӯлласиён 1:15–16:** Ин оятҳо дар бораи Исо мегӯянд. Ӯ чӣ офарид? [23]

Кӣ рӯҳҳоро офарид? [24]

Мо бояд аз Худо Офаридгор тарсем, на аз он чи Худо офаридааст!

Иблис (ё шайтон) ва бадӣ аз куҷо пайдо шуд? Худо ҳамеша ба ҳар кас ихтиёр медиҳад, ки ба Ӯ итоат кунад ё на. Агар Ӯ ба мо иродаи озод намедод, мо мисли роботҳо мебудем. Бе интихоби озод мо Худоро дӯст дошта наметавонем.

**Ваҳй 12:7–9:** Микоил кист (Яҳудо 1:9)? [25]

Аждаҳо кист? [26]

Дар ибтидо чӣ рӯй дод? [27]

Баъд аз ин, фариштаҳое ки бар зидди Худо исён карданд, девҳо шуданд. Фариштаҳое ки ба Худо вафодор монданд, ба Ӯ ва халқаш хизмат мекунанд (Ибриён 1:14).

Исо бо марг ва эҳёи худ шайтонро мағлуб кард. Аммо шайтон то ҳол бар зидди Худо ва халқи Ӯ мубориза мебарад. Худо ба мо зиреҳеро додааст, ки мо бо Ӯ зиндагӣ кунем (Эфсӯсиён 6:10–18). Мо бояд зиреҳро, ки Худо ба мо додааст, дар бар кунем ва онро дар ҳар рӯзи зиндагии худ истифода барем!

**Ваҳй 20:10:** Ҳангоме ки Исо бармегардад, бо шайтон чӣ рӯй медиҳад? [28]

Ва он гоҳ гуноҳе нахоҳад буд! Мо бо Исо дар Замини нав то абад бе ягон бадӣ зиндагӣ хоҳем кард!

**Имрӯз шумо бояд аз чӣ тавба кунед?**

# Ҷавобҳо

1 – **3:1:** *«Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред?»*
**3:4–5:** *«Не, намемуред; балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он хӯред, чашмони шумо воз мешаванд, ва шумо монанди Худо неку бадро мешиносед».*
2 – Не!
3 – Онҳо аз меваи дарахти ҳаёт хӯрданро давом медоданд ва абадан зиндагӣ мекарданд.
4 – Онҳо фаҳмиданд, ки луч ҳастанд. Ин дониш барои онҳо хуб набуд. Монандии онҳо ба Худо камтар шуд, ва ин онҳоро бадбахт кард.
5 – Худо ӯро дар боғи Адан гузошт, то боғро парвариш кунад ва онро нигоҳубин кунад.
6 – Барои нигоҳубини боғ онҳо бояд морро мекуштанд ё ақаллан аз боғ пеш мекарданд.
7 – Ҳангоме ки мо ба Худо итоат намекунем, аммо ба шайтон итоат мекунем, мо Худоро ғамгин мекунем. Мо намехоҳем, ки Худо бар мо ҳукмронӣ кунад. Мо мехоҳем мувофиқи хости худ зиндагӣ кунем.
8 – Онҳо фаҳмиданд, ки луч ҳастанд; баъд онҳо аз барги анҷир ба худ либос тайёр карданд.
9 – Ӯ Худоро гунаҳкор мекунад (*«занеро, ки ба ман додӣ»*) ва Ҳавво — «Ин айби ман нест, айби вай аст!»
10 – Акнун мубориза барои он сар мешавад, ки кӣ сардори оила мешавад. Зан аз ҳукмронии мард норозигӣ хоҳад кард.
11 – Акнун кор кардан душвор мешавад. Парвариши меваю сабзавот хеле душвор мешавад.
12 – Онҳо дардро ҳис мекунанд.. Онҳо хоҳанд мурд. Онҳо абадан зиндагӣ намекунанд.
13 – Не, онҳо аз Худо пинҳон мешаванд.
14 – Ӯ бо куштани ҳайвони бегуноҳ шармсории онҳоро мепӯшонад.
15 – Худо Одаму Ҳавворо аз боғи Адан пеш кард.
16 – 1) Онҳо шармсор шуданд.
2) Гуноҳ муносибати онҳоро бо ҳамдигар вайрон кард.
3) Худо заминро лаънат мекунад.
4) Гуноҳ дард ва марг овард.
5) Гуноҳ муносибати онҳоро бо Худо вайрон кард.
17 – Ӯ сари шайтонро мекӯбад.
18 – Худо касеро мефиристад, ки бар шайтон ғолиб мешавад!
19 – Исои Масеҳ!
20 – Ба воситаи Одам.
21 – Агар мо бо Исо робита дошта бошем.
22 – Ҳар чизе, ки Худо офарид, хеле хуб буд.
23 – Ҳар чизи намоён ва ноаён.
24 – Исо.
25 – Ӯ фариштаи бузург аст.
26 – Шайтон.
27 – Дар осмон ҷанг буд. Микоил ва фариштагонаш бар зидди шайтон ва пайравони ӯ ҷанг мекарданд. Баъд шайтон ва ёваронаш аз осмон пеш карда шуданд.
28 – Худо шайтонро ба дӯзах мефиристад.

Дарси 4:

# Худо бадиро маҳкум мекунад



Мо меваи пӯсидаи аз бозор харидашударо чӣ кор мекунем? [1]

Мо мисли меваи вайроншуда ҳастем! Аз берун дида намешавад, ки мо аз дарун пӯсидаем. Мо аз берун хуб ба назар мерасем. Аммо Худо мебинад, ки ҳама одамон камбудӣ доранд. Худо дилҳои моро медонад!

**Ҳастӣ 6:5—22**-ро хонед.

**Ҳастӣ 1:31:** Худо дар бораи ҳамаи он чи офарид, чӣ гуфт? [2]

**Ҳастӣ 6:6:** Акнун Худо дар бораи ҳама чиз чӣ фикр мекард? [3]

Ҳама одамон бадкирдор шуданд. Худо бояд чӣ мекард? [4]

Ӯ чӣ кард? [5]

Аммо Худо на танҳо қуддус аст, балки ҳамчунин Худои дӯстдор аст. Худо бояд ҷаҳонро доварӣ кунад, аммо Ӯ намехоҳад, ки ҳама одамон мурānд.

**Ҳастӣ 3:15:** Худо фиристодани киро ваъда дод? [6]

Одамон як қисми нақшаи Худо барои мағлуб кардани шайтон буданд!

**Ҳастӣ 6:8:** Худо киро наҷот додан хост? [7]

**Ҳастӣ 6:14:** Худо ба Нӯҳ чӣ кор карданро фармуд? [8]

**Ҳастӣ 6:18–19:** Кӣ наҷот меёбад? [9]

Ин на фақат киштӣ, балки лайнери азим буд, ки то 3 000 касро ҷой дода метавонист!

Ҳангоме ки Нӯҳ ба одамон дар бораи тӯфон хабар дод, онҳо ба ҳолаш хандиданд. Онҳо мегуфтанд ва фикр мекарданд, ки ӯ девона аст!

Дар охир бо онҳо чӣ рӯй дод? [10]

Оё ин чиз мушкилии гуноҳи моро ҳал кард? [11]

**Ҳастӣ 8:20–22**-ро хонед.

Нӯҳ пас аз тӯфон чӣ кард? [12]

Худо ба Нӯҳ чӣ ваъда дод? [13]

**Ҳастӣ 9:12–16**-ро хонед. Худо кадом аломати созишномаи муқаддасро ба Нӯҳ дод? [14]

Ваъдаи олидараҷаи Худо ба Нӯҳ ба мо файзи Худоро барои ҲАМАИ инсоният нишон медиҳад. Ин на фақат барои чанд шахсони махсус аст. Худо намехоҳад, ки касе ҳалок шавад. Муҳаббати Худо барои ҳама аст!

Ҳар гоҳ, ки мо рангинкамонро дар осмон мебинем, вафодории пурмуҳаббати Худоро ба тамоми офаридаҳояш ба ёд оварда метавонем!

# Аҳди Ҷадид

Худо дар бораи одамони замони мо чӣ мегӯяд?

**Румиён 3:10–18** [15]

**Румиён 3:23** [16]

Ҳама одамон гунаҳкор ва фосид мебошанд. Худо барои доварӣ кардани ҷаҳон меояд. Ӯ ҳама меваҳои бадро мепартояд.

Дар боби 25-уми Инҷили Матто Исо дар ин бора чунин мегӯяд:

**Матто 25:31–32:** *«Вақте ки Писари Одамизод бо шукӯҳу ҷалолаш ҳамроҳи ҳамаи фариштаҳо меояд, бар тахти шоҳонаи Худ мешинад ва ҳамаи миллатҳои рӯйи замин дар пеши Ӯ ҷамъ*

*меоянд. Он гоҳ Вай мисли чӯпоне, ки гӯсфандонро аз бузҳо ҷудо мекарда бошад, одамонро ба ду тараф тақсим мекунад».*

Ӯ дар **Матто 25:41** дар хусуси одамоне ки хуб нестанд, чӣ мегӯяд? [17]

Вақте ки Исо доварӣ мекунад — ин даҳшатноктарин чиз аст!

Дар Аҳди Қадим чӣ гуна Нӯҳ аз доварии Худо раҳоӣ ёфт? [18]

Киштӣ монанди Исо аст. Исо ягона роҳи мо барои халос шудан аз доварии Худо мебошад. Мо тамоман бад ҳастем. Худо комилан нек аст. Мо бояд фақат ба киштӣ дароем! Мо бояд ба Исо бовар кунем, ки марги Ӯ пардохта шудани музди гуноҳҳои мо буд.

Чунон ки мардум дар замони Нӯҳ бар ӯ механдиданд, имрӯз мардум бар мо низ механданд.

Худо ба мо чӣ вазифа додааст? [19]

### Худо имрӯз дар ин дарс ба шумо чӣ гуфт?

### Оё касе ҳаст, ки донишҳои аз ин дарс ба даст омадаро ба ӯ расонда метавонед?

### Оё гуноҳе ҳаст, ки аз он бояд тавба кунед?

## Вазифаи хонагӣ

Пеш аз дарси навбатӣ китоби Ҳастӣ бобҳои 6–9 ва 11:1–9-ро хонед.

# Ҷавобҳо

1 – Мо онҳоро мепартоем!
2 – Ҳама чиз хеле хуб буд — Худо хурсанд аст.
3 – Дили Худо сахт дар ташвиш аст.
4 – Онҳоро нобуд кунед (мисли меваи бад партоед)!
5 – Бо тӯфони азим.
6 – Касе, ки шайтонро мағлуб мекунад.
7 – Худо Нӯҳро интихоб кард.
8 – Киштӣ сохтан.
9 – Нӯҳ ва хонадони ӯ, ва якҷуфтӣ аз ҳар навъ ҷонварон.
10 – Ҳама мурданд.
11 – Не.
12 – Нӯҳ ба Худо қурбонии шукрона овард.
13 – Худо ваъда дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ заминро бо тӯфон нобуд намекунад.
14 – Рангинкамон!
15 – Як нафар ҳам росткор нест.
16 – Ҳама одамон гуноҳ кардаанд.
17 – Ӯ ба онҳо мегӯяд, ки онҳо ба дӯзах хоҳанд рафт.
18 – Нӯҳ ба Худо итоат кард ва ба киштӣ даромад.
19 – Вазифаи мо ин аст, ки ба одамон имкон диҳем, ки дар назди Худо тавба кунанд ва ба киштӣ дароянд (ин маънои қабул кардани Исоро дорад) — ҳарчанд шояд ин барои онҳо аҷиб метобад.

# Дарси 5:
# Ваъда ба Иброҳим



Авлодони Нӯҳ Худоро фаромӯш карданд. Онҳо худоёни дигарро парастиш мекарданд.

Садҳо сол гузашт ва Худо Иброҳимро интихоб кард, то падари халқи Худо шавад.

## Се ваъда

**Ҳастӣ 12:1–7**-ро хонед.

Худо ба Иброҳим кадом се ваъдаро дод? [1]

### 1. Баракат

**Ҳастӣ 3:16–19:** Бо ҷаҳоне ки Худо офарид, чӣ рӯй дод? [2]

**Ҳастӣ 12:3:** Кадом корро акнун Худо гуфт, ки мекунад? [3]

Кадом баракати бузургро мо ба даст меоварем? [4]

### 2. Халқ

**Ҳастӣ 21:5:** Иброҳим чандсола буд, ҳангоме занаш Соро Исҳоқро таваллуд кард? [5]

Таваллуд шудани ӯ муъҷиза буд! Худо нишон медиҳад, ки Исҳоқ писари махсус аст.

**Ҳастӣ 12:2:** Чаро Исҳоқ махсус буд? [6]

## *Ба таври иловагӣ:*



Худо Иброҳимро аз озмоиши даҳшатнок гузаронд, то бинад, ки оё Иброҳим ҳақиқатан ба Худо таваккал мекунад ё не.

**Ҳастӣ 22:1–18**-ро хонед.

Худо ба Иброҳим фармуд, ки писари ягонаашро қурбонӣ кунад. Худо ҷаҳонро маҳз ба воситаи ӯ баракат доданӣ буд! Ин барои Иброҳим нофаҳмо буд. Аммо бо вуҷуди ин ӯ бо имон ба Худо итоат кард, ки Худо ба ваъдаҳояш вафо мекунад.

Ҳангоме ки Иброҳим Исҳоқро қурбонӣ карданӣ буд, фariштаи Худованд ӯро боздошт. Ва Худо ба ӯ қӯчқореро дод, ки ба ҷои вай қурбонӣ карда метавонист.

Мо мебинем, ки Худо ба ҷои одам қурбонӣ кардани ҳайвонеро пешбинӣ намуд. Дар Аҳди Ҷадид мо мебинем, ки чӣ тавр Худои Падар Писари Худро ҳамчун қурбонӣ медиҳад, то ки ба ҷои мо бимирад. Ҳеҷ ҳайвон ҷои Ӯро гирифта наметавонад. Ҳеҷ қурбонии дигар нест, ки гуноҳҳои моро бахшида, рӯйпӯш карда тавонад.

Худо нақша карда буд, ки ба воситаи Исҳоқ Иброҳим фарзандони ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ хоҳад дошт.

**Ғалотиён 3:7**-ро хонед. Фарзандони Иброҳим дар Аҳди Ҷадид киҳоянд? [7]

Дар Офариниши нав кӣ ба халқи Худо илова карда мешавад (**Ваҳй 7:9**)? [8]

### 3. Замин

**Ҳастӣ 17:8:** Худо ба авлодони Иброҳим кадом заминро ваъда медиҳад? [9]



Аммо Иброҳим ҳеҷ гоҳ соҳиби замини Канъон нашуда буд. Фақат дар боби 23 ӯ барои дафни занаш Соро қитъаи замин харид. 500 сол гузашт, пеш аз он ки Худо заминро ба халқи Худ дод.

**Ибриён 11:8–10:** Иброҳим аз кадом ҷиҳат намунаи олидараҷаи имон аст? [10]

Аммо...

**Ҳастӣ 46:6:** Авлодони Иброҳим пас аз се насл ба куҷо меравананд? [11]

**Хуруҷ 2:23:** Бо халқи Худо чӣ рӯй дод? [12]

Одамон ба наҷотдиҳанда эҳтиёҷ доранд, ки ба воситаи ӯ ваъдаҳои Худоро ба даст оварда метавонанд.

Қисми боқимондаи Китоби Муқаддас дар бораи он аст, ки чӣ тавр Худо ваъдаҳои Худро иҷро кард:

Дар Аҳди Қадим мо мехонем, ки чӣ тавр Худо иҷро намудани ваъдаҳои худро ба Иброҳим сар кард.

Дар Аҳди Ҷадид мо мехонем, ки Исо шахсест, ки ин ваъдаҳоро иҷро мекунад.

Аммо онҳо фақат ҳамон вақт пурра иҷро мешаванд, ки Исо бармегардад ва моро барои зиндагӣ бо Ӯ дар Офариниши Нав мебарад.

Замини ваъдашуда тасвири Офариниши Нав аст (Ваҳӣ 22:1–5).

Худо ба Иброҳим кадом се ваъдаро дод? [13]

Кай ин ваъдаҳо пурра иҷро мешаванд? [14]

## Вазифаи хонагӣ

Китоби Ҳастӣ-ро хонед, то бинед, ки чӣ тавр Худо иҷро намудани ваъдаҳои ба Иброҳим додаашро сар мекунад.

## Дар ин дарс мо дар бораи Худо чиро фаҳмидем?

# Ҷавобҳо

1 – Баракат, халқ ва замин.
2 – Лаънат шудааст.
3 – Худо ба воситаи Иброҳим ҳамаи одамонро баракат медиҳад!
4 – Муносибат бо Худо!
5 – Иброҳим 100-сола буд.
6 – Зеро Худо мехост насли ӯро ба халқи бузурге табдил диҳад, ки бояд халқи Худо гардад.
7 – Касоне, ки ба Исо имон доранд.
8 – Одамон аз ҳар авлод, ҳар қабила, ҳар халқ ва ҳар забон!
9 – Тамоми замини Канъон.
10 – Ӯ боварӣ дошт, ки Худо ваъдаҳояшро дар вақташ иҷро мекунад. Ва ӯ медонист, ки дар осмон хонае хоҳад дошт, ки аз он чи дар рӯи замин дошта метавонад, беҳтар аст.
11 – Ба Миср.
12 – Халқ ғулом шуд.
13 – баракат, халқ ва замин.
14 – Вақте ки Исо бармегардад ва моро мегирад, то ки бо Ӯ дар Офариниши нав зиндагӣ кунем.

## Дарси 6:

# Ваъдаҳои Худо ба авлодони Иброҳим мегузаранд



## Исҳоқ

**Ҳастӣ 25:19–34**-ро хонед.

Исҳоқ киро ба занӣ гирифт (ояти 20)? [1]

Исҳоқ ва Ривқо аз кадом ҷиҳат ба Иброҳим ва Соро монанд буданд (ояти 21)? [2]

Худо ба Ривқои ҳомила дар бораи дугоникҳое, ки ӯ дар батн дошт, чӣ гуфт (ояти 23)? [3]

## Интихоб

Интихоб дар Китоби Муқаддас мавзӯи муҳим аст: Худо пеш аз офариниши ҷаҳон имондоронро фарзандони рӯҳонии Худ муқаррар кардааст!

**Эфсӯсиён 1:3–8**-ро хонед.

Кай Худо моро ҳамчун фарзандони Худ интихоб намудааст (ояти 4)? [4]

Чаро Худо чунин мекунад (ояти 6)? [5]

Худо боз ба мо чӣ додааст (ояти 7)? [6]

Ҳангоми гузаштани курси омӯзиши Китоби Муқаддас мо дар бораи чӣ маъно доштани ин бештар мефаҳмем.

Мо гуфта метавонем, ки одилона нест, ки баъзе одамон интихоб мешаванд ва дигарон не.

Ин «файзи» Худо номида мешавад (ояти 7). Ҳеҷ кас сазовори даъват шудан ва бозхарид шудан нест. Мо бояд ҳайрон шавем ва шукргузор бошем, ки Худо моро интихоб кардааст!

Худо ба мо чӣ қадар файз медиҳад (ояти 8)? [7]

# Яъқуб

Вақте ки Яъқуб ба воя расид, ду хоҳарро, ки Леё ва Роҳел ном доштанд, ба занӣ гирифт. Ӯ намунаи хуби шавҳар ё падар набуд!

**Ҳастӣ 29:30–30:24**-ро хонед.

Яъқуб кадом занашро бисёртар дӯст медошт? [8]

Кӣ ба ӯ 4 писар таваллуд кард (29:32–35)? [9]

Ҳангоме Роҳел ба хоҳараш рашк намуд, чӣ кор кард (30:3)? [10]

Билҳо чанд писар дошт (30:5–8)? [11]

Леё чӣ кард (30:9)? [12]

Зилфо чанд писар дошт? (30:10–13)? [13]

Чӣ гуна Леё имконияти бо Яъқуб гузарондани шабро ба даст овард? (30:14–16)? [14]

Одамон бовар мекарданд, ки меҳргиёҳ касеро водор мекунад, ки шуморо дӯст дорад.

Пас аз ин бо Леё чӣ рӯй дод (30:17–21)? [15]

Ва дар охир бо Роҳел чӣ рӯй дод (30:22–24)? [16]

**Ҳастӣ 35:16–19**-ро хонед.

Бо Роҳел чӣ рӯй дод? [17]

Яъқуб чанд писар дошт? Шумо **Ҳастӣ 42:13**-ро хонда, инро фаҳмида метавонед. [18]

**Ҳастӣ 32:28**-ро хонед. Худо ба Яъқуб чӣ номи нав дод? [19]

Авлодони писарони Яъқуб киҳо шуданд? **Ҳастӣ 49:28**-ро хонед. [20]

## Донистан муҳим аст



Ваъдаҳои Худо ба **Иброҳим** ба **Исҳоқ** дар Ҳастӣ 26:3 ва ба **Яъқуб** дар Ҳастӣ 28:13–14 такрор мешаванд. Пас Иброҳим ва Исҳоқу Яъқуб нахустпадарони халқи Худо, халқи Исроил буданд.

Писари Иброҳим аз Ҳоҷар, **Исмоил** ва писари дигари Исҳоқ **Эсав** низ падарони халқҳо шуданд. Аммо Худои абадӣ Исроилро интихоб кард, то роҳи наҷотро барои инсоният кушояд.

Ҳамин тавр, дар боқимондаи Аҳди Қадим халқи Худо «**Исроил**» номида мешавад, ва онҳо аз 12 қабила иборатанд, ки ба номи 12 писари Яъқуб номгузорӣ шудаанд.

# Юсуф ва афзуншавии халқи Худо

Худо халқи худро афзун мекунад! Аммо баъд як фалокат рӯй медиҳад. Ин чист? **Ҳастӣ 41:56**-ро хонед.[21]

Чӣ тавр Худо халқи худро аз гуруснагӣ наҷот дод? Хонед, ки Юсуф дар **Ҳастӣ 45:7** чӣ гуфт. [22]

Бобҳои 37–47-и Ҳастӣ дар бораи ҳикояи ҷолибе нақл мекунад, ки чӣ тавр бародарони Юсуф ӯро ба ғуломӣ фурӯхтанд ва чӣ тавр Юсуф муҳимтарин шахси Миср дар назди фиръавн шуд. Он ба мо нишон медиҳад, ки чӣ тавр Худо халқашро муҳофизат мекард ва ба онҳо ғамхорӣ менамуд, ҳатто вақте ки онҳо гуноҳкор буданд ва корҳои даҳшатнок мекарданд. Он инчунин марҳамати Худоро нисбат ба мардуми Миср нишон медиҳад, то онҳо низ аз гуруснагӣ наҷот ёбанд.

**Ҳастӣ 15:13**-ро хонед. Халқи Худо чанд сол дар Миср зиндагӣ кард? [23]

**Ҳастӣ 46:27**-ро хонед. Шумораи халқи Худо ҳангоми ба Миср омадан дар замони Юсуф чӣ қадар буд? [24]

**Ададҳо 1:46**-ро хонед. Бо мурури замон онҳо чӣ қадар шуданд? [25]

Акнун шумораи онҳо ба қадри кифоя буд, то ки замини ваъдашударо ба даст оваранд ва дар он зиндагӣ кунанд!

**Хуруҷ 1:8–13**-ро хонед. Ду мушкилӣ барои халқи Худо дар аввали китоби Хуруҷ кадомҳо ҳастанд? [26]

**Ҳастӣ 50:24:** «*Он гоҳ Юсуф ба бародарони худ гуфт: „Ман мемурам; вале Худо ба шумо ҳатман таваҷҷуҳ мекунад ва шуморо аз ин сарзамин сӯи сарзамине ки барои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрдааст, берун меоварад“*».

Юсуф медонист, ки Худо нақшаи худро барои халқаш иҷро мекунад. Юсуф медонист, ки Худо иҷро намудани нақшаи худро барои халқаш давом дода истодааст.

Шумо низ як қисми нақшаи Худо ҳастед, то ки ба бисёр одамон наҷот ояд! Ҳар як шахс бояд имкон дошта бошад, ки дар бораи Исо ва ҳаёти абадӣ, ки танҳо Ӯ ба мо дода метавонад, шунавад.

**Чӣ тавр шумо дар ҳаёти худ ба Худо хизмат мекунед?**

# Ҷавобҳо

1 – Ривқо.
2 – Ҳар дуи онҳо муддати зиёд бефарзанд буданд, ва кӯдаке ки акнун доштанд, атои муъҷизаноки Худо буд.
3 – Худо гуфт, ки Ривқо писарони дугоник таваллуд мекунад, ки аҷдодони 2 миллати гуногун хоҳанд буд. Ва калонӣ ба хурдӣ хизмат хоҳад кард.
4 – Пеш аз офариниши дунё!
5 – «Барои ситоиши ҷалоли Ӯ». То ки ӯ ҷалол ёбад!
6 – Бозхарид шудан ба воситаи хуни Ӯ, бахшидашавии ҷиноятҳои мо.
7 – Борҳо — ӯ онро ба мо дод!
8 – Роҳел.
9 – Леё.
10 – Вай канизи худ Билҳоро ба ӯ дод, то ки барои Роҳел фарзанд таваллуд кунад.
11 – 2.
12 – Вай канизи худ Зилфоро ба Яъқуб дод, то ки барои Леё фарзандони бештаре зояд.
13 – 2.
14 – Вай ҳаққи хамхобагӣ бо шавҳарашро бо меҳргиёҳҳо «харид»!
15 – 2 писару як духтари дигар таваллуд кард.
16 – Юсуфро таваллуд кард.
17 – Вай писари дуюмро зоид ва баъд мурд.
18 – 12.
19 – Исроил
20 – 12 сибти Исроил.
21 – Гуруснагӣ аст.
22 – Худо Юсуфро пеш аз аҳли оилаи ӯ (ба Миср) фиристод, то намиранд.
23 – 400 сол.
24 – 70.
25 – Тақрибан 2 миллион нафар — 603 000 мард, илова бар он занон ва кӯдакон.
26 – Онҳо дар Миср буданд. Миср он кишваре набуд, ки Худо ба онҳо ваъда дода буд, ва онҳо ғулом буданд.

## *Викторина оид ба китоби Ҳастӣ*

1. Кӣ дар ибтидо бо Худо буд? [1]

2. Кадом натиҷаҳои гуноҳро мо фаҳмидем? [2]

3. Кӣ дар замони Нӯҳ аз доварии Худо раҳоӣ ёфта метавонист? [3]

4. Худо ба Иброҳим кадом се ваъдаро дод? Кай онҳо пурра иҷро мешаванд? [4]

5. Писари Иброҳим, ки Соро таваллуд кард, чӣ ном дошт? [5]

6. Ҳангоме ки Соро Исҳоқро таваллуд кард, Иброҳим чандсола буд? [6]

7. Исҳоқ чанд фарзанд дошт? [7]

8. Онҳо чӣ ном доштанд? [8]

9. Ба воситаи кадом писар Худо иҷро намудани ваъдаашро давом дод? [9]

10. Худо ба Яъқуб чӣ номи нав дод? [10]

11. Яъқуб чанд писар дошт? [11]

12. Онҳо дар Китоби Муқаддас киҳо шуданд? [12]

13. Кӣ писари дӯстдоштаи Яъқуб буд? [13]

14. Худо чӣ кор кард, то ки онҳо аз гуруснагӣ намуранд? [14]

15. Халқи Худо чанд сол дар Миср зиндагӣ кард? [15]

16. Шумораи халқи Худо ҳангоми ба Миср омадан чӣ қадар буд? [16]

17. Онҳо чӣ қадар зиёд шуданд (Ададҳо 1:46)? [17]

18. Дар охири китоби Ҳастӣ ва дар китоби Хуруҷ халқи Худо ба кадом ду мушкилӣ рӯ ба рӯ шуд? [18]

## Ҷавобҳо

1 – Калом ва Рӯҳулқудс.
2 – Онҳо шарм доштанд;
Гуноҳ муносибатҳои онҳоро вайрон кард;
Худо заминро лаънат хонд;
Гуноҳ дард ва маргро овард;
Гуноҳ муносибатҳои онҳоро бо Худо вайрон кард.
3 – Ҳамаи касоне ки ба киштӣ даромаданд.
4 – Баракат, халқ, замин. Ин ваъдаҳо он вақт пурра иҷро мешаванд, ки Исо омада моро мегирад, то ки мо бо Ӯ дар офариниши нав зиндагӣ кунем.
5 – Исҳоқ.
6 – 100-сола.
7 – Ду писар.
8 – Яъқуб ва Эсав.
9 – Ба воситаи Яъқуб.
10 – Исроил.
11 – 12 писар.
12 – Падарони 12 сибти Исроил.
13 – Юсуф.
14 – Худо онҳоро ба Миср равона кард.
15 – 400 сол (Ҳастӣ 15:13).
16 – 70 кас (Ҳастӣ 46:27).
17 – 2 миллион кас — 603 000 мардҳо, ба иловаи занон ва кӯдакон. Ин миқдор одамон барои ба даст овардани замини ваъдашуда ва сокин шудан дар он кофӣ буд.
18 – Халқи Худо дар Миср зиндагӣ мекард. Худо Мисрро ба онҳо ваъда накарда буд. Халқи Худо дар Миср дар ғуломӣ буд.

Дарси 7:

# Худо наҷотдиҳанда аст



Авлодони Иброҳим дар аввали китоби Хуруҷ дар вазъияти хеле вазнин буданд.

**Хуруҷ 1:8–11,15–16,22**-ро хонед.

Халқи Исроил чӣ гуна зиндагӣ мекард? [1]

Дар ин вақти даҳшатовари азобҳо Худо нақшаи наҷот додани халқи Худро мекашид.

Як оилаи исроилӣ ба фармони фиръавн итоат накард. Модар писаракашро дар сабад пинҳон намуд. **Хуруҷ 2:1–10**-ро хонед.

Кӣ ин писаракро ёфт (ояти 5)? [2]

Писарак чӣ ном дошт (ояти 10)? [3]

Дар он замон халқи Худо дар бораи Худо маълумоти зиёд надошт. Мо мебинем, ки Худо Худро ба халқаш ошкор мекунад.

**Хуруҷ 2:23–3:17**-ро хонед.

Дар ин порча мо дар бораи Худо 4 ҳақиқати муҳимро мефаҳмем:

## 1. Худо касонеро наҷот медиҳад, ки медонанд, ки худро наҷот дода наметавонанд

Халқи Худо дар куҷост? [4]

Мушкилии онҳо дар чӣ буд? [5]

Онҳо ба кӣ эҳтиёҷ доштанд? [6]

Онҳо чӣ мекарданд (2:23)? [7]

Халқи Исроил медонист, ки фақат Худо онҳоро наҷот дода метавонад.

### Аҳди Ҷадид

**Юҳанно 8:34–36:** *«Исо ба онҳо ҷавоб дод: „Ба шумо сухани ҳақ ва ростро мегӯям, ҳар касе ки гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст. Ғулом аъзои доимии хонадон нест, аммо писар ҳамеша аъзои хонадон мемонад. Агар Писар шуморо озод кунад, он вақт ҳақиқатан озод хоҳед шуд“».*

Кӣ ғуломи гуноҳ аст? [8]

Оё мо бояд абадан ғуломони гуноҳ бошем? [9]

Кӣ моро озод карда метавонад? [10]

Писари Худо кист? [11]

Ҳамаи одамон аз кадом ҷиҳат ба исроилиён монанд ҳастанд? [12]

Мо бояд чӣ кунем? [13]

## 2. Худо барои наҷот додани халқи Худ шахсеро ба миён овард

**Аъмол 7:20–22:** Худо чӣ гуна Мусоро барои наҷот додани халқи худ тайёр кард? [14]

**Аъмол 7:23–29:** Оё Мусо шахси комил буд? [15]

Худо Мусоро тайёр мекард, то ки ӯ халоскунандаи халқи худ шавад. Азбаски ӯ дар қасри фиръавн ба воя расида буд, ӯ бо фиръавн гап зада метавонист. Ҳеҷ як исроилӣ ин корро карда наметавонист. Аммо Мусо ба Миср баргаштан намехост. Ӯ медонист, ки фиръавн халқро иҷозати рафтан намедиҳад.

**Хуруҷ 3:12:** Худо ба Мусо чӣ ваъда дод? [16]

Бо ёрии Худо ӯ метавонад халқи Худоро наҷот диҳад!

Чаро Мусо барои халос кардани халқи Исроил шахси мувофиқ буд? [17]

Аммо Мусо Наҷотдиҳандаи комил набуд. Ӯ шахсе набуд, ки шайтонро мағлуб мекунад (Ҳастӣ 3:15).

2 чизро ёбед, ки нишон медиҳанд, ки Мусо барои халос кардани халқи Худо мувофиқ набуд? [18]

Замоне Худо Наҷотдиҳандаи комилро мефиристад, то ки халқи Худро барои ҳамеша наҷот диҳад.

### Аҳди Ҷадид

**Матто 1:20–23:** Писари Марям кадом ду ном хоҳад дошт ва онҳо чӣ маъно доранд? [19]

Исо ягона шахсе аст, ки моро барои ҳамеша наҷот дода метавонад!

Ӯ Писари Худост — Худо бо мост!

## 3. Худи Худо ба ҷаҳони мо меояд, то ки одамонро халосӣ диҳад

**Хуруҷ 3:8:** Худо чӣ кор мекунад? [20]

### Аҳди Ҷадид

**Юҳанно 1:14:** Калом (Исо) чӣ кор кард? [21]

Чун дар замони Мусо, Худо дар Аҳди Ҷадид фуруд омад, то моро халосӣ диҳад.

Динҳои дигар мегӯянд, ки мо бояд бо амалҳо сазовори он шавем, ки Худо моро шунавад, то ки Худо моро ба осмон қабул кунад. Аммо мо ба Худо писанд омадан наметавонем. Мо ҳеҷ гоҳ ба қадри кофӣ хуб шуда наметавонем, то ки Ӯ моро қабул кунад.

**1 Юҳанно 4:10:** *«Ана ин муҳаббат аст, ки на мо Худоро дӯст доштем, балки Ӯ моро дӯст дошт ва Писари Худро фиристод, то ки Ӯ барои ором кардани ғазаби Худо ва бахшида шудани гуноҳҳои мо фидо шавад».*

Худо чӣ кор кард? [22]

Писари Худо ба ҷаҳони мо омад, то ки барои мо бимирад ва моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад!

Фарқи байни имони масеҳӣ ва дигар динҳо дар чист? [23]

## 4. Худо ягона Худои ҳақиқӣ аст

Халқи Худо дар бораи Худо маълумоти кам доштанд. Фиръавн дар назари исроилиён боқувват метофт, ва Мусо аз фиръавн метарсид. Худо мехост, ки Мусо донад, ки фиръавн дар муқоиса бо Худо ҳеҷ аст!

Кӣ қудрати бештар дорад: ҳокими кишвар ё Худо? [24]

**Хуруҷ 3:14:** Худо чӣ ном дорад? [25]

Дар Китоби Муқаддас номи Худо ба мо мегӯяд, ки Ӯ кист.

«Ман ҳастам» ба забони ибронӣ Яҳува аст — ин номи Худост. Аммо яҳудиён истифода бурдани номи Худоро дӯст намедоштанд. Аз ҳамин сабаб дар Аҳди Қадим, Яҳува ҳамчун «Парвардигор» тарҷума шудааст.

Ин ном ба мо мегӯяд, ки Худо ба худоёне, ки халқҳои атрофи Исроил парастиш мекарданд, монанд нест. Ӯ зинда аст! Ӯ абадӣ аст! Ӯ қодири мутлақ аст! Ӯ ваъдаи ба Иброҳим додаашро фаромӯш накард! Худо Худои вафодор аст!

Ин ном ба мо дар бораи Худо чӣ мегӯяд? [26]

## Аҳди Ҷадид

Айнан ҳамин тавр дар Инҷили Юҳанно Исо 7 бор Худро «Ман ҳастам» меномад (мо инро дар тарҷумаи юнонӣ назар ба баъзе тарҷумаҳо аниқтар мебинем).

Масалан: дар Юҳанно 14:6: *«Ман роҳ, ҳақиқат ва ҳаёт ҳастам. Ҳеҷ кас пеши Падар намеояд, магар ин ки фақат ба воситаи Ман».*

Исо бо ин суханон чиро дар назар дорад? [27]

Фақат Исо моро аз гуноҳҳо ва шайтон наҷот дода метавонад!

## Мо дар ин дарс дар бораи Худо чиро фаҳмидем?

# Вазифаи хонагӣ

Дар бобҳои 1-ум то 14-уми китоби Хуруҷ мо мефаҳмем, ки чӣ гуна Худо исроилиёнро наҷот дод. Ин бобҳоро дар ин ҳафта хонед ва он чиро, ки дар бораи Худо фаҳмидед, нависед.

# Ҷавобҳо

1 – Онҳо дар зери зулм буданд, онҳо ғуломони аз озодӣ маҳрум буданд, ва фиръавн фармуд, ки писарони навзоди онҳо кушта шаванд.
2 – Духтари фиръавн.
3 – Мусо.
4 – Дар Миср.
5 – Онҳо ғуломони мисриён буданд.
6 – Ба касе эҳтиёҷ доштанд, ки онҳоро наҷот диҳад — онҳо худашон худро наҷот дода наметавонистанд.
7 – Онҳо ба Худо муроҷиат карданд, то Ӯ ба онҳо ёрӣ расонад.
8 – Ҳамаи касоне ки гуноҳ мекунанд, ғуломони гуноҳ ҳастанд, яъне ҳамаи одамон!
9 – Не!
10 – Писар.
11 – Исо!
12 – Мо низ ғулом ҳастем! Мо ғуломони гуноҳ ҳастем! Мо худро наҷот дода наметавонем, чунон ки исроилиён наметавонистанд.
13 – Монанди исроилиён, мо бояд ба Худо фарёд намоем, то ки Ӯ моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад.
14 – Мусо ба ду забон гап мезад — мисрӣ ва ибронӣ. Ӯ таҳсилоти хуб ба даст оварда буд. Мусо дар қасри фиръавн ба воя расида буд ва аз ҳамин сабаб бо фиръавн гап зада метавонист.
15 – Не!
16 – Худо ваъда дод, ки бо Мусо хоҳад буд.
17 – Ӯ ягона исроилӣ буд ки бо фиръавн гап зада метавонист.
18 – Зеро ӯ аз фиръавн метарсид, ва ӯ мисриеро кушта буд.
19 – «Исо» — Худо наҷот медиҳад — зеро Ӯ халқи Худро аз гуноҳҳояшон наҷот медиҳад. «Имонуил» — Худо бо мост.
20 – Худо фуруд омад, то ки исроилиёнро наҷот диҳад.
21 – Калом Одам шуд ва дар байни мо зиндагӣ мекард.
22 – Ӯ писари Худро фиристод, то ки кафорате барои гуноҳҳои мо бошад.
23 – Дигар динҳо ба мо мегӯянд, ки мо бояд бо хизматҳо сазовори он шавем, ки Худо моро шунавад ва ба биҳишт қабул кунад. Китоби Муқаддас ба мо таълим медиҳад, ки корҳои неки мо ҳеҷ гоҳ басанда нахоҳанд буд, то ки мо назди Худо омада тавонем. Аммо Писари Худо аз осмонҳо фаромад, то ки барои мо бимирад ва моро аз гуноҳҳоямон наҷот диҳад.
24 – Худо!
25 – Ман ҳастам!
26 – Худо ба худоёни дигар монанд нест. Ӯ зинда аст! Ӯ абадӣ аст! Ӯ қодири мутлақ аст! Ӯ ваъдаи ба Иброҳим додаашро фаромӯш накард! Худо Худои вафодор аст!
27 – Исо мехост, ки одамон фаҳманд, ки Ӯ Писари Худост. Ва танҳо ба воситаи Ӯ одамон Худои Падарро (Яҳува) шинохта метавонанд!

## Дарси 8:

# Худо ба воситаи Қурбонӣ наҷот медиҳад



Дар ин дарс мо мефаҳмем, ки Худо — Довари тавоно ва Наҷотдиҳанда аст. Мо бояд наҷоти аҷоиби Ӯро дар ёд нигоҳ дорем!

## Ҷазоҳо (Китоби Хуруҷ Бобҳои 5–11)

Фиръавн бар зидди Худо мубориза мебарад. Худо борҳо фиръавнро огоҳ мекард, ки ӯ ва халқаш ҷазо дода мешаванд.

Худо ба фиръавн ва халқи Миср кадом ҷазоҳоро фиристод (Бобҳои 7–11)? [1]

Мо аз Хуруҷ 7:17 дар бораи Худо чиро фаҳмидем? [2]

Худо тавоно аст! Ӯ аз фиръавн хеле тавонотар аст (ва Ӯ аз шайтон хеле тавонотар аст)! Фиръавн роҳи беитоатӣ ба Худоро интихоб менамояд.

Кадом ҷазо аз ҷониби Худо барои мисриён охирин гардид? [3]

Исроилиён низ гуноҳ мекарданд. Марги нахустзодаҳо на танҳо ба мисриён, балки ба исроилиёне, ки ба Худо итоат накарданд, дахл дошт.

Дар натиҷаи ин ҷазои даҳшатовар фиръавн исроилиёнро иҷозати рафтан дод. Ҳамин тавр, ин ҷазо роҳи наҷоти халқи Худо гардид.

Мо дар Китоби Муқаддас доварӣ ва наҷотро ҳамеша якҷоя мебинем. Ин ба мо дар бораи Худо чӣ мегӯяд? [4]

# Наҷот

**Хуруҷ 12:1–30**-ро хонед.

## Хун

Худо исроилиёнро аз доварӣ ҳимоя намуд. Доварӣ аз он иборат буд, ки ҳар як нахустзодаи мардина бояд мемурд.

Исроилиён бояд чӣ мекарданд, то ки дар оилаҳои онҳо ин рӯй надиҳад? [5]

Ҳангоме ки Худо хунро мебинад, чӣ мекунад (ояти 13)? [6]

Хуни барра нахустзодаҳои онҳоро аз марг наҷот медиҳад. Дар ҳар як оила барра ба ҷои писар мурд.

## Аҳди Ҷадид

Пас аз 1500 соли ин воқеаҳо, Яҳё дар бораи Исо чӣ мегӯяд (Юҳанно 1:29)? [7]

Ин чӣ маъно дорад? [8]

## Хӯрок

**Хуруҷ 12:8:** Исроилиён боз бояд чӣ мекарданд? [9]

Худо халқи Худро на танҳо ҳимоя мекунад, балки ҳамчунин хӯрок медиҳад. Барра барои онҳо ғизое гардид, ки ба онҳо бахри роҳи дар пеш истода қувват дод. Саҳарии рӯзи дигар онҳо бояд ба сафари дуру дароз ва мушкил мебаромаданд!

Худо на танҳо дар он шаби раҳоӣ ба халқи Худ хӯрок дод, Ӯ дар давоми 40 соли минбаъда, то даме ки онҳо дар биёбон буданд, ба онҳо хӯрок медод.

**Хуруҷ 16:31–35**-ро хонед. Исроилиён дар давоми 40 сол ҳар рӯз чӣ мехӯрданд? [10]

Худо дар сафар ҳамаи эҳтиёҷоти онҳоро қонеъ мегардонд.

## Аҳди Ҷадид

Исо дар **Юҳанно 6:35** дар бораи Худ чӣ мегӯяд? [11]

Ин чӣ маъно дорад? [12]

Мо бо ноне, ки Исо дар бораи он мегӯяд, бояд чӣ кунем (**Юҳанно 6:51**)? [13]

Ин чӣ маъно дорад? [14]

Исо мурд, то ки моро аз доварии Худо наҷот диҳад. Ӯ дар роҳ ба сӯи ҳаёти абадӣ ва дар сафар ба сӯи хонаи абадиямон ҳама чизи даркориро ба мо медиҳад.

# Он чиро, ки Худо кард, дар ёд нигоҳ доред!

## Ид!

Чаро Иди Песаҳ ҳар сол дар ин вақт ҷашн гирифта мешавад (ояти 14,25–27)? [15]



## Аҳди Ҷадид

Мо аз ғуломӣ ва марг наҷот ёфтани худро чӣ гуна ҷашн мегирем (1 Қӯринтиён 11:23–26)? [16]

Нон ва май рамзҳои чӣ мебошанд? [17]

Чаро марги Исоро мо бояд дар ёд нигоҳ дорем? [18]

### Мо бояд чӣ кунем, то боварӣ ҳосил намоем, ки кореро, ки Исо бароямон кард, фаромӯш накардаем?

### Ин беҳтарин хабар аст! Онро ба кӣ расондан мехоҳед?

# Ҷавобҳо

1 – Ҷазоҳое ки Худо ба фиръавн ва халқи Миср фиристод: ба хун табдил ёфтани об, қурбоққаҳо, пашшаҳо, магасҳо, нобуд шудани чорво, варамҳо, жола, малах, торикӣ, марг.
2 – Худо Худованд аст.
3 – Худо ҳар як нахустзодаро дар оилаҳои мисриён нобуд кард.
4 – Худо дар як вақт ҳам Довар аст, ҳам Наҷотдиҳанда.
5 – Исроилиён бояд барраро мекуштанд ва аз хуни он ба паҳлудариҳо ва болодариҳои хонаҳояшон мемолиданд.
6 – Худо хунро дида, гузашта меравад — Ӯ онҳоро нобуд намекунад.
7 – *Ана ин аст Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро аз байн мебарад!*
8 – Исо дар ҷои мо хоҳад мурд. Хуни у моро аз марг эмин медорад.
9 – Худо ба онҳо мегӯяд, ки бихӯранд! Онҳо бояд барраро пухта, мехӯрданд ва нон мепухтанд ва мехӯрданд.
10 – Манн.
11 – *Ман нони ҳаёт ҳастам. Ҳар касе ки назди Ман биёяд, гурусна нахоҳад монд ва ҳар касе ки ба Ман имон оварад, ҳаргиз ташна нахоҳад шуд.*
12 – Танҳо Исо метавонад хоҳиши моро (гуруснагии моро) барои муошират бо Худо қонеъ гардонад.
13 – Мо бояд инро бихӯрем!
14 – Мо бояд бо Исо муошират кунем. Мо бояд ба Исо иҷозат диҳем, ки бо мо гап занад ва моро дигар кунад. Мо бояд каломи Худоро хонем, дар бораи оятҳо мулоҳиза кунем ва ҳар рӯз дуо гӯем.
15 – Ба ёд оваред, ки чӣ тавр Худо онҳоро аз ғуломии Миср наҷот дод ва хуни барра онҳоро аз марг наҷот дод.
16 – Вақте ки мо дар шикастани нон якҷоя ҳастем.
17 – Бадан ва хуни Исо.
18 – Зеро ки Ӯ мурд, то ки Худо гуноҳҳои моро бахшад ва ба мо ҳаёти абадӣ бо Ӯ ато кунад!

Дарси 9:

# Гузаштан аз баҳр



**Хуруҷ 14:1–15:2**-ро хонед.

Фиръавн исроилиёнро иҷозати рафтан дод, аммо ҳангоме ки онҳо рафтанд, фиръавн қарорашро дигар карда, онҳоро бо лашкари худ таъқиб намуд.

Исроилиён лашкари фиръавнро дида, чиро ҳис карданд? [1]

Чаро исроилиён аз мисриён гурехта наметавонистанд? [2]

Ин вазъияти даҳшатовар буд!

Исроилиён барои наҷот ёфтан бояд чӣ мекарданд (14:22)? [3]

Чӣ қадар исроилиёнро Худо наҷот дод? [4]

Чӣ қадар сарбозони мисрӣ мурданд (14:28)? [5]

## Аҳди Ҷадид

Душмани мо кист (1 Петрус 5:8)? [6]

Пеш аз имондор шудан мо кӣ будем (Юҳанно 8:34)? [7]

Оё одамон худро аз гуноҳ ва шайтон наҷот дода метавонанд? [8]

Ба монанди исроилиён, ҳамаи одамон дар вазъияти ноилоҷ мебошанд!

Мусо пешопеши исроилиён аз баҳр гузашт, то ки онҳоро ба сӯи озодӣ барад.

Айнан ҳамин тавр Исо низ аз марг гузашт, то ки моро ба ҳаёти абадӣ оварад! Ӯ чун қурбонӣ барои гуноҳҳои мо, ки як бор ва барои ҳамеша оварда шудааст, дар салиб мурд. Ва Ӯ эҳё шуда, нишон дод, ки барои мо роҳро ба сӯи ҳаёти абадӣ тайёр кардааст. Ӯ пешопеши мо мерафт. Ӯ ҳозир низ, ҳангоме ки мо аз баҳр мегузарем, пешопеши мо меравад. Ҳангоме ки ҳаёти заминии мо ба охир мерасад, Исо моро ба замини ваъдашудаи абадӣ мебарад.

Ҳангоме ки исроилиён аз баҳр мегузаштанд, онҳо худро чунон ҳис мекарданд, ки гӯё ба марг рафта истодаанд. Ин тарсовар буд, аммо ин ягона роҳ ба сӯи озодӣ буд.

Айнан ҳамин тавр, ҳангоме мо қарор медиҳем, ки Исоро пайравӣ намоем, бояд барои худ бимирем.

Мо барои худ мемирем ва ба Исо имкон медиҳем, ки Ҳукмрони ҳаёти мо бошад. Ин ягона роҳ ба сӯи озодии ҳақиқӣ аст!

Барои худ мурдан чӣ гуна аст? Кардани кадом корҳоро мо бояд бас кунем?

Кардани кадом корҳоро мо бояд сар кунем?

**Ибриён 2:14–15:** *«Азбаски фарзандони Худо инсон ҳастанд ва аз гӯшту хун иборатанд, Исо низ инсон шуд. Зеро фақат инсон шуда Ӯ метавонист, бо марги Худ қудрати шайтонро, ки одамонро ба марг мебурд, нобуд кунад. Инчунин Исо онҳоеро, ки аз марг метарсиданду тамоми умри худ мисли ғуломони шайтон зиндагӣ мекарданд, бо марги Худ озод намуд»*.

Исо бо марги Худ чӣ кор кард? [9]

**Юҳанно 14:1–3:** *«Бигзор дилҳоятонро ғаму ғусса фаро нагирад! Ба Худо имон оваред ва ба Ман низ имон оваред! Дар хонаи Падари Ман ҳуҷраҳо бисёранд. Агар чунин намебуд, магар Ман ба шумо мегуфтам, ки рафта, барои шумо ҷой тайёр мекунам? Вақте ки Ман меравам ва барои шумо ҷой тайёр мекунам, баргашта, шуморо пеши Худ мебарам, то дар ҷое, ки Ман ҳастам, шумо ҳам бошед»*.

Исо ба куҷо бурдани моро ваъда медиҳад? [10]

**1 Тас. 4:16–17:** *«Зеро Худи Худованд аз осмон бо фармони қатъӣ, бо овози сардори фариштагону карнайи Худо фуруд меояд ва аввал онҳое, ки ба Масеҳ имон доштанд, пас аз мурдан зинда мешаванд. Сипас, мо, зиндаҳои боқимонда ҳамроҳи онҳо дар абре ба ҳаво, ба пешвози Худованд боло мешавем ва то абад бо Ӯ мемонем».*

Кай Исо моро ба назди Худ мегирад? [11]

## *Фикри иловагӣ:* Таъмид (ғӯта хӯрдан)

**Румиён 6:4:** *«Барои ҳамин ҳангоми таъмид гирифтан мо бо Масеҳ гӯронида шудаем, то ҳамон тавре ки Масеҳ ба воситаи бузургии Худо Падар аз мурдагон зинда шудааст, мо низ зиндагии нав дошта бошем».*

Таъмид чиро тасвир медиҳад? [12]

Ин ба он монанд аст, ки исроилиён аз баҳр гузаштанд..

# Пас аз наҷот ёфтан мо бояд чӣ кунем?

**Хуруҷ 14:31–15:1:** Исроилиён кадом се корро карданд, ҳангоме ки аз баҳр гузаштанд? [13]

Мо бояд чӣ кор кунем, ҳангоме ки Исо моро наҷот медиҳад? [14]

- Аз Худо тарсидан чӣ маъно дорад? [15]
- Шахсе ки ба Худо ва Исо имон дорад, чӣ кор мекунад? [16]
- Мо Худоро чӣ гуна ситоиш мекунем? [17]

Ситоиши мо ҳам ба Худо хурсандӣ меоварад, ҳам ба мо! Ҳар рӯз Худоро ситоиш намудан — одати хуб аст. Ин корро дар ҳар вақт кардан мумкин аст. Масалан, пеш аз ҳар хӯроκхӯрӣ.

Чӣ гуна ҳикояти Мусо, ки халқи Худоро аз баҳр мегузаронд, барои фаҳмидани он чи Исо барои мо кард, ёрӣ мерасонад? [18]

## Имрӯз Худо ба шумо чиро таълим дод?

## Ин дарсро ба кӣ расонда метавонед?

# Ҷавобҳо

1 – Исроилиён тарсиданд!
2 – Онҳо аз он сабаб гурехта наметавонистанд, ки аз як тараф баҳр буд, аз тарафи дигар — фиръавн ва сарбозони ӯ буданд. Илова ба ин, онҳо зуд ҳаракат карда наметавонистанд. Онҳо хеле бисёр буданд, кӯдакон ва мӯйсафедон, молу мулки бисёр — ҳамаи ин гурехтани исроилиёнро суст мекард.
3 – Барои он ки Худо исроилиёнро наҷот диҳад, онҳо бояд аз баҳр гузаранд.
4 – Ҳамаи исроилиён наҷот ёфтанд.
5 – Ҳама!
6 – Шайтон душмани мост, айнан ҳамон тавре ки фиръавн душмани исроилиён буд.
7 – Мо ғуломони гуноҳ будем, чунон ки исроилиён ғуломони фиръавн буданд.
8 – Не! Мо худро наҷот дода наметавонем, айнан ҳамон тавре ки исроилиён худро наҷот дода наметавонистанд.
9 – Ӯ қудрати шайтонро барҳам дод ва моро озод намуд. Айнан ҳамин тавр Худо қудрати фиръавнро барҳам дод ва халқи Худро озод намуд!
10 – Дар хонаи Падар, ки аз замини ваъдашуда хеле беҳтар аст, бо Ӯ будан!
11 – Ҳангоме ки Худованд Исо аз осмонҳо бармегардад ва имондороне ки мурдаанд, эҳё мешаванд.
12 – Ҳангоме ки мо дар об ғӯта мехӯрем, бо Исо мемирем. Ҳангоме ки аз об мебароем, бо Исо ҳаёти нав ба сар бурда метавонем.
13 – Онҳо аз Худо метарсиданд.
Онҳо ба Худо ва Мусо, хизматгори Ӯ бовар карданд.
Онҳо Худоро ситоиш намуданд.
14 – Мо бояд аз Худо тарсем.
Мо бояд ба Ӯ ва хизматгори Ӯ Исо бовар кунем.
Мо бояд Худоро ситоиш намоем.
15 – Ҳангоме ки мо аз Худо метарсем, мо гуноҳ намекунем. Худо ҳама корҳои мекардаи моро мебинад. Агар мо аз Худо тарсем, ғайбатгӯӣ намекунем, шикоят намекунем, ба дигарон бадӣ намехоҳем, дар телефон чизҳои бадро тамошо намекунем ва ғайра.
16 – Мо набояд ташвиш кашем. Масалан, Худо метавонад аз мо хоҳиш намояд, ки дар ягон ҷой зиндагӣ карда, дар он ҷо нури Исо бошем, ҳатто агар мо дар он ҷо зиндагӣ кардан нахоҳем. Ӯ дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад!
17 – Мо Худоро бо суханони Худ ситоиш мекунем ва ба Ӯ сурудҳои ҳамду сано мехонем!
18 – Мусо аз баҳр (марг) гузашт, то ки исроилиёнро ба сӯи озодӣ барад. Айнан ҳамин тавр Исо аз марг гузашт, то ки моро аз гуноҳ, марг ва шайтон ба сӯи ҳаёти абадӣ оварад!

# Дарси 10:
# Қурбониҳо



Аз ибтидои олам одамон Худоро парастиш менамуданд ва ба Ӯ қурбониҳо меоварданд. Масалан: Қобил ва Ҳобил (Ҳастӣ, боби 4-ум).

Одамон ҳамеша аз Худо баракат меҷустанд. Онҳо худро аз ғазаби Ӯ ҳимоя карданӣ мешуданд. Дар бисёр фарҳангҳо то ҳол чунин маросимҳо боқӣ мондаанд. Одамон фаҳмиданд, ки барои боздоштани ғазаби Худо марг даркор аст.

Барои чӣ одамон ба Худо доимо қурбонӣ меоварданд? Онҳо беш аз ҳама чиро мехоҳанд? [1]

Фақат дар замони Мусо Худо ба халқи Худ фаҳмонд, ки чӣ гуна Ӯро дуруст парастиш кардан даркор аст.

Ҳангоми парастиши Худо онҳо бояд ҳайвонеро мекуштанд ва онҳоро дар қурбонгоҳ месӯзонданд. Инро барои он кардан даркор буд, ки онҳо ду чизро фаҳманд:

1. **Гуноҳ бояд ҷазо дода шавад, ва ин ҷазо — марг аст.** Барои барқарор намудани муносибатҳо бо Худо, касе бояд мемурд.

   Исроилиён ҳар рӯз гуноҳ мекарданд ва аз ҳамин сабаб коҳинон бояд ҳар рӯз ҳайвонеро қурбонӣ мекарданд.

2. **Ба одамон даркор буд, ки касе ҷои онҳоро гирад.** Ҳайвон гуноҳ намекунад, одамон гуноҳ мекунанд. Ба одамон касе даркор буд, ки ба ҷои онҳо бимирад, то ки онҳо барои гуноҳҳои худ намиранд.

Ҳангоме ки одамон қурбонӣ мекарданд, онҳо бояд кадом ду ҳақиқатро мефаҳмиданд? [2]

## Китоби Ибодат

Китоби Ибодат дар бораи панҷ навъи қурбониҳо мегӯяд. Ба воситаи ин қурбониҳо Худо ба халқи Худ меомӯзонад, ки чӣ гуна ба Ӯ дуруст муносибат кардан даркор аст.

Ибодат, боби 1-ум — қурбонии сӯхтанӣ.

Ибодат, боби 2-юм — Қурбонии ҳадияи ордӣ.

Ибодат, боби 3-юм — Қурбонии осоиш.

Ибодат, боби 4-ум — Қурбонӣ барои гуноҳ.

Ибодат, боби 5-ум — Қурбонии ҷурм.

Қурбонии сӯхтанӣ ва қурбонии осоишро муфассалтар аз назар мегузаронем.

# Ибодат, боби 1-ум — қурбонии сӯхтанӣ.

Коҳинон бояд ҳар саҳар ва бегоҳ қурбонии сӯхтанӣ меоварданд. Онҳо бояд қурбониҳоро пурра месӯзонданд. Ҳеҷ кас набояд аз ин қурбонӣ мехӯрд. Қурбонии сӯхтанӣ ба онҳо меомӯзонад, ки Худо ба тамоми ҳаёти одам ҳақ дорад. Ин ба мо меомӯзонад, ки мо бояд тамоми ҳаёти Худро ба Худо диҳем.

Дар Аҳди Ҷадид мо дар ин бора мехонем:

**Румиён 12:1:** *«Бинобар ин, эй бародарону хоҳарон, ба хотири меҳрубонии Худо аз шумо илтимос мекунам, ки баданҳои худро ба мисли қурбонии зинда, пок ва писандида ба Худо бахшед. Зеро парастиши ҳақиқии шумо чунин аст».*

Мо бояд худро ва ҳаётамонро пурра ба Худо диҳем!

Қурбонии сӯхтанӣ ба мо чиро меомӯзонад? [3]

Кадом ояти Аҳди Ҷадид ба мо дар ин бора ёдрас мекунад? [4]

# Ибодат, боби 3-юм — Қурбонии осоиш.

Коҳинон аз ҳама гуна қурбонӣ хӯрда метавонистанд, ғайр аз қурбонии сӯхтанӣ.

Исроилиёне ки коҳин набуданд, гӯшти қурбонии осоишро хӯрда метавонистанд. Одамон ин қурбониро дар ҳузури Худо мехӯрданд. Ин ба одамон нишон медиҳад, ки ба воситаи қурбонии оштӣ онҳо бо Ӯ муошират карда метавонанд.

Дар Аҳди Ҷадид, ҳангоме ки халқи Худо якҷоя нонро пора мекунад ва май менӯшад, ин ба онҳо нишон медиҳад, ки онҳо бо Худо муошират карда метавонанд. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки нон бадани Исоро ифода менамояд, ва май — хуни Ӯро. Аз ҳамин сабаб ҳангоме ки Исо мурд, ин қурбоние буд, ки барои гуноҳҳои онҳо пардохт карда шуд.

Қурбонии осоиш ба мо чӣ медиҳад? [5]

Фарзандони Худо инро дар Аҳди Ҷадид чӣ гуна ба ёд меоваранд? [6]

# Оё қурбонӣ кардани ҳайвонҳо басанда аст?

**Ибриён 10:1–10**-ро хонед.

Мо аз куҷо медонем, ки қурбонӣ кардани ҳайвонҳо барои аз гуноҳҳо пок кардани мо басанда нест (ояти 1–2)? [7]

Қурбониҳо барои чӣ даркор буданд (ояти 3)? [8]

Барои чӣ Исо дар ин ҷаҳон таваллуд шуд (ояти 10)? [9]

Барои фаҳмидани коре, ки Исо барои мо кард, мо бояд Аҳди Қадимро фаҳмем. Мо ба қурбонӣ эҳтиёҷ дорем, то ки муносибатҳоямонро бо Худо барқарор намоем. Ҳайвонҳоро ба қурбонӣ овардан басанда набуд. Фақат қурбонии Исо ҳақиқатан метавонад моро аз гуноҳҳо пок кунад ва муносибатҳоямонро бо Худо барқарор кунад!

Чӣ гуна Аҳди Қадим ба мо дар фаҳмидани коре, ки Исо дар Аҳди Ҷадид кард, ёрӣ мерасонад? [10]

Ҳангоме ки мо гуноҳ мекунем, бояд чӣ кунем? [11]

Гуноҳ муносибатҳои моро бо Худо вайрон мекунад. Тавба муносибатҳои моро бо Худо барқарор менамояд. Аммо ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки Худо Худои қуддус аст, ва гуноҳи доимии исёнкорона боиси ғазаби Худо мешавад.

## Ҳангоме ки бо дӯстонатон дар бораи қурбониҳо гап мезанед, чӣ гуна дар бораи қурбоние, ки як бор ва барои ҳамеша оварда шудааст, нақл карда метавонед?

# Ҷавобҳо

1 – Одамон баракати Худо ва ҳимоятро аз ғазаби Ӯ меҷӯянд.
2 – Ҷазо барои гуноҳ — марг аст. Ба одамон ивазкунанда даркор аст.
3 – Худо сазовори он аст, ки мо ба Ӯ тамоми ҳаётамонро диҳем.
4 – **Румиён 12:1:** *«Бинобар ин, эй бародарону хоҳарон, ба хотири меҳрубонии Худо аз шумо илтимос мекунам, ки баданҳои худро ба мисли қурбонии зинда, пок ва писандида ба Худо бахшед. Зеро парастиши ҳақиқии шумо чунин аст»*.
5 – Қурбонии осоиш ба мо имкон медиҳад, ки бо Худо мушоширaт намоем.
6 – Мо дар пора кардани нон иштирок мекунем.
7 – Одамон доимо барои гуноҳ қурбониҳои нав меоварданд.
8 – Қурбониҳо барои он даркор буданд, ки ба одамон дар бораи гуноҳҳояшон ва муносибатҳои вайроншуда бо Худо ёдрас намоянд.
9 – Исо барои он дар ин ҷаҳон таваллуд шуд, ки як бор ва барои ҳамеша барои гуноҳҳои мо қурбонӣ оварад.
10 – Аҳди Қадим ба мо мефаҳмонад, ки ба мо қурбонӣ даркор аст, то ки муносибатҳоямонро бо Худо барқарор намоем. Ба қурбонӣ овардани ҳайвонҳо барои амалӣ шудани ин басанда нест. Фақат қурбонии Исо метавонад моро аз гуноҳҳо пок кунад ва муносибатҳоямонро бо Худо барқарор намояд!
11 – Тавба кардан.

Дарси 11:

# Даҳ фармуда



**Хуруҷ 20:1–17**-ро хонед.

## Чаро мо бояд ин қонунҳоро риоя намоем?

Одамон гумон мекунанд, ки агар ба фармудаҳо итоат намоянд, ба осмонҳо (биҳишт) мераванд. Онҳо боварӣ доранд, ки Худо касонеро, ки ба қадри кофӣ хуб ҳастанд, қабул мекунад. Аммо Китоби Муқаддас инро таълим намедиҳад! Мо ҳеҷ гоҳ ба монанди Худо хуб шуда наметавонем. Паёми ҳайратовари Китоби Муқаддас дар он аст, ки Худо моро бо вуҷуди гуноҳкор буданамон наҷот медиҳад! Мо аз он сабаб ба фармудаҳо итоат менамоем, ки Худо аллакай моро наҷот додааст ва халқи Худ гардондааст. Ҳангоме ки мо наҷоти Худоро қабул менамоем, бо хушнудӣ ба Ӯ итоат менамоем.

Ҳангоме ки Худо исроилиёнро аз ғуломӣ наҷот дод, соҳиб ва подшоҳи нави онҳо гардид. Худо ба онҳо қонунҳои хуброДод, ки исроилиён бояд ба онҳо итоат менамуданд. Ба Худо итоат намудани исроилиён нишон медод, ки онҳо ба подшоҳи нави худ, ки онҳоро наҷот дод, тааллуқ доранд.

Дар Аҳди Ҷадид айнан ҳамин тавр аст, ҳангоме ки Худо моро аз асорати шайтон озод намуд, Исо соҳиб ва подшоҳи нави мо гардид. Аз ҳамин сабаб мо бояд ба Ӯ хизмат намоем ва ба Ӯ итоат кунем! Итоаткории мо нишон медиҳад, ки мо ба подшоҳи навамон, ки моро наҷот дод, тааллуқ дорем.

Чаро мо бояд ба ин қонунҳо итоат намоем? [1]

## Қонуни Аҳди Ҷадид

Боре аз Исо пурсиданд, ки кадом фармудаи Шариат муҳимтарин аст? Исо ба ин чӣ ҷавоб дод?

**Матто 22:37–40**-ро хонед.

Ду қонуни муҳимтарин кадомҳоянд? [2]

Худи одам чунин зиндагӣ карданро ёд гирифта наметавонад. Аммо Худо ба мо Рӯҳулқудсро медиҳад, то ки мо чунин зиндагӣ карданро ёд гирем!

Қонунҳои Худо ба мо хислати Ӯро ошкор мекунанд. Мо ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудаем (Ҳастӣ 1:26). Ӯ мехоҳад, ки хислати мо торафт бештар ба хислати Ӯ монанд шавад.

Биёед дах фармудаи муҳимтаринро, ки Худо ба халқи Худ додааст, аз назар мегузаронем.

# Чор фармудаи аввал

4 фармудаи аввал ба мо меомӯзонанд, ки мо бояд ба Худо чӣ гуна муносибат намоем.

**1.** Худо дар фармудаи якум чӣ дастур медиҳад (Хуруҷ 20:3)? [3]

Худо аз кадом ҷиҳат ба шавҳар монанд аст? [4]

Ин фармуда бо фармудаи баъдина алоқаи наздик дорад.

**2.** Худо дар фармудаи дуюм чӣ дастур медиҳад (ояти 4)? [5]

Бут чист? [6]

Мо дар куҷои ҷаҳони гирду атроф сурат ва шабоҳати Худоро дида метавонем (Ҳастӣ 1:26)? [7]

Парастиши одамоне, ки мо ба онҳо нигоҳ мекунем, хеле осон аст!

Мушкилии парастиши бутҳои сохтаи одам дар чист? [8]

Мо ҳеҷ гоҳ набояд ба расмҳо ё ҳайкалҳо дуо гӯем, ҳатто агар дар онҳо Исо тасвир шуда бошад.

Ҳар чизе ки бароямон аз Худо азизтар аст, барои мо бут гардида метавонад.

Одамон кадом навъҳои бутҳоро мепарастанд? [9]

**3.** Худо дар фармудаи сеюм (Хуруҷ 20:7) чӣ дастур медиҳад? [10]

Амалҳои мо бояд бо суханони мо мувофиқ бошанд. Мо набояд дурӯя бошем. Агар мо гӯем, ки Худоро дӯст медорем, бояд ба Ӯ итоат кунем.

**Румиён 2:24:** *«Ба сабаби шумо номи Худо дар байни ғайрияҳудиён дашном дода мешавад».*

Кай мо номи Худоро дашном медиҳем? [11]

Эҳтироми мо ба номи Худо дар чӣ ифода меёбад? [12]

**Луқо 6:46:** «*Чаро Маро „Хоҷа! Хоҷа!“ меномеду гуфтаҳоямро иҷро намекунед?*»

Мушкилии ин одамон дар чӣ буд? [13]

Кай одамон номи Худоро беҳуда ба забон меоваранд? [14]

**4.** Худо дар фармудаи чорум чӣ дастур медиҳад (Хуруҷ 20:8)? [15]

Дар як ҳафта як рӯз ба мо даркор аст, то ки аз кор истироҳат кунем ва бо Худо ва имондорон вақт гузаронем. Ин рӯзро рӯзи шанбе ё рӯзи истироҳат меноманд. Муносибати мо бо Худо ва одамон аз кор муҳимтар аст!

Рӯзи шанберо риоя намуда, мо ба Худо нишон медиҳем, ки на ба қувваи худ, балки ба Худо боварӣ мекунем.

Агар мо ҳар рӯз, ҳафт рӯз дар ҳафта кор кунем, ин нишон медиҳад, ки мо барои қонеъ намудани ҳамаи эҳтиёҷотамон ба қувваи худ умед мебандем. Агар мо ҳар ҳафта як рӯз истироҳат кунем, ин нишон медиҳад, ки мо дар қонеъ намудани эҳтиёҷотамон ба Худо умед мебандем.

Агар мо рӯзи шанберо риоя намоем ва онро муқаддас дорем, ин барои Худоро дӯст доштани мо чӣ гуна ёрӣ расонда метавонад? [16]

# Фармудаҳои 5–10

6 фармудаи баъдина ба мо меомӯзонанд, ки ба якдигар чӣ гуна муносибат кардан даркор аст.

4 фармудаи аввал ба мо дӯст доштани Худоро меомӯзонанд. Бе муҳаббат ба Ӯ мо якдигарро дӯст доштан ва 6 фармудаи баъдинаро ба ҷо овардан наметавонем.

Барои риоя намудани 6 фармудаи баъдина мо бояд чӣ кор кунем? [17]

Худо дар ин 6 фармудаи баъдина чӣ дастурҳо медиҳад (ояти 12–17)? [18]

Оё риоя намудани ин фармудаҳо осон аст?

Дар **Матто 5:27–28** Исо мегӯяд: «*Шумо чунин гуфтаҳоро шунидаед „Зино накун“. Аммо Ман мегӯям, ҳар кас ки ба зане бо чашми шаҳватомез нигоҳ кунад, аллакай дар дили худ чунин гуноҳ мекунад*».

Исо дар ин оятҳо оид ба фикрҳои мо чӣ гуфтааст? [19]

Худо на танҳо дар берун хуб будани моро мехоҳад, Ӯ мехоҳад, ки мо дар дарун хуб бошем! Худо ба мо Рӯҳулқудсро ато менамояд, то ки мо ҳам дар берун ва ҳам дар дарун ба Ӯ итоат кунем! Худоро барои ин ҳамду сано гӯед.

Ҳангоми хондани Даҳ Фармуда мо бояд дар бораи фикрҳои худ чиро дар хотир дошта бошем? [20]

Чӣ тавр мо метавонем ҳам ботинан (дар дарун) ва ҳам зоҳиран (дар берун) итоат кунем? [21]

Аз Худо хоҳиш кунед, ки Рӯҳулқудсашро ба шумо ато намояд, то хислати шумо ҳарчи бештар ба хислати Ӯ монанд шавад!

## Хислати шумо нишон медиҳад, ки шумо ба кӣ тааллуқ доред?

*Ба таври иловагӣ:*

## Кадом фармудаҳоро ман бояд риоя намоям?

Оё фармудаҳое ҳастанд, ки мо ҳамчун ғайрияҳудиёне, ки дар Осиёи Марказӣ дар асри XXI зиндагӣ мекунем, риоя накарда метавонем? [22]

Дар Таврот қонунҳои зиёде ҳастанд. Мо аз куҷо дониста метавонем, ки кадом қонунро риоя намоем ва кадомашро не?

Ҳозир барои донистани ин мо бояд ба худ ду савол диҳем:

1. **Ин қонун дар он замон ба исроилиён чиро меомӯзонд?**
2. **Аҳди Ҷадид дар бораи ин қонун ё ин мавзӯъ ба мо чӣ мегӯяд?**

Кадом ду саволро бояд аз худ пурсем, то донем, ки оё ба қонунҳои Таврот итоат карданамон даркор аст ё не? [23]

Ду намуна:

### 1. Қонун дар бораи хӯрок

**Ибодат, боби 11-ум:** баъзе навъҳои гӯштро хӯрдан мумкин набуд (ояти 7-ум: гӯшти хук).



Мо бояд пеш аз ҳама ба худ чӣ савол диҳем? [24]

Ибодат 11:45 ба мо чиро таълим медиҳад? [25]

Исроилиён набояд чун халқҳои дигар зиндагӣ мекарданд. Онҳо бояд барои Худо муқаддас мебуданд. Халқи Худо бояд аз дигар халқҳо фарқ мекард.

Саволи дуюм, ки бояд аз худ пурсем, кадом аст? [26]

Оятҳои 1 Петрус 1:15–16 ба мо чиро меомӯзонанд? [27]

Худо мехоҳад, ки мо муқаддас бошем. Мо набояд чун дигар одамон зиндагӣ кунем, зеро мо ба Худо тааллуқ дорем.

Оятҳои Марқус 7:18–19 ба мо чиро меомӯзонанд? [28]

Вақте ки мо дар Ибодат оид ба хӯрокҳои пок ва нопок мехонем, набояд хавотир шавем, ки хӯрок нопок аст! Мо бояд дар бораи ҳаёти худ фикр кунем — оё мо ҳаёти муқаддас ба сар мебарем?

Дар партави ин қонун, мо бояд ёри худро (ҳамсояи худро) чӣ гуна дӯст дорем?

1 Қӯринтиён 8:13: *«Барои ҳамин, агар гӯшти қурбонӣ хӯрданам сабаби гуноҳ кардани бародарам шавад, пас беҳтар аст, ки ман асло гӯшт нахӯрам, то ки ӯро ба гуноҳ набарам».*

Агар имондор аз он нороҳат шавад, ки шумо гӯшти ҳайвони қурбонишударо мехӯред, оё онро хӯрданатон дуруст аст? [29]

## 2. Чашм дар ивази чашм, дандон дар ивази дандон



**Хуруҷ 21:23–25:** *«Вале агар зараре расад, он гоҳ ҷон дар ивази ҷон деҳ, чашм дар ивази чашм, дандон дар ивази дандон, даст дар ивази даст, пой дар ивази пой, сӯзониш дар ивази сӯзониш, захм дар ивази захм, лат дар ивази лат».*

Мо пеш аз ҳама бояд ба худ чӣ савол диҳем? [30]

Ин қонун барои доварон буд, то барои вайрон кардани қонун ҷазои дуруст диҳанд. Ин қатъитарин ҷазо буд, ки онҳо дода метавонистанд. Ҷазо бояд аз он чи Худо муқаррар кардааст, зиёдтар намебуд, Худо ба воситаи довар ба одамон иҷозат намедод, ки қасоси даҳшатовар гиранд (нигаред ба Ҳастӣ 4:24). Довар бояд одил ва меҳрубон мебуд. Ҳам имконият буд, ки шахс ба ҷои додани чашм ё дандон пул пардохт кунад. (Хуруҷ 21:26,27,30). Пас ин оятҳо ба онҳо таълим медоданд, ки Худо одил ва меҳрубон аст.

Оятҳо аз Хуруҷ 21:23–25 ба мо чиро меомӯзонанд? [31]

Саволи дуюм, ки бояд аз худ пурсем, кадом аст? [32]

Оятҳо аз Матто 5:38–39 ба мо чиро меомӯзонанд? [33]

Оят аз Румиён 12:19 ба мо чиро меомӯзонад? [34]

Худо ҳозир ҳам одил ва меҳрубон аст!

Ба қарибӣ Исо меояд, то ҷаҳонро доварӣ кунад ва ҳар гунаҳкорро мувофиқи корҳояш ҷазо диҳад. Ӯ адолатро меоварад!

Худо ҳама чизро мебинад. Ҳангоме ки одамон моро таъқиб мекунанд ва озор медиҳанд, бахшидан бароямон душвор аст. Аммо Китоби Муқаддас ба ҳама мегӯяд, ки мо бояд бахшем ва дӯст дорем (Матто 6:14–15). Бо қувваи худ ин корро карданамон ғайриимкон аст, аммо бо Рӯҳулқудс ин имконпазир аст.

Кадом ду саволро пурсиданамон лозим аст, то донем, ки оё бояд ба қонуни Таврот итоат кунем? [35]

**Барои якдигар дуо гӯед, то зиндагии муқаддас дошта бошед ва муҳаббати Худоро ба атрофиёнатон нишон диҳед!**

# Ҷавобҳо

1 – Чунки Худо моро наҷот дод ва халқи Худ гардонд. Ӯ подшоҳи мост!
2 – *Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, бо тамоми ҷони худ ва бо тамоми ақли худ дӯст дор, ва ёри худро монанди худ дӯст дор.*
3 – *Шуморо ба ҷои Худо худоёни дигар набояд бошанд.*
4 – Худо Худои рашкнок аст! Чунон, ки шавҳар намехоҳад занаш мардони дигарро дӯст дорад, Худо низ намехоҳад, ки мо худоёни дигарро дӯст дорем.
5 – Барои худ бут насозед.
6 – Ин ҳама гуна тасвири Худо аст, ки мо онро мепарастем.
7 – Ҳама одамон сурати Худо ҳастанд!
8 – Бут тасвири Худоро дода наметавонад — агар мо фикр кунем, ки мо Ӯро тасвир карда метавонем, ин Худоро меранҷонад.
9 – Суратҳо ё бутҳое ки мо ба онҳо дуо мекунем; пешвоёни сиёсӣ; одамони машҳур; пул; хона ва ғайра.
10 – *Номи Худованд Худои худро беҳуда ба забон наовар.*
11 – Вақте ки мо гуноҳ мекунем ва беитоатӣ мекунем.
12 – Вақте ки мо ба Ӯ итоат мекунем, Худоро эҳтиром мекунем.
13 – Онҳо мегӯянд, ки Худоро дӯст медоранд ва баъд беитоатӣ мекунанд.
14 – Вақте ки корҳо нохуб мешаванд, онҳо Худоро айбдор мекунанд («Оҳ Худо!»). Вақте ки корҳо хуб мешаванд, онҳо Худоро ҳамду сано намегӯянд.
15 – *Рӯзи шанберо дар хотир нигоҳ доред ва онро муқаддас доред.*
16 – Мо метавонем бо Худо вақт гузаронем ва бо имондорон вохӯрем.
17 – Ба 4 фармудаи аввал итоат кун!
18 – 5. Падару модаратро иззат намо.
6. Одамкушӣ накун.
7. Зино накун.
8. Дуздӣ накун.
9. Шаҳодати бардурӯғ надеҳ.
10. Тамаъ накун.
19 – Андешаҳои мо монанди амалҳои мо муҳиманд!
20 – Худо на танҳо мехоҳад, ки мо дар берун (зоҳиран) хуб бошем, Ӯ мехоҳад, ки мо дар дарун (ботинан) хуб бошем!
21 – Худо ба мо Рӯҳулкудсро медиҳад, то ки мо ҳам дар берун (зоҳиран) ва ҳам дар дарун (ботинан) итоат кунем!
22 – Ҳа!
23 – Дар он замон шариат ба исроилиён чиро таълим медод? Ва Аҳди Ҷадид ба мо дар бораи ин қонун ва ин мавзӯъ чиро таълим медиҳад?
24 – Дар он замон қонунҳо ба исроилиён чиро таълим медоданд?
25 – *Дар ҳама чиз муқаддас бошед.*
26 – Аҳди Ҷадид ба мо дар бораи ин қонун ва ин мавзӯъ чиро таълим медиҳад?
27 – *Дар ҳама чиз муқаддас бошед.*
28 – Мо ҳама чизро хӯрда метавонем!
29 – Не.
30 – Дар он замон шариат ба исроилиён чиро таълим медод?
31 – Худо одил ва меҳрубон аст.
32 – Аҳди Ҷадид ба мо дар бораи ин қонун ва ин мавзӯъ чиро таълим медиҳад?
33 – Қасос гирифтан лозим нест, вазифаи мо бахшидан аст.
34 – *Қасос нагиред, балки барои ғазаби Худо ҷой боқӣ гузоред.*
35 – Дар он замон қонунҳо ба исроилиён чиро таълим медоданд? Ва Аҳди Ҷадид ба мо дар бораи ин қонун ва ин мавзӯъ чиро таълим медиҳад?

# Дарси 12:
# Хаймаи муқаддас



## Худо бо мост

**Хуруҷ 25:1–22**-ро хонед.

Хаймаи муқаддас ҷое буд, ки Худо ваъда дода буд, ки дар он ҷо бо одамони Худ вомехӯрад. Дар қисми дохилии хайма ду ҳуҷра буд.

Ин ҳуҷраҳо чӣ ном доранд (Хуруҷ 26:33)? [1]

Дар Қудси қудсҳо чӣ ҷойгир буд (25:10–22)? [2]

Ҳангоме Хуруҷ 25:10–22-ро мехонем, чиро мефаҳмем? [3]

Каррубиён чӣ кор мекарданд (Ҳастӣ 3:24)? [4]

Каррубиён нишон медиҳанд, ки Худо он қадар пок ва қуддус аст, ки одамон ба Ӯ наздик шуда наметавонанд.

Дар атрофи хайма саҳн ва девор аз матоъ буд.

Дар саҳни хаймаи муқаддас чӣ буд? Нигаред ба **Хуруҷ 40:29–32**. [5]

Қурбонгоҳ ва лагани об барои он даркор аст, ки одамон дар назди Худо пок шаванд.

Ҳангоме ки халқи Худо дар биёбон сафар мекард, хаймаи муқаддасро бо худ мебурд.

Ва танҳо пас аз 500 сол подшоҳ Сулаймон дар замине, ки Худо ба халқи Исроил ваъда дода буд, ибодатгоҳ бино кард. Ибодатгоҳ ба хаймаи муқаддас монанд буд. Аммо он бинои мустаҳкам ва зебо буд. Ибодатгоҳ ҷое буд, ки Худо ваъда дода буд, ки бо халқи Худ вомехӯрад.

Ибодатгоҳ аз чӣ ҷиҳат ба хаймаи муқаддас монанд буд? [6]

### Аҳди Ҷадид

Дар замони Аҳди Ҷадид ба мо ибодатгоҳ даркор нест, зеро акнун калисо ибодатгоҳи Худост.

**1 Қӯринтиён 3:16:** «*Дар гузашта Худо дар макони муқаддасаш, яъне дар маъбад ҳузур дошт. Ҳоло бошад, донед, ки шумо маъбади Худо ҳастеду Рӯҳаш дар байни шумо зиндагӣ мекунад*».

Ҳозир барои вохӯрдан бо Худо ба ягон бино зебои махсус рафтанамон зарур нест. Барои вохӯрдан бо Худо мо бояд чӣ кунем ва ба куҷо равем? [7]

Худо ҳамеша бо халқи Худ аст!

## Худо қуддус аст

Худо моро барои он офарид, ки бо Ӯ муносибатҳои наздик дошта бошем. Барои халқи Худо он чиз муҳим аст, ки Ӯ бо онҳо зиндагӣ кунад. Бе Худо онҳо халқи Ӯ буда наметавонистанд!

Аммо исроилиён аз Худо метарсиданд. Онҳо медонистанд, ки Худо қуддус аст, ва онҳо гуноҳкоранд. Онҳо шоҳидони он буданд, ки Худо одамони гуноҳкорро ҷазо медиҳад (масалан, фиръавнро!).

Худо ваъда дода буд, ки бар сандуқи аҳд хоҳад буд. Сандуқ чун тахти Худо буд. Аммо сандуқро ҳеҷ кас намедид. Он дар Қудси қудсҳо буд, ва фақат саркоҳин соле як бор ба он наздик шуда метавонист. Ҳамин тавр, Худо бо онҳо буд, аммо аз онҳо ҷудо буд.

Халқи Худо бо кадом мушкилӣ рӯ ба рӯ шуд? [8]

### Чӣ тавр гуноҳкорон бо Худои қуддус вохӯрда метавонистанд?

Дар Аҳди Қадим барои бахшида шудани гуноҳҳо ба исроилиён ду чиз даркор буд.

1. **Қурбониҳо,** ки дар онҳо ҳайвон ба ҷои одам кушта мешавад.
2. **Саркоҳин,** ки қурбонии асосиро меовард.

Исроилиён бояд чӣ кор мекарданд, то ки бахшида шаванд? [9]

Аммо на саркоҳинон, на қурбониҳо комил буда наметавонистанд. Онҳо мушкилии гуноҳи моро ҳал карда наметавонистанд. Мақсади онҳо аз он иборат буд, ки моро ба қурбонии Масеҳ, ки мушкилии гуноҳи моро пурра ҳал мекунад, тайёр намоянд!

### Аҳди Ҷадид

**Ибриён 7:26–27:** (Дар бораи Исо сухан ронда) «*Мо ана ба ҳамин хел саркоҳине эҳтиёҷ дорем, ки пок ва беайбу нуқсон, ҷудо аз гуноҳкорон ва дар ҷойи болотарини осмон бошад. Бар хилофи саркоҳине, ки аз насли Левӣ буд, Исо зарурат надорад, ки ҳар рӯз аввал барои гуноҳҳои Худ ва баъд барои гуноҳҳои халқ қурбонӣ кунад. Зеро Ӯ Худро як бор ва барои ҳамеша барои гуноҳҳои одамон ҳамчун қурбонӣ тақдим намуд*».

Исо аз дигар саркоҳинон чӣ фарқ дорад? [10]

Қурбонии Ӯ аз қурбониҳои Аҳди Қадим чӣ фарқ дошт? [11]

Исо Саркоҳини комили мо ва Қурбонии комили мост!

**Маркус 15:37–38**-ро хонед. Дар ибодатгоҳ чӣ рӯй дод, ҳангоме ки Исо мурд? [12]

Ин ба мо нишон дод, ки акнун мо аз Худо ҷудо нестем! Ин беҳтарин хабар аст!

**Танҳо Исо одамони гуноҳкорро назди Худои Қуддус оварда метавонад!**

**Ибриён 10:19–22**-ро хонед. Мо бояд бо ин имконияти тасаввурнопазир чӣ кунем? [13]

**Юҳанно 14:6:** *«Исо ба ӯ гуфт: „Ман роҳ, ҳақиқат ва ҳаёт ҳастам. Ҳеҷ кас пеши Падар намеояд, магар ин ки фақат ба воситаи Ман“».*

Пас мо дар асоси чӣ ба Худо наздик шуда метавонем? [14]

Ҳозир одамон чӣ хел назди Худо омаданӣ мешаванд? [15]

### Оё шумо мебинед, ки Аҳди Қадим барои фаҳмидани Аҳди Ҷадид чӣ гуна ёрӣ мерасонад?

## Китоби Муқаддасро чӣ гуна дар давоми як сол хондан мумкин аст



Оё медонед, ки агар ҳар рӯз 2 боби Аҳди Қадим, 1 боби Аҳди Ҷадид ва як таронаи Забур хонед, дар давоми як сол тамоми Китоби Муқаддасро мехонед!

Китоби Муқаддасро чӣ гуна дар давоми як сол хонда метавонед? [16]

# Ҷавобҳо

1 – Қудс ва Қудси қудсҳо.
2 – Сандуқи аҳд.
3 – Сандуқ қуттии тиллоӣ буд (ояти 10–11).
Сандуқ сарпӯши махсус дошт, ва дар сарпӯш ду карубӣ буд (ояти 17–18).
Дар сандуқ ду лавҳасанг бо даҳ фармуда буд (ояти 21).
Худо ваъда дода буд, ки дар он ҷо бо одамони Худ вомехӯрад (ояти 22).
4 – Каррубиён дарахти ҳаётро посбонӣ мекарданд.
5 – Дар ҳавлӣ ду чиз буд: қурбонгоҳ ва лагани об.
6 – Дар ибодатгоҳ ду ҳуҷраи махсус буд: Қудс ва Қудси қудсҳо. Дар он қурбонгоҳ ва лагани калон барои пок кардани чизҳо.
7 – Мо бояд бо дигар имондорон вохӯрем ва ба хонаи дуо равем.
8 – Худо омад, то ки бо онҳо зиндагӣ кунад, вале онҳо гунаҳкор буданд, ва аз ҳамин сабаб ба Ӯ наздик шудан наметавонистанд.
9 – Саркоҳин ва қурбониҳо.
10 – Ӯ муқаддас, беайб, пок аст.
11 – Қурбонии Ӯ як бор ва барои ҳамеша буд.
12 – Пардаи ибодатгоҳ аз боло то поён ду пора шуд.
13 – Ба Худо наздиктар шавед!
14 – Мо ба воситаи Исо назди Худо меоем.
15 – Мисолҳои шахсии худро оваред.
16 – Ҳар рӯз 2 боби Аҳди Қадим, як боби Аҳди Ҷадид ва як таронаи Забурро (агар дароз бошад, ним суруд!) хонед.

# Дарси 13:
# Ҳаёт дар биёбон



Дар кӯҳи Сино Худо ба халқи худ қонунҳои зиёде дод. Онҳо хаймаи муқаддас сохтанд. Пас аз як сол исроилиён кӯҳи Синоро тарк карда, сафарро ба сӯи сарзамини ваъдашуда давом доданд.

## Тарс!

**Ададҳо 13:1–14:9**-ро хонед.

Чаро Мусо 12 нафарро ба замини ваъдашуда фиристод? [1]

Онҳо дар бораи замин чӣ омӯхтанд (13:28)? [2]

Ибораи «ширу асал ҷорӣ аст» чӣ маъно дорад? [3]

Онҳо дар бораи шаҳрҳои ин кишвар чӣ омӯхтанд (13:29)? [4]

Онҳо дар бораи одамоне, ки дар ин замин зиндагӣ мекарданд, чиро фаҳмиданд (13:33–34)? [5]

Аз 12 нафар чанд кас ба Худо боварӣ карданд (14:6–9)? [6]

Чанд нафари онҳо ба Худо боварӣ накарданд? [7]

10 нафари онҳо одамони азимҷуссаро дида, ба тарсу ҳарос афтоданд.

Колеб ва Еҳушаъ чӣ гуфтанд (ояти 31)? [8]

Ин ду нафар аз дигар фиристодашудагон чӣ фарқ доштанд? [9]

Кӣ боқувватар аст: Худо ё одамон? [10]

Ҳамаи онҳо медонистанд ва дар хотир доштанд, ки Худо барои онҳо чӣ кор карда буд. Худо барои онҳо чӣ кор карда буд? [11]

Аммо бо вуҷуди ин онҳо на аз Худо, балки аз одамон метарсиданд.

Он чиро, ки Худо барои мо кардааст, фаромӯш кардан хеле осон аст!

Чӣ ба мо ёрӣ мерасонад, ки он чизеро, ки Худо барои мо кардааст, дар ёд нигоҳ дорем? [12]

Агар чунин кунем, на аз одамон, балки аз Худо метарсем!

Вақте ки исроилиён аз Худо тарсиданро бас карданд, чӣ кор карданд (14:1–4)? [13]

Айнан ҳамин тавр, агар мо ба Худо боварӣ накунем, монанди халқи Исроил ба Ӯ итоат кардан намехоҳем.

**Ададҳо 14:20–25**-ро хонед. Худо ба исроилиён чӣ гуфт? [14]

**Такрори Шариат 1:1–3**-ро хонед. Дар натиҷаи нобоварӣ ба Худо бо исроилиён чӣ рӯй дод? [15]

Худо чунин кард, ки Исроил чил сол дар биёбон зиндагӣ кард, то даме ки ҳама калонсолон мурданд. Худо гуфт, ки танҳо фарзандони онҳо, инчунин Колеб ва Еҳушаъ ба замини ваъдашуда дохил мешаванд.

Чаро Худо ин корро кард? [16]

Вақте ки мо ба Худо боварӣ надорем, ин ба оқибатҳои ногувор оварда мерасонад.

# Аҳди Ҷадид

Замини ваъдашуда иҷрошавии ваъдаи Худо ба Иброҳим буд (Ҳастӣ 12:1–7). Ин ҷое буд, ки Худо бо халқи худ, Исроил сокин мешуд.

Замини ваъдашуда ҳамчунин тасвири Офариниши Нав аст, ки дар он халқи Худо то абад бо Ӯ зиндагӣ хоҳанд кард.

**Ибриён 11:16**-ро хонед. Одамони Аҳди Қадим (ки ба Худо боварӣ доштанд), чиро интизор буданд? [17]

**Юҳанно 3:16**-ро хонед. Агар мо хоҳем, ки қисми Офариниши Нав бошем ва ҳаёти абадӣ дошта бошем, бояд чӣ кор кунем? [18]

Агар мо ба Исо имон дошта бошем, ба замини абадии ваъдашуда дохил мешавем! Ин замини ваъдашуда аз замини ваъдашудаи Аҳди Қадим хеле беҳтар хоҳад буд!

# Ҳаёт дар биёбон

Дар муқоиса бо ҳаёт дар Офариниши Нав, ҳаёти мо дар рӯи замин мисли ҳаёти биёбон аст. Биёбон рамзи сафари мо дар давоми ҳаёт аст.

**Такрори Шариат 29:5–6**-ро хонед. Чӣ тавр Худо дар давоми 40 сол ба халқи худ дар биёбон ғамхорӣ мекард? [19]

Дар Аҳди Ҷадид Рӯҳулқудс Исоро дар давоми 40 рӯз ба биёбон бурд.

Чӣ тавр шайтон кӯшиш кард, ки Исоро дар **Матто 4:3** ба васваса андозад? [20]

Исо дар **Матто 4:4** ба ӯ чӣ ҷавоб дод? [21]

Барои зиндагӣ мо на танҳо ба нон эҳтиёҷ дорем, балки ҳамчунин бояд мувофиқи каломи Худо зиндагӣ кунем.

Исо боварӣ дошт, ки Худо дар ҳаққи Ӯ ғамхорӣ мекунад, чунон ки ба исроилиён ғамхорӣ мекард.

Дар **Юҳанно 6:35** Исо худро кӣ номид? [22]

Ин чӣ маъно дорад? [23]

Дар **Юҳанно 4:10** Исо ба зан дар назди чоҳ чӣ гуфт? [24]

Ин чӣ маъно дорад? [25]

Шумо чанд бор мехӯред ва менӯшед? Агар муддати дароз нахӯред ва нанӯшед, чӣ мешавад?

Барои солим нигоҳ доштани рӯҳи худ мо бояд ҳар рӯз ғизои рӯҳонӣ хӯрем ва нӯшем!

Барои солим будан мо бояд чӣ кор кунем? [26]

Сафари мо дар давоми ҳаёт бояд сафари имон бошад:

Мо бояд ба Худо боварӣ намоем ва ба Ӯ итоат кунем. Мо бояд ғизои рӯҳонӣ хӯрем ва нӯшем! Мо набояд аз азимҷуссаҳо тарсем, мо бояд аз Худо тарсем!

Мо дар ҳаёти худ бо кадом азимҷуссаҳо вомехӯрем?

Мо бештар аз кӣ метарсем: аз азимҷуссаҳо ё аз Худо?

Ҳангоме ки мо ба Худо боварӣ мекунем, мо гуноҳ намекунем.

Мо бояд одамони имондор бошем, на тарсанда!

### Имрӯз Худо ба шумо чӣ мегӯяд?

## Ҷавобҳо

1 – Барои аз назар гузарондани замини ваъдашуда ва маълумот пайдо кардан дар бораи шаҳрҳо, одамон ва замин.
2 – Дар ин сарзамин ширу асал ҷорӣ аст.
3 – «Ширу асал ҷорӣ аст» маънои онро дорад, ки дар ин сарзамин чорво ва занбӯри асал зиёд аст. Занбӯр барои парвариши растаниҳо аҳамияти калон дорад. Ин ба мо нишон медиҳад, ки замин хеле ҳосилхез буд.
4 – Шаҳрҳои он хеле калон ва мустаҳкам буданд.
5 – Ҳамаи одамоне ки онҳо дар он ҷо диданд, ба таври ғайриоддӣ калон буданд. Онҳо дар он ҷо азимҷуссаҳоро диданд.
6 – Аз 12 нафар танҳо 2 нафар ба Худо боварӣ карданд!
7 – 10 нафар ба Худо боварӣ надоштанд.
8 – Мо бояд рафта ин заминро соҳиб шавем! Мо ин корро карда метавонем!
9 – Колеб ва Эҳушаъ аз Худо метарсиданд, вале фиристодагони дигар аз одамон метарсиданд.
10 – Худо!
11 – Худо онҳоро аз дасти фиръавн наҷот дод ва ҳангоми баромадан аз Миср мӯъҷизаҳои ғайриоддӣ ба амал овард.
12 – Мо бояд ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонем ва Ӯро ҳамду сано гӯем. Сурудҳои хуб он чиро, ки Худоро дар ҳаёти мо кардааст, хотиррасон мекунанд. Мо бояд мунтазам бо имондорон вохӯрем, то ки бо онҳо Худоро ҳамду сано гӯем ва каломи Ӯро омӯзем.
13 – Халқи Исроил роҳи беитоатӣ ба Худоро интихоб карданд ва ба сарзамини ваъдашуда надаромаданд.
14 – То ки онҳо сарзамини ваъдашударо набинанд.
15 – Роҳ аз кӯҳи Сино то сарзамини ваъдашуда дур набуд, ҳамагӣ 11 рӯз буд. Аммо сафари исроилиён 40 сол давом кард!
16 – Зеро ки Исроил ба Худо бовар намекард.
17 – Онҳо мунтазири кишвари беҳтари осмонӣ — Офариниши Нав буданд!
18 – Мо бояд ба Исо бовар кунем (ва таваккал намоем)!
19 – Ӯ дар давоми 40 сол ба онҳо об, нон ва ҳама чизҳои даркориро медод.
20 – Ба Исо гуфт, ки сангҳоро ба нон табдил диҳад.
21 – *Лекин Исо дар ҷавоб гуфт: «Не, зеро дар навиштаҷот гуфта шудааст, ки инсон на фақат бо хӯрдани нон зинда аст, балки бо ҳар сухане, ки Худо мегӯяд».*
22 – Нони ҳаёт.
23 – Исо нони зиндаи мост, ки гуруснагии моро ба муносибат бо Худо сер мекунад. Ӯ ба мо ҳама чизеро, ки барои ҳаёти абадӣ ва барои ҳар рӯзи ҳаётамон дар ин замин даркор аст, дода метавонад.
24 – Ӯ оби ҳаёт (оби зинда) медиҳад.
25 – Ӯ ташнагии моро ба муносибат бо Худо рафъ мекунад. Ӯ ба мо ҳама чизеро, ки барои ҳаёти абадӣ ва барои ҳар рӯзи ҳаётамон дар ин замин даркор аст, дода метавонад.
26 – Мо бояд ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонем, дуо гӯем ва бо Исо вақт гузаронем.

## Дарси 14:

# Таърихи Китоби Муқаддас дар 8 расм

Барои дида баромадани чизҳое, ки то имрӯз омӯхтем, мо ин расмҳоро барои фаҳмонидани паёми Китоби Муқаддас истифода мебарем.




Мо дар бораи расми аввал мехонем, баъд як нафар дар гурӯҳ бояд ин маълумотро бе хондани он такрор кунад. Баъд дар бораи расми дуюм мехонем, ва каси дигар онро такрор мекунад. Ҳангоме ки мо ба охир мерасем, мо ҳама 8 расмро бо навбат шарҳ медиҳем, бе он ки ба матн нигоҳ кунем.




## 1. Офариниш

Ҳамаи он чи Худо офарид, хуб буд. Ӯ бо аввалин одамон, Одаму Ҳавво дар боғи зебое, ки боғи Адан ном дошт, вақт мегузаронд.




## 2. Ибтидои гуноҳ

Одаму Ҳавво ба Худо итоат накарданд, балки ба шайтон итоат карданд. Ин сабаби аз даст додани баракатҳои Худо ва ҳаёти абадӣ шуд.

Тир дар расм нишон медиҳад, ки Худо аввалин одамонро аз боғи Адан ва ҳузури Худ ронд.

Аз он вақт инҷониб одамон мехостанд имкони муошират бо Худоро дубора ба даст оваранд ва дар ҳузури Ӯ бошанд.




## 3. Ваъдаҳо

Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки ӯ падари **халқ**е мегардад, ки барои Ӯ махсус мешавад. Худо ба Иброҳим **замин**еро барои ин халқ ваъда дод, ки дар он Ӯ бо онҳо сокин мешавад.

Ва Худо ваъда дод, ки ба воситаи Иброҳим ҳамаи халқҳо **баракат** меёбанд. Тоҷ маънои онро дорад, ки Худо Подшоҳи неки онҳо мешавад.

Рангинкамон нишон медиҳад, ки Худо ваъдаҳои Худро ба ҷо меоварад (Ҳастӣ 9:13–16). Шумо ҳамеша ба Ӯ бовар карда метавонед!




## 4. Хуруҷ

Халқи Худо ба сарзамини бегона, Миср бурда мешавад ва дар он ҷо онҳо ғулом мешаванд. (Аҳромҳо Мисрро ифода мекунанд.)

Тир нишон медиҳад, ки Худо онҳоро аз ғуломии даҳшатнок дар Миср наҷот дод.




## 5. Замин

Худо халқи Худро ба замини ваъдашуда овард. Ӯ ваъда дод, ки бо онҳо хоҳад буд ва агар онҳо ба Ӯ итоат кунанд, онҳоро баракат медиҳад.

Дарахтон ва об нишон медиҳанд, ки замин хеле хуб буд.

Аммо Исроил ба Худо итоат кардан нахост, онҳо муносибати махсуси худро бо Ӯ вайрон карданд.




## 6. Исои Масеҳ

Худо ваъдаи Худро дар хусуси фиристодани Наҷотдиҳанда ба ҷо овард!

Исои Масеҳ барои он омад, ки дар салиб бимирад ва як бор ва барои ҳамеша қурбонии гуноҳҳои мо шавад.

Ӯ аз мурдаҳо зинда шуд. Эҳёи Ӯ нишон медиҳад, ки маргро мағлуб намуд! Ва акнун мо боз бо Худо дӯст буда метавонем!




## 7. Бозгашти Исо

Ҳозир Исо дар осмонҳо аст.

Тир нишон медиҳад, ки Исо бозмеояд, то ба ин ҷаҳон хотима диҳад ва одамонро доварӣ кунад. Худо ба воситаи Исо одамонро доварӣ мекунад.




## 8. Офариниши нав

Ҳангоме ки Исо бармегардад, мо бо Худо дар замини ваъдашудаи нав, абадӣ, дар офариниши нав зиндагӣ мекунем!

**Барои якдигар дуо гӯед, то ки Худо ба ҳар яки шумо имконият диҳад, ки дар ин ҳафта ҳикояти суратдорро аз Китоби Муқаддас ба ягон кас нақл намоед.**

# Дарси 15:
# Еҳушаъ



Пас аз чил соли оворагардӣ дар биёбон, Мусо халқро ба сарҳади замини ваъдашуда овард, аммо худи Мусо ба ин сарзамин дохил нашуд.

Мусо вафот кард ва Еҳушаъ роҳбари нави халқи Худо шуд. Еҳушаъ бояд халқи худро ба замини ваъдашуда меовард. Еҳушаъ сарваре шуд, ки дар вақти муҳорибаҳо онҳоро пеш мебурд.

Кӣ пас аз Мусо сарвари халқ шуд? [1]

Вазифаи Еҳушаъ аз чӣ иборат буд? [2]

## Ваъда

**Еҳушаъ 1:1–9**-ро хонед.

Худо ба халқи Худ чӣ ваъда дод (Хуруҷ 3:8)? [3]

Одамони Канъон хеле пурзӯр буданд. Исроилиён худашон онҳоро мағлуб карда наметавонистанд. Ба онҳо ёрии Худо даркор буд.

Биёед мебинем, ки Худо ба Еҳушаъ чӣ ваъда дод:

**Оятҳои 5б–9** дар шакли шеър навишта шудаанд. Аҳди Қадим ба забони ибронии қадим навишта шуда буд. Дар шеъри ибронӣ фикри асосӣ дар маркази он аст. Қисмҳои аввал ва охирини ин порча дар бораи ҳамон як чиз мегӯянд, қисмҳои баъдинаи шеър низ ба ҷуфтҳо тақсим мешаванд, ки ҳамон як фикрро такрор менамоянд.

**А** Аз ту даст намекашам ва туро тарк намекунам.
**Б**. Пурзӯр ва далер бош ...
**В.** Пурзӯр ва далер бош,
**Г.** то ки бо риояи тамоми шариат... амал намой...то ба ҳар ҷое ки меравӣ, муваффақият ба даст оварӣ.
**Д. Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад,**
**Д. онро ту рӯзу шаб омӯз,**
**Г.** то бо риояи ҳар он чи дар он навишта шудааст, амал намой, зеро ки он гоҳ дар роҳи худ комёб гардида, муваффақият ба даст меоварӣ.
**В.** пурзӯр ва далер бош.
**Б.** Натарс ва ҳаросон нашав,
**А.** Ба ҳар ҷое ки равӣ, Парвардигор Худои ту бо туст.

Фикри асосии ин шеър кадом аст? [4]

Агар Еҳушаъ чунин кунад, натиҷааш чӣ мешавад (ояти 7)? [5]

Чаро ӯ бояд натарсад ва ҳаросон нашавад (ояти 9)? [6]

# Иҷроиш

**Еҳушаъ 21:43–45**-ро хонед.

Кадом қисми заминеро, ки Худо ба Иброҳим ваъда карда буд, исроилиён таҳти роҳбарии Еҳушаъ забт намуданд (ояти 43)? [7]

Худо ба исроилиён боз чӣ дод (ояти 44)? [8]

Чӣ қадар ваъдаҳои Худо дар ин порчаи Китоби Муқаддас иҷро шуданд (ояти 45)? [9]

Ин муъҷиза буд! Ба сарзамин дохил шудани исроилиён осон набуд. Онҳо маҷбур буданд барои ҳар як шаҳр мубориза баранд. Ниҳоят, Худо ба исроилиён заминеро дод, ки бояд ҷои осоиш ва шодӣ мебуд. Он бояд хонаи онҳо дар назди Худо мешуд!

## Чаро исроилиён бояд мардуми ин сарзаминро нобуд мекарданд?

Барои он ки халқи Исроил нури ҷаҳон гардад, онҳо бояд душманони худро аз замини ваъдашуда дур мекарданд. Мардуми ин сарзамин худоёни дигарро мепарастиданд, амалҳои даҳшатнок содир мекарданд ва фарзандони худро қурбонӣ мекарданд. Худо аз кори онҳо нафрат дошт ва намехост, ки исроилиён низ ҳамин тавр амал намоянд ва корҳои бад кунанд.

Чаро ба исроилиён лозим омад, ки мардуми ин сарзаминро нобуд кунанд? [10]

# Аҳди Ҷадид

Дар замони Исо қариб барои тамоми ин қисми ҷаҳон забони асосии гуфтугӯӣ юнонӣ буд. Ҳамин тавр, Аҳди Ҷадид ба забони юнонӣ навишта шудааст.

Аҳди Ҷадид ба кадом забон навишта шудааст? [11]

Аҳди Қадим ба кадом забон навишта шудааст? [12]

Номи ибронии Еҳушаъ ба юнонӣ «Иесус» ва ба арабӣ «Ясуъ» ё «Исо» талаффуз мешавад.

Номи «Еҳушаъ», ки варианти дигари талаффузи он «Исо» аст, чӣ маъно дорад (Матто 1:21)? [13]

Еҳушаъ тимсоли Исо буд: Исо Сарвари вафодори мост, ки моро наҷот медиҳад ва ба замини ваъдашудаи абадӣ, ба Офариниши нав мебарад! Офариниши нав аз замини ваъдашудаи Аҳди Қадим хеле беҳтар аст! Ҷаҳоне ки мо дар он зиндагӣ мекунем, хонаи мо нест. Мо дар роҳ ба сӯи хонаи абадиямон мебошем!

Исо бегуноҳ буд. Ӯ ба шариати Худо комилан итоат мекард. Ӯ «аз он ба тарафи рост ё чап дур нашуд» (Еҳушаъ ибни Нун 1:7). Вақте ки шайтон Исоро дар биёбон васваса мекард, Ӯ бо каломи Худо ба вай «мубориза бурд» (Матто 4:1–11).

Исо аз кадом ҷиҳат ба Еҳушаъ монанд аст? [14]

Исо аз кадом ҷиҳат аз Еҳушаъ фарқ дорад? [15]

# Худо ҳозир дар кадом ҷангҳо мубориза бурдани моро мехоҳад?

Имрӯз замини ваъдашуда нест. Худо моро даъват намекунад, ки барои порчаи замин мубориза барем ва аз ҳамаи онҳое, ки ба Ӯ итоат намекунанд, халос шавем. Баръакс, вазифаи мо ин аст, ки ба одамон бо суханон ва муҳаббати худ нишон диҳем, ки Худои қуддус ҳаст. Худо одамонро чунон дӯст медорад, ки Писарашро фиристод, то барои гуноҳҳои онҳо бимирад, то ки онҳо ҳаёти абадӣ дошта бошанд. Онҳо бояд аз исёни худ бар зидди Худои тамоми коинот тавба кунанд!

Ҳозир вазифаи мо аз чӣ иборат аст? [16]

Мо дар вазъияти ҷанги рӯҳонӣ ҳастем. Шайтон моро васваса мекунад, ки ба Худо итоат накунем. Пеш аз расидани мо ба сарзамини ваъдашудаи абадӣ ҷангҳои зиёде дар пеш мебошанд.

**Еҳушаъ 1:16–17:** Исроилиён ба Еҳушаъ чӣ ваъда доданд? [17]

Барои ба даст овардани ғалаба исроилиён бояд дар ҳама чиз ба пешвои худ Еҳушаъ итоат мекарданд. Мо ҳам бояд дар ҳама кор ба Сарвари худ Исо итоат кунем, то ки ғалаба ба даст оварем.

Худо бо Еҳушаъ буд, то ки халқи худро ба замини ваъдашуда роҳнамоӣ кунад. Исо Худи Худо буд, ки одам шуд. Ҳамин тавр, Исо Худоест, ки бо мост, ва Сарварест, ки моро ба сарзамини абадии ваъдашуда роҳнамоӣ мекунад.

Исо ба сарбозонаш (пайравонаш) дар Матто 28:20 чӣ ваъда дод? [18]

Оятҳои Еҳушаъ 1:5б–9-ро мо метавонем, чун суханони Исо, ки ба мо нигаронида шудаанд, хонем.

Мо чӣ бояд кунем, то донем, ки Исо ҳамеша бо мост ва Ӯ метавонад моро қавӣ ва далер гардонад? [19]

Ҳангоме ки мо каломи Худоро мехонем, Ӯ ба мо далерӣ медиҳад ва тарсҳои моро дур мекунад!

Чунон ки ба исроилиён лозим омад барои ҳар як шаҳр ҷанг кунанд, мо низ бояд бар зидди ҳама гуна фикрҳо ва амалҳои гуноҳкорона мубориза барем.

- Мо киро дӯст намедорем?
- Мо чиро набахшидаем?
- Кай мо худро беш аз ҳамсарони худ дӯст медорем?
- Кай мо аз наздиконамон хашмгин шуда, ба онҳо дод мезанем?
- Оё мо дар телефон чизҳои бадро тамошо мекунем?

Оё дарсро дар бораи Нӯҳ дар ёд доред? Мо дар берун (зоҳиран) хуб метобем, аммо дар дарун (ботинан) чун меваи пӯсида ҳастем. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо нишон диҳад, ки дар куҷо ва чӣ гуна Ӯ мехоҳад шуморо тағйир диҳад. Ва он гоҳ метавонед ба одамони дигар ёрӣ расонед, ки аз пайи Исо ба сарзамини абадии ваъдашуда раванд!

## Супориш барои ҳар рӯз

Зиреҳи рӯҳонии худро ҳар рӯз дар бар кунед (Эфсӯсиён 6:10–18), то дар муқобили тирҳое, ки шайтон ба сӯи шумо мепарронад, устувор истода тавонед. Дар ёд нигоҳ доред, ки Худо барои мо меҷангад ва моро наҷот медиҳад. Мо набояд таслим шавем ва гурезем!

# Ҷавобҳо

1 – Еҳушаъ.
2 – Халқи Худоро ба замини ваъдашуда овардан.
3 – Худо ваъда дод, ки онҳоро ба сарзамини хубу хушҳаво, ки дар он ширу асал ҷорист (замини ҳосилхези дорои чорвои зиёд) мебарад.
4 – Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб омӯз.
5 – Ӯ бар ҳар ҷое ки равад, муваффақият хоҳад дошт.
6 – Чунки Парвардигор, Худои ӯ дар ҳар ҷое, ки ӯ равад, бо ӯ хоҳад буд.
7 – Исроилиён тамоми сарзаминро забт карданд.
8 – Худо ба онҳо аз ҳамаи душманонашон оромӣ бахшид.
9 – Хамаи ваъдаҳо иҷро шуданд.
10 – Худо он чиро, ки ин мардум мекарданд, бад медид ва намехост, ки исроилиён низ корҳои бади онҳоро такрор кунанд.
11 – Инҷил ба забони юнонӣ навишта шудааст.
12 – Аҳди Қадим ба забони ибронӣ навишта шудааст.
13 – Худо наҷот медиҳад.
14 – Номҳои Еҳушаъ ва Исо як маъно доранд — «Худо наҷот медиҳад». Ҳам Еҳушаъ ва ҳам Исо халқи худро наҷот медиҳанд ва халқи Худоро ба замини ваъдашуда мебаранд.
15 – Еҳушаъ одами муқаррарӣ буд. Ӯ комил набуд. Исо одами ғайриоддӣ буд — Ӯ бегуноҳ буд. Исо комилан ба Шариати Худо итоат кард. Еҳушаъ халқи Худоро ба замини ваъдашуда бурд, ки абадан вуҷуд нахоҳад дошт. Исо моро ба сарзамини ваъдашудаи абадӣ мебарад.
16 – Вазифаи мо он аст, ки ба воситаи суханон ва муҳаббати худ ба одамон нишон диҳем, ки Худои қуддус ҳаст, ки онҳоро дӯст медорад. Онҳо бояд тавба кунанд!
17 – Исроилиён ваъда доданд, ки ба ӯ итоат мекунанд.
18 – Ҳамеша, то охирзамон бо ту хоҳам буд.
19 – Мо бояд каломи Худоро хонем, дар бораи он андешаронӣ намоем ва ба он итоат кунем.

Дарси 16:

# Доварон



Дар китоби Доварон бисёр ҳикояҳои хеле даҳшатовар ҳастанд. Ин ба мо нишон медиҳад, ки то чӣ андоза мо ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ дорем. Ба Наҷотдиҳандае, ки дар ин ҷаҳони торик Нур хоҳад буд!

Ҳангоме ки мо дар Китоби Муқаддас ҳикояҳои пур аз воқеаҳои даҳшатоварро мехонем, ин ба мо чиро ёдрас мекунад? [1]

Кӣ Нури ин ҷаҳон аст (Юҳанно 8:12)? [2]

Доварон пешвоён ва наҷотдиҳандагони халқи Худо буданд. Ин замони байни Еҳушаъ ва подшоҳи якум Шоул буд. Замоне ки доварон бар халқи Исроил ҳукмронӣ мекарданд, зиёда аз 300 сол давом кард. Ин давраи байни 1300–1000-уми пеш аз милод буд.

Доварон дар халқи Исроил киҳо буданд? [3]

## Доира

**Доварон 2:6–19**-ро хонед.

Худо ба халқи худ замини ваъдашударо дод, то онҳо нури ҷаҳон бошанд. Ӯ мехост, ки халқҳои дигар ба Исроил нигариста, бинанд, ки чӣ гуна онҳо бояд зиндагӣ кунанд ва ба Худои ҳақиқӣ саҷда кунанд.

Аммо дар Китоби Доварон мо мебинем, ки исроилиён ба Худо итоат намекунанд.

Мо доираи иборат аз панҷ қисмро мебинем, ки дар Китоби Доварон такрор мешаванд:

1. **Исроилиён худоёни дигарро парастиш мекунанд.**
2. **Худо онҳоро ҷазо медиҳад ва ба дасти душманонашон месупорад.**
3. **Онҳо сӯи Худо фарёд мекунанд.**
4. **Худо ба онҳо довареро медиҳад, ки онҳоро наҷот медиҳад.**
5. **Довар вафот мекунад.**

Ва баъд аз ин доира боз такрор мешавад.

Кадом панҷ қисмҳои доираро мо дар Китоби Доварон мебинем? [4]

# Чор мушкилӣ бо доварон

## 1. Доварон барои мо намунаи хуби пайравӣ мебошанд.

Дар ин китоб доварон барои мо намунаҳои хуб набуданд! Масалан:

1. **Ҷидъӯн** метарсид (6:27). Мо набояд Худоро бо пашми тар ё хушк санҷем (6:36–40)!
2. **Йифтоҳ** баъди он ки қасами аҳмақона хӯрд, духтарашро кушт (11:29–40).
3. Довари машҳуртарин — **Шимшӯн** аст. Ӯ хеле боқувват буд. Ӯ аз фалиштиён, ки худоёни дигарро парастиш мекарданд, духтареро ба занӣ гирифт (14:1–2). Ӯ ба назди фоҳишаҳо мерафт. Ӯ назри набуридани мӯйҳояшро вайрон кард (боби 16-ум) — ва қуввваи бузургашро аз даст дод. Ӯ ҳамеша қасос мегирифт.

Онҳо барои мо намунаҳои хуб набуданд!

## Дар Аҳди Ҷадид

Наҷотдиҳандаи мо бароямон намунаи хубест. Мо ба Ӯ тақлид карда метавонем. Ӯ наметарсид, Ӯ одамони бегуноҳро намекушт, Ӯ қасос намегирифт ва ҳаёти пок ба сар мебурд.

Ин шахс кист? Нигаред ба 1 Петрус 2:21–23. [5]

## 2. Доварон фақат муваққатан наҷот дода метавонистанд.

Ҳангоме ки довар вафот мекард, чӣ рӯй медод (2:19)? [6]

## Дар Аҳди Ҷадид

Мо Наҷотдиҳандае дорем, ки як бор ва барои ҳамеша наҷот медиҳад!

**Ибриён 7:25:** *«Исо метавонад онҳоеро, ки ба воситаи Ӯ ба ҳузури Худо меоянд, комилан ва абадан наҷот бахшад. Зеро Ӯ ҳамеша зинда аст, то ки дар пеши Худо ба тарафдории онҳо сухан гӯяд».*

Чаро Исо моро як бор ва барои ҳамеша наҷот дода метавонад? [7]

## 3. Доварон мушкилии гуноҳро ҳал карда наметавонистанд.

Дар давоми тамоми китоби Доварон мо мебинем, ки зиндагии исроилиён торафт бадтар ва бадтар мешавад.

Ҳайратовар аст, ки Худо доимо муҳаббати Худро нисбати халқаш нишон медиҳад!

Ҳангоме ки онҳо сӯи Худо фарёд заданд, Ӯ чӣ кард (масалан 3:9)? [8]

Аммо ҳангоме ки довар вафот кард (2:19), чӣ шуд? [9]

## Дар Аҳди Ҷадид

Мо Наҷотдиҳандае дорем, ки мушкилии гуноҳи моро ҳал намуд!

Худо чӣ кор кард (1 Юҳанно 4:9–10)? [10]

Худо ба мо чӣ дод (Аъмол 2:38)? [11]

Рӯҳулқудс моро торафт бештар ба Исо монанд мекунад. Вақте ки Ӯ дар ҳаёти мо кор мекунад, мо меомӯзем, ки торафт камтар гуноҳ кунем. Ва рӯзе мо дар Офариниши Нав бо Исо бе гуноҳ зиндагӣ хоҳем кард!

## 4. Доварон наметавонистанд одамонро водор намоянд, ки ба Худо чун ба Подшоҳи худ итоат кунанд.

Забур 43:5 Худоро чӣ гуна тасвир менамояд? [12]

Дар Такрори Шариат 33:5 Мусо изҳор менамояд, ки Худо «бар Яшурун подшоҳ буд» (номи Исроил).

Мо дар **Доварон 21:25** дар бораи чӣ мехонем? [13]

Исроилиён чунон зиндагӣ мекарданд, ки гӯё подшоҳ надошта бошанд. Ҳеҷ кас онҳоро назорат намекард. Онҳо дар зери ҳукмронии Худо зиндагӣ карданро бас карданд. Онҳо мувофиқи хости худ зиндагӣ мекарданд ва торафт бадтар мешуданд. Ин даҳшатовар буд!

Ба исроилиён чӣ чиз даркор буд, то ки дуруст рафтор намоянд? [14]

Худо медонист, ки Исроил монанди дигар халқҳо подшоҳ доштан мехоҳад. Худо ба исроилиён дар бораи он чи подшоҳ бояд кунад ва набояд кунад, чӣ гуфт (нигаред ба Такрори Шариат 17:14–20)? [15]

Подшоҳи хуб бояд халқи худро дар итоаткорӣ ба қонунҳои Худо роҳбарӣ менамуд.

Ҳангоме мо Аҳди Қадимро мехонем, мебинем, ки ҳеҷ як подшоҳи Исроил ҳамеша корҳои дуруст намекард. Аммо Худо ба халқи худ гуфт, ки рӯзе Подшоҳи комилеро мефиристад, ки халқашро дар итоат ба қонунҳои Худо роҳнамоӣ мекунад.

## Дар Аҳди Ҷадид

Дар оятҳои зерин ба Исо кадом унвон дода шудааст?

**Матто 2:2** [16]

**Матто 27:37** [17]

**Ваҳй 19:16** [18]

Исо Подшоҳест, ки ба мо даркор аст! Ӯ ҳаёти комил ба сар бурд ва Шариатро иҷро намуд (Матто 5:17).

Доварон кадом чор мушкилӣ доштанд? [19]

Кӣ барои мо намунаи хубест? [20]

Кӣ моро як бор ва барои ҳамеша наҷот дода метавонад? [21]

Кӣ мушкилии гуноҳро ҳал карда метавонад? [22]

Подшоҳи комил кист? [23]

## Шумо Подшоҳи худро чӣ гуна парастиш мекунед?

# Мо аз Китоби доварон чиро мефаҳмем?

### 1. Ба корҳое, ки беимонон мекунанд, тақлид намудан хеле осон аст.

Онҳо чиро парастиш мекунанд? [24]

**Такрори Шариат 6:5:** Худо аз мо чиро мехоҳад? [25]

### 2. Гуноҳ хеле пурзӯр аст, то ки аз он даст кашем. Ба мо ёрӣ даркор аст.

**Юҳанно 8:36:** *«Агар Писар шуморо озод кунад, он вақт ҳақиқатан озод хоҳед шуд».*

Чӣ тавр мо гуноҳ карданро бас карда метавонем? [26]

Фақат Исо моро аз гуноҳ наҷот дода метавонад, ва фақат Ӯ дилҳои моро дигаргун карда метавонад!

## 3. Худо моро аз он сабаб ҷазо медиҳад, ки моро дӯст медорад.

**Ибриён 12:5–6:** «*Шумо насиҳати Худоро аз ёд баровардаед, ки ба шумо ҳамчун фарзандонаш гуфта буд: «Писарам, тарбияи Худовандро назарногирӣ накун ва ҳангоми туро ислоҳ карданаш ноумед нашав. Чунки Худованд касеро адаб медиҳад, ки дӯсташ дорад ва касеро ҷазо медиҳад, ки ҳамчун писар қабул мекунад*».

Худо киро ҷазо медиҳад? [27]

Ҳангоме ки бо шумо воқеаи баде рӯй медиҳад, аз Худо пурсед, ки Ӯ ба воситаи ин ба шумо чиро омӯзондан мехоҳад.

Ин маънои онро надорад, ки ҳама бадӣ ҷазои Худо аст. Ҳангоме ки ба сари одамон нохушӣ меояд, ба онҳо гуфтан хуб нест, ки ин ҷазои Худост. Ба касоне ки дучори нохушӣ ҳастанд, бо меҳрубонӣ муносибат намудан лозим аст!

**Румиён 8:28–29:** «*Ҳамчунин мо медонем, ки Худо барои ҳамаи онҳое, ки Ӯро дӯст медоранду аз рӯйи хости Ӯ даъват шудаанд, оқибати ҳама чизро ба хайр мегардонад. Зеро ин ҳамон одамоне ҳастанд, ки Худо пешакӣ донистааст. Худо онҳоро пешакӣ муайян карда буд, ки онҳо ба Писари Ӯ монанд бошанд, то ки Писараш дар байни бародарони зиёд аввалин бошад*».

Худо мушкилотро дар зиндагии мо чӣ гуна истифода мебарад? [28]

## 4. Худо вафодор, дилсӯз ва меҳрубон аст.

Ҳарчанд мо борҳои зиёд аз Ӯ дур шавем, Ӯ ҳамеша моро мешунавад ва вақте ки мо сӯи Ӯ фарёд мекунем, моро наҷот медиҳад. Баъзе одамон ба Исо пайравӣ намудан ё ба вохӯриҳо омаданро бас мекунанд, чунки фикр мекунанд, ки онҳо бисёр қарорҳои нодуруст қабул кардаанд. Аммо Худо ҳамеша мебахшад, барқарор мекунад ва ҳамеша дӯст медорад.

**Забур 144:8:** «*Парвардигор бахшоянда ва раҳмдил аст, дерхашм ва бузургмеҳр*».

Мо бояд чиро дар ёд нигоҳ дорем, ҳангоме ки боз ягон кори бад мекунем? [29]

Мо аз Китоби доварон чиро мефаҳмем? [30]

Оё гуфта метавонем, ки ҳар нохушӣ, ки дар ҳаёти одам рӯй медиҳад, ҷазои Худо аст? [31]

Ҳангоме ки дар ҳаёти дигарон ягон нохушӣ рӯй медиҳад, мо бояд бо онҳо чӣ гуна муносибат кунем? [32]

Мо дар бораи мушкилот чиро медонем? [33]

## Имрӯз Худо ба воситаи ин китоб ба шумо чиро омӯзонд?

# Ҷавобҳо

1 – Ба мо Наҷотдиҳанда даркор аст.
2 – Исо!
3 – Онҳо дар давраи байни Исо ва подшоҳи аввалин Шоул пешвоён ва наҷотдиҳандагони халқи Худо буданд.
4 – 1. Исроилиён дигар худоёнро парастиш мекунанд.
2. Худо онҳоро ҷазо медиҳад ва ба дасти душманонашон месупорад.
3. Онҳо сӯи Худо фарёд мекунанд.
4. Худо довареро медиҳад, ки онҳоро наҷот медиҳад.
5. Довар вафот мекунад.
5 – Исо!
6 – Исроилиён боз худоёни дигарро парастиш мекарданд ва зиндагии онҳо торафт бадтар мешуд.
7 – Чунки Исо абадан зиндагӣ мекунад!
8 – Худо ба онҳо наҷотдиҳандаро фиристод.
9 – Исроилиён боз худоёни дигарро парастиш мекарданд ва вазъият торафт бадтар мешуд.
10 – Ӯ Писари Худро фиристод, то кафорати гуноҳҳои мо бошад.
11 – Ӯ ба мо Рӯҳулқудсро дод.
12 – Подшоҳи ман.
13 – *Дар он замон Исроил подшоҳе надошт, ва ҳар кас он чиро, ки дуруст меҳисобид, мекард.*
14 – Исроилиён бояд ба Подшоҳ Яҳува итоат менамуданд, ки онҳоро аз ғуломӣ раҳоӣ дод.
15 – Подшоҳ бояд исроилӣ бошад (яъне парастишкунандаи Яҳува бошад). Ӯ набояд занҳои бисёр гирад, аспҳои бисёр, нуқра ё тиллоии зиёд дошта бошад. Ӯ бояд қонунҳои Худоро донад ва риоя намояд.
16 – Подшоҳи яҳудиён.
17 – Подшоҳи яҳудиён.
18 – Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон.
19 – Доварон барои мо намунаи хуб набуданд.
Доварон танҳо муваққатан наҷот дода метавонистанд.
Доварон мушкилии гунохро ҳал карда наметавонистанд.
Доварон одамонро водор карда натавонистанд, ки ба Худо чун ба Подшоҳи худ итоат кунанд.
20 – Исо!
21 – Исо!
22 – Исо!
23 – Исо!
24 – Одамоне, ки Худоро намешиносанд, чизҳои динӣ, мурдагон, телефон, мошин, хонаи калон ва дигар чизҳои моддиро мепарастанд.
25 – *Худои абадиро бо тамоми дили худ, бо тамоми ҷони худ ва бо тамоми қуввати худ дӯст дор.*
26 – Мо ба Исо эҳтиёҷ дорем, то моро аз гуноҳ озод кунад.
27 – Касонеро, ки дӯст медорад.
28 – Худо ҳар як душвориро дар ҳаёти мо истифода мебарад, то моро бештар ба Исо монанд кунад.
29 – Худо ҳамеша моро мешунавад ва ҳангоме ки мо ба Ӯ рӯ меоварем, моро наҷот медиҳад.

30 – Ба беимонон ва кори мекардаи онҳо тақлид кардан хеле осон аст.
Гуноҳ хеле пурзӯр аст, то аз он даст кашида тавонем. Мо ба ёрӣ эҳтиёҷ дорем.
Худо моро ҷазо медиҳад, зеро Ӯ моро дӯст медорад.
Худованд бовафо, дилсӯз ва меҳрубон аст.
31 – Не.
32 – Бо дилсӯзӣ!
33 – Худо ҳар як душвориро истифода мебарад, то ки моро бештар ба Исо монанд кунад.

Дарси 17:

# Подшоҳон



## Китобҳои 1-ум ва 2-юми Подшоҳон

Дар **Китоби 1-уми Подшоҳон** мо дар бораи Самуил, Шоул ва Довуд мефаҳмем.

**Самуил** пайғамбар ва охирин довари Исроил буд. Ӯ ба исроилиён дар бораи Худо таълим медод ва ба гуноҳҳояшон ишора менамуд.

Исроилиён мехостанд ба халқҳои дигар монанд бошанд. Онҳо намехостанд, ки Худо Подшоҳи онҳо бошад. Онҳо мехостанд подшоҳи ҷисмонӣ дошта бошанд. Он гоҳ Худо ба онҳо Шоулро дод.

**Шоул:** Шоул подшоҳи якуми исроилиён буд. Ҳангоме ки ӯ ба Худо беитоатӣ кард, Худо ҳуқуқи подшоҳ буданро аз ӯ гирифт.

Худо ба халқи Исроил подшоҳи дигареро дод. Ӯ чӣ ном дошт? [1]

Ӯ чӣ гуна одам буд **(Аъмол 13:22)**? [2]

Довуд бузургтарин подшоҳи Исроил буд. Мо дар бораи ҳукмронии Довуд дар китоби **2-юми Подшоҳон** мехонем. Мо дар дарси оянда дар бораи ӯ бештар мефаҳмем.

Самуил кӣ буд? [3]

Шоул кӣ буд? [4]

Довуд кӣ буд? [5]

# Китобҳои 3-юм ва 4-уми Подшоҳон

Пас аз Довуд кӣ подшоҳ шуд? [6]

Ӯ чӣ сохт (**3 Подшоҳон 6:1–2**)? [7]

Ӯ чӣ гуна одам буд (**3 Подшоҳон 10:23**)? [8]

Ҳаёти исроилиён дар замони ҳукмронии Сулаймон чӣ гуна буд (**3 Подшоҳон 4:25**)? [9]

Он тасвири ҳаёт дар Офариниши Нав буд!

Дертар Сулаймон гуноҳ кардан гирифт. Ӯ чӣ мекард (**3 Подшоҳон 11:1–13**)? [10]

Ҳамин тавр, мо мебинем, ки чӣ тавр Сулаймон подшоҳиро вайрон кард.

Худо аз ӯ хашмгин шуд ва дар замони подшоҳии писари Сулаймон Ӯ подшоҳиро ба ду қисм тақсим кард:

Қисмати шимолӣ **Исроил** ном дошт ва даҳ қабиларо дар бар мегирифт.

Қисмати ҷанубӣ **Яҳудо** ном дошт ва ду қабиларо дар бар мегирифт: Бинёмин ва Яҳудо.



Қисми шимолӣ чӣ ном дошт? [11]

Қисми ҷанубӣ чӣ ном дошт? [12]

# Исроил

Дар давоми 200 соли мавҷудияти подшоҳии Исроил 20 подшоҳи бад бар Исроил ҳукмронӣ карданд. Онҳо ибодати худоёни дигарро ташвиқ мекарданд. Подшоҳони Исроил торафт бадтар мешуданд. Ва халқи Худо аз Ӯ дуртар мешуд.

Дар охир Худо шоҳаншоҳии Ашшурро барои забт кардани Исроил фиристод. Бисёр исроилиён кушта шуданд, дигарон ба Ашшур ба асирӣ бурда шуданд. Ин дар соли 722 пеш аз таваллуди Исо рӯй дод (4 Подшоҳон 17:5–23). Ба харита нигаред — хат нишон медиҳад, ки одамон аз Исроил ба куҷо бурда шуданд.




Дар Исроил чанд подшоҳи хуб буданд? [13]

Исроилро дар соли 722 пеш аз таваллуди Исо кӣ забт намуд? [14]

# Яҳудо

Дар давоми 350 соли мавҷудияти подшоҳии Яҳудо 20 подшоҳ бар Яҳудо подшоҳӣ кардаанд. Баъзе подшоҳон хуб буданд, баъзеи дигар — бад. Халқи Яҳудо, ба монанди халқи Исроил, аз Худо дур мешуд.

Дар охир Худо шоҳаншоҳии Бобилро барои забт кардани Яҳудо фиристод.

Бобилиён бисёр одамонро дар Яҳудо куштанд ва дигаронро ба Бобил ба асорат бурданд. Ин дар соли 586 пеш аз таваллуди Исо рӯй дод (2 Подшоҳон, боби 25-ум). Ба харита нигаред, то бинед, ки онҳо ба куҷо рафтанд.




Чанд нафари подшоҳони Исроил хуб буданд? [15]

Кӣ дар соли 586 пеш аз таваллуди Исо Яҳудоро забт кард? [16]

## Доварии Худо доварии ниҳоӣ аст:

Дар замони Мусо одамон аз ғуломӣ озод буданд, вале акнун онҳо боз ғулом шуданд. Дар замони Еҳушаъ ба халқи Худо замин дода шуд, вале онҳо заминро аз даст доданд.

Дар замони Самуил ба халқи Худо подшоҳ дода шуд. Акнун подшоҳ сарнагун шуда буд.

Дар замони Довуд халқи Худо аз душманони худ осуда буданд, аммо акнун боз шикаст хӯрданд.

Дар замони Сулаймон маъбад сохта шуда буд, то Худо дар миёни халқи Исроил бошад, аммо ҳоло маъбад вайрон шуда буд.

Худо ваъдаҳои баракат додани итоаткунандагони Худро иҷро мекунад ва касонеро, ки беитоатӣ мекунанд, ҷазо медиҳад (Такрори Шариат 28:1–2,15).

Аҳди Қадим ба мо дар бораи он ки Худо чӣ гуна ба ваъдаҳои Худ вафо мекунад, чиро нақл мекунад? [17]

Худо одил аст ва бояд гуноҳро ҷазо диҳад. Аммо чизи ҳайратовар он аст, ки Ӯ на танҳо Худои одил, балки ҳамчунин Худои меҳрубон аст.

Пас аз ҳафтод соли ибтидои асирии Яҳудо чӣ рӯй дод (2 Вақоеънома 36:20–23)? [18]

Худо авлодони Довудро ҳифз мекард. Ӯ ба Довуд ваъда дода буд, ки яке аз авлодони ӯ Масеҳ мешавад — Подшоҳи комил, ки абадан ҳукмронӣ мекунад. Ҳангоме ки халқи яҳудӣ аз асорати бобилӣ ба Яҳудо баргашт, яке аз авлодони Довуд — Зарубобил бо онҳо буд.

Аммо халқи Худо қисми зиёди мавҷудияти худ зери ҳукмронии подшоҳиҳои дигар буд (ба истиснои муддати кӯтоҳ, тақрибан сад сол пеш аз таваллуди Исо). Онҳо дар бораи замоне орзу мекарданд, ки озодӣ, замини худ, подшоҳи хуб, осоиш аз душманон ва макони хоҳад дошт, ки дар он ба таври ҳақиқӣ Худоро парастиш карда метавонанд.

# Аҳди Ҷадид

Исо барои барпо намудани чӣ омад (**Маркус 1:14–15**)? [19]

Дар Подшоҳии Худо кӣ Подшоҳ аст (**Матто 2:2**)? [20]

Исо дар **Матто 12:42** чӣ гуна тасвир карда мешавад? [21]

Мардуми Яҳудо дар замони зиндагии Исо интизори Масеҳ буданд, яъне Подшоҳе ки Худо фиристодани Ӯро ваъда дода буд. Онҳо интизор буданд, ки Ӯ подшоҳии бузурге ҳамчун подшоҳии Сулаймон барпо мекунад. Аммо подшоҳии Исо аз подшоҳии Сулаймон хеле зеботар хоҳад буд. Дар Подшоҳии Исо осоиш, сарват ва шодмонӣ бисёртар мешавад!

Мо ба Подшоҳии муъҷизаосои Исо чӣ гуна дохил шуда метавонем? [22]

### Дар кадом соҳаҳои ҳаёти худ шумо ба Исо чун ба Подшоҳ итоат намекунед?

# Ҷавобҳо

1 – Номи ӯ Довуд буд.
2 – Ӯ Худоро дӯст медошт.
3 – Пайғамбар ва довар буд.
4 – Ӯ аввалин подшоҳ буд.
5 – Вай подшоҳи дуюм ва бузургтарини Исроил буд.
6 – Писараш Сулаймон.
7 – Ӯ ибодатгоҳ сохт.
8 – Худо ӯро донотарин ва сарватмандтарин одами дунё гардонд.
9 – Худо подшоҳии Худро хеле бой ва осоишта гардонид.
10 – Аз дигар кишварҳо бисёр занҳо гирифт ва худоёни онҳоро парастиш кард.
11 – Исроил.
12 – Яҳудо.
13 – Ҳамаи 20 подшоҳи Исроил бад буданд!
14 – Ашуриён.
15 – Баъзе аз ин 20 подшоҳон хуб буданд ва баъзеашон бад буданд.
16 – Бобилиён.
17 – Худо касонеро, ки ба Ӯ итоат мекунанд, баракат медиҳад. Ӯ ба онҳо озодӣ, замин, подшоҳ, осоиш аз душманонашон ва ибодатгоҳе дод, ки дар он онҳо ба Худо саҷда кунанд. Ва касонеро, ки беитоатӣ мекунанд, бо баргардонда гирифтани баракатҳояш ҷазо медиҳад.
18 – Подшоҳи нави Форс бо номи Куруш ба исроилиён иҷозат дод, ки ба ватан баргарданд ва ибодатгоҳро барқарор кунанд.
19 – Подшоҳии Худо.
20 – Исо.
21 – Исо аз Сулаймон бузургтар аст.
22 – Мо бояд ба Подшоҳии Исо итоат кунем!

## Дарси 18:

# Довуд — подшоҳи бузургтарин






Довуд кай зиндагӣ кардааст? [1]

Пас аз ҳукмронии подшоҳ Довуд Худо пайғабарони бисёре мефиристод, то ки ба халқи Ӯ сухан гӯянд.

Пайғамбароне, ки китобҳои Китоби Муқаддасро навиштаанд, аз 800 то 400 сол пеш аз таваллуди Исо зиндагӣ мекарданд.

400 соли охири пеш аз милод Худо дигар пайғамбаре намефиристод.

Худо дар кадом солҳо пайғамбаронеро мефиристод, ки китобҳои Китоби Муқаддасро менавиштанд? [2]

Худо Довудро истифода бурд, то ки халқи Худро ба омадани Масеҳ тайёр кунад. Масеҳ Подшоҳест, ки Худо рӯзе мефиристад. Ҳаёти Довуд то андозае ба зиндагии Масеҳ монанд буд. Худо ба Довуд ваъдаҳои ғайриоддӣ дод, ки бо Масеҳ алоқа доштанд.

# Довуд тасвири Масеҳ буд

## 1. Ӯ дар Байт-Лаҳм таваллуд шуд

Довуд дар куҷо таваллуд шуд (**1 Подшоҳон 17:12**)? [3]

Аз рӯи суханони пайғамбар Мико, ки 700 сол пеш аз таваллуди Исо гуфта шудаанд, Масеҳ, ки Худо ваъда карда буд, рӯзе бояд меомад (**Мико 5:2**)? [4]

Мувофиқи Аҳди Ҷадид, Исо дар куҷо таваллуд шуд (**Луқо 2:4–7**)? [5]

## 2. Ӯ халқи Худоро наҷот дод

Довуд барои исроилиён чӣ кор кард, ҳангоме ки дар 1 Подшоҳон 17:48–53 Ҷолиёти азимҷуссаро кушт? [6]

Дар Аҳди Ҷадид, ҳангоме ки Исо дар салиб мурд, Ӯ барои онҳое, ки ба Ӯ имон доранд, чӣ кор кард (**Юҳанно 3:16–17; Қӯлласиён 1:21–22; Ибриён 2:14**)? [7]

Довуд тасвири Масеҳ аст, ки шайтонро нобуд мекунад, чунон ки Худо дар Ҳастӣ 3:15 ваъда додааст.

## 3. Ӯ тадҳиншудае[1] буд, ки бисёр азоб кашид

Дар Аҳди Қадим киро тадҳин мекарданд (**Ибодат 21:10; 1 Подшоҳон 10:1**)? [8]

Подшоҳ Шоул солҳои зиёд Довудро таъқиб мекард (шумо дар ин бора дар бобҳои 1 Подшоҳон 18–31 хонда метавонед). Дар ин муддат Довуд таронаҳои бисёри Забурро навишт, ки чунон ки маълум шуд, пешгӯиҳо дар бораи Масеҳ буданд.

Калимаи «Масеҳ» маънои «тадҳиншуда»-ро дорад. Дар Аҳди Ҷадид Исои Масеҳ Подшоҳи ваъдашуда ё тадҳиншудаи Худост. Ӯ Масеҳест, ки барои мо дар салиб азоб кашид ва мурд.

Довуд чӣ гуна азоб мекашид? [9]

Довуд ҳангоми азобҳои худ чӣ менавишт? [10]

Исо чӣ гуна азоб кашид? [11]

## 4. Ӯ подшоҳи бузург шуд

Дар ниҳоят Довуд бузургтарин подшоҳи Исроил шуд. Дар солҳои охири ҳукмронии ӯ қаламрави Исроил аз дарёи Фурот дар шарқ то Миср дар ғарб васеъ шуд.

1 тадҳин кардан — равған молидан ҳамчун рамзи тайин кардан ба вазифа

Дар Аҳди Ҷадид Исо Подшоҳи подшоҳон аст, ки бар тамоми замин ҳукмронӣ хоҳад кард (**Филиппиён 2:9–11**)!

Довуд ва Исо чӣ гуна подшоҳон буданд? [12]

Аз кадом чор ҷиҳат Довуд тасвири Масеҳ шуд? [13]

1.

2.

3.

4.

# Ваъдаҳое ки ба Масеҳ ишора мекунанд

**2 Подшоҳон 7:1–16**-ро хонед.

То ин вақт исроилиён ибодатгоҳ надоштанд, ва онҳо Худоро дар Хаймаи муқаддас парастиш мекарданд.

Дар ин боб Довуд чӣ кор карданӣ аст? [14]

Чаро? [15]

Худо аз Довуд қаноатманд буд. Аммо Худо нақшаҳои зиёдтар дошт. Ӯ мехост, ки писари Довуд, Сулаймон ибодатгоҳро созад.

Худо ба Довуд се ваъдаи дилписанд дод:

Худо дар ояти 10 чӣ ваъда дод? [16]

Худо мехоҳад ба онҳо хонае диҳад, ки абадӣ бошад ва касе онро вайрон накунад.

Аммо мо медонем, ки исроилиён бар зидди Худо исён карданро давом медоданд.

Чӣ тавр Худо ба халқи худ хонаи бехатари абадӣ дода метавонад, дар ҳоле ки онҳо намехоҳанд, ки Ӯ Худои онҳо бошад?

Ҳамин тавр, пайғамбарон ба фаҳмидан сар карданд, ки ваъдаи хонаи бехатари абадӣ ба одамон сӯи ояндаи олидараҷа ишора мекунад — ҳангоме ки Масеҳ меояд (масалан, дар Ишаъё 60:11).

Худо дар ояти 15 чӣ ваъда додааст? [17]

Писари Довуд ибодатгоҳро месозад. Ибодатгоҳ маконест, ки дар он ҷо Худо бо халқи Худ зиндагӣ хоҳад кард.

Аммо Худо наметавонист бо одамоне зиндагӣ кунад, ки доимо зидди Ӯ исён мекунанд.

Пайғамбарон ба фаҳмидан сар карданд, ки ваъдаҳо ҳамчунин ба ҳузури абадии Масеҳ ишора мекарданд (масалан, дар Ҳизқиёл 48:35).

Худо дар ояти 12,13,16 чӣ ваъда дод? [18]

Аммо ин чӣ гуна буда метавонист, дар ҳоле ки подшоҳон торафт бадтар ва бадтар мешуданд?

Ҳамин тавр, пайғамбарон ба фаҳмидан сар карданд, ки ҳамаи ин ваъдаҳо ба одамон сӯи ояндаи абадӣ бо подшоҳи комил, ки аз насли Довуд хоҳад буд, ишора мекунанд (масалан, Ишаъё 9:6–7).

Худо ба Довуд кадом се ваъда дод? [19]

1.

2.

3.

Исо аз авлоди Довуд буд. Ӯ Подшоҳи абадӣ аст, ки Худо ваъда додааст. Ӯ моро ба хонаи абадии бехатари Худ мебарад, ки дар он ҷо мо то абад бо Ӯ зиндагӣ мекунем!

**Юҳанно 14:1–3:** *«Исо суханашро давом дода гуфт: «Бигзор дилҳоятонро ғаму ғусса фаро нагирад! Ба Худо имон оваред ва ба Ман низ имон оваред! Дар хонаи Падари Ман ҳуҷраҳо бисёранд. Агар чунин намебуд, магар Ман ба шумо мегуфтам, ки рафта, барои шумо ҷой тайёр мекунам? Вақте ки Ман меравам ва барои шумо ҷой тайёр мекунам, баргашта, шуморо пеши Худ мебарам, то дар ҷое, ки Ман ҳастам, шумо ҳам бошед».*

Исо дар ин оятҳо чӣ ваъда медиҳад? [20]

Дар бораи ин хона мо ҳамчунин дар Китоби Ваҳй мехонем:

**Ваҳй 21:3:** *«Аз ҷониби тахт овози баландеро шунидам: «Бубин! Ин хаймаи Худо дар байни одамон аст. Ӯ бо онҳо зиндагӣ мекунад ва онҳо халқи Ӯ хоҳанд буд. Худи Худо бо онҳо ва Худои онҳо хоҳад буд».*

Кӣ бо мо дар хонаи абадӣ ва бехатари мо зиндагӣ хоҳад кард? [21]

Пас, биёед мисли исроилиён набошем, ки бар зидди Худо исён мекарданд ва ба Ӯ лозим меомад, ки онҳоро ҷазо диҳад.

Биёед тамоми кори аз дастамон меомадаро кунем, то ба Худо писанд оем ва ба омадани Исо тайёр бошем, ҳангоме ки Ӯ бармегардад, то моро ба хонаи абадӣ ва бехатар барад.

**Бо кадом роҳҳо шумо бар зидди Худо исён мекунед? Чӣ гуна шумо бо фикрҳо, суханон ва рафтори худ Ӯро норозӣ мекунед?**

**Чӣ кор кардани мо даркор аст? Тавба кардан!**

## *Ба таври иловагӣ:* Ибодатгоҳ монанди боғи Адан буд

Хаймаи муқаддас, ва дертар ибодатгоҳ, ба халқи Худо боғи Аданро ёдрас мекард.

- Боғи Адан **дарахтону гулҳои зебо** дошт. Ибодатгоҳ ба таври зебо оро дода шуда буд, то ки ба боғ монанд бошад. Анорҳо ва гулҳо дар дохили ибодатгоҳ ранг ва кандакорӣ карда шуда буданд (3 Подшоҳон 7:16–20).
- Чунон ки дар боғи Адан **тилло ва сангҳои қиматбаҳо** буданд, ибодатгоҳ бо тилло ва сангҳои қиматбаҳо оро дода шуда буд (3 Подшоҳон 7:48–50; 2 Вақоеъномa 3:6).
- Чунон ки **Худо** дар боғи Адан **қадам мезад**, ҳамин гуна Ӯ дар байни халқи Худ «қадам мезад», ҳангоме ки хаймаи муқаддас (ва ибодатгоҳ) дар миёни онҳо буд (Ибодат 26:11–12).
- Чунон ки **баромадгоҳ дар тарафи шарқ**ии боғи Адан буд, баромадгоҳи ибодатгоҳ дар тарафи шарқ буд (Ҳизқиёл 47:1).
- Чунон ки каррубиён даромадгоҳи боғи Аданро посбонӣ мекарданд (Ҳастӣ 3:24), каррубиён дар пардаҳои ибодатгоҳ гулдӯзӣ карда шуда буданд (2 Вақоеънома 3:14). Каррубиҳо рамзи он буданд, ки Худо даромадгоҳро муҳофизат мекунад, то одамон ба Қудси қудсҳо дохил нашаванд. Дар болои сандуқ ду каррубии тиллоӣ меистод. Онҳо рамзи он буданд, ки Худо хеле қуддус аст, ва аз ин сабаб одамон ба Ӯ наздик шуда наметавонанд.
- **Дарёе** дар боғи Адан ҷорӣ мешуд, ки баъдтар ба чор тақсим мешуд ва ҷаҳонро ҳаёт мебахшид. Ва дар боби 47-уми китоби пайғамбар Ҳизқиёл Худо дар бораи оянда руъё медиҳад, ки дар он аз ибодатгоҳи нав дарёе ҷорӣ шуда, ба ҳар як одам ҳаёт мебахшад.

Ибодатгоҳ чӣ гуна ба халқи Худо боғи Аданро ёдрас мекард? [22]

1.

2.

3.

4.

5.

6.

# Ҷавобҳо

1 – 1 000 сол пеш аз таваллуди Исо.
2 – 800–400 сол пеш аз милод.
3 – Дар шаҳраки хурде бо номи Байт-Лаҳм.
4 – Аз Байт-Лаҳм.
5 – Дар Байт-Лаҳм.
6 – Ӯ онҳоро аз фалиштиён наҷот дод.
7 – Ӯ онҳоро аз марг, аз гуноҳ ва аз шайтон наҷот дод!
8 – Подшоҳон ва саркоҳинон.
9 – Подшоҳ Шоул солҳои зиёд ӯро таъқиб мекард.
10 – Аз Забур таронаҳо навишт, ки дар бораи Масеҳ пешгӯӣ мешуданд.
11 – Ӯ барои мо дар салиб мурд.
12 – Довуд бузургтарин подшоҳи Исроил шуд. Исо Подшоҳи подшоҳон аст, ки дар тамоми замин ҳукмронӣ хоҳад кард!
13 – 1) Вай дар Байт-Лаҳм таваллуд шуда;
2) халқи Худоро наҷот дод;
3) подшоҳи тадҳиншудае буд;
4) ки бисёр азоб кашид ва подшоҳи бузург шуд.
14 – Ӯ мехост барои Худо ибодатгоҳи бузургу зебое созад.
15 – Ӯ мехост Худоро ҷалол диҳад.
16 – Худо хонаи абадӣ ва бехатарро ваъда додааст.
17 – Муҳаббати худро аз онҳо дур намекунад. Худо ҳамеша бо онҳо хоҳад буд!
18 – Худо ваъда додааст, ки халқи Ӯ ҳамеша подшоҳе хоҳанд дошт, ки аз авлоди Довуд хоҳад буд.
19 – 1) Худо хонаи абадӣ ва бехатарро ваъда додааст;
2) Худо ҳамеша бо онҳост;
3) Худо ваъда дод, ки халқи Ӯ ҳамеша подшоҳе хоҳад дошт, ки аз авлоди Довуд хоҳад буд.
20 – Ӯ меояд, то моро ба хонаи Падари Худ (хонаи абадӣ ва бехатари мо) барад.
21 – Худи Худо бо мо зиндагӣ хоҳад кард!
22 – 1) Дарахтону гулҳои зебо;
2) тиллову сангҳои қиматбаҳо буданд;
3) Худо он ҷо қадам мезад;
4) баромадгоҳ дар тарафи шарқ буд;
5) каррубиён даромадгоҳро посбонӣ мекарданд, то одамон ба Қудси қудсҳо дохил нашаванд;
6) дарёе (дар руъёи оянда) ба олам ҳаёт мебахшад.

Дарси 19:

# Китобҳои ҳикмат: Айюб



Дар Китоби Муқаддас панҷ китоби ҳикмат ҳастанд:
- Айюб,
- Забур,
- Масалҳо,
- Воиз,
- Суруди сурудҳо.

Ин панҷ китоб барои хирадмандона зиндагӣ кардан ёрӣ мерасонанд, то ки мо ба Худо писанд омада, барои дигарон баракат буда тавонем.

Дар ин китобҳо шеърҳо ва сурудҳо бисёранд. Шеърҳо ё сурудҳо ба дили мо тасири чуқур мерасонанд. Онҳо бисёр вақт барои ифода кардани эҳсосоти ниҳонии диламон ёрӣ мерасонанд. Худо ба мо эҳсосотро додааст, аммо онҳо бисёр вақт ниҳон мебошанд. Таронаҳои Забур ба мо ёрӣ мерасонанд, то ҳиссиёти дар чуқурии диламон бударо бинем, ва барои ба Худо расондани онҳо ёрӣ мерасонанд. Ҳангоме ки мо чунин мекунем, Худо моро тасалло медиҳад, шифо мебахшад ва барқарор мекунад.

Ин панҷ китоби ҳикмат ба мо дар бораи бисёр чизҳое, ки одамон эҳсос менамоянд, нақл мекунанд. Масалан, дар бораи азоб, муҳаббат ва дар бораи ба даст овардани ҳикмат. Онҳо ба мо Худоро, муҳаббати Ӯ ва вафодории Ӯро нишон медиҳанд.

Худо ва воситаи ин китобҳо бо мо гуфтугӯ карданро дӯст медорад!

Дар Китоби Муқаддас кадом панҷ китоби ҳикмат ҳастанд? [1]

## Айюб

Китоби Айюб — қиссаи шахсест, ки азобҳои бисёр кашидааст. Барои фаҳмидани ин китоб онро аз аввал то охир хондан даркор аст.

**Бобҳои 1-ум ва 2-юмро** хонед.

Айюб бисёр чизҳоро аз даст медиҳад. Ӯ чиҳоро аз даст медиҳад? [2]

## Намуна барои мо

1. Айюб дар **1:21** чӣ мегӯяд? [3]

Инро бо суханони худ нақл намоед.

Айюб барои мо намунаи олидараҷа аст: ҳатто ҳангоме ки ба ҳаётамон ҳар гуна мушкилиҳо меоянд, мо бояд ситоиш кардани Худоро ёд гирем.

2. Айюб дар **2:10** чӣ мегӯяд? [4]

Он чиро, ки Ӯ гуфт, бо суханони худ нақл намоед.

Ҳамаи он чиро, ки Худо ба ҳаёти мо мефиристад, мо бояд бо фурӯтанӣ қабул намоем: ҳам нек, ҳам бадро.

3. Аммо Айюб шахси комил набуд. Ӯ аз Худо хашмгин шуд.

Айюб дар **3:11** ба Худо чӣ савол медиҳад? [5]

Ин ба мо барои тақлид намунаи хубест. Мо бояд ба Худо дар бораи ҳиссиёти худ гӯем. Ӯ моро мефаҳмад, ва мехоҳад, ки мо бо Ӯ софдилона гап занем. Ӯ намехоҳад, ки мо аз боиси дардамон аз Ӯ рӯ гардонем. Айюб ҳангоми дардҳо ва азобҳояш ба Худо боварӣ намуданро ёд гирифт.

Дар кадом 3 маврид Айюб барои мо намунаи ибрат аст? [6]

1.

2.

3.

## Саволҳо ба Худо

Айюб донистан мехоҳад, ки чаро ӯ азоб мекашад. Худо ба саволҳои ӯ ҷавоб намедиҳад. Аммо дертар, дар бобҳои 38–41, Худо бо ӯ вомехӯрад ва ин барои ӯ басанда аст.

Мо мефаҳмем, ки Худо маҷбур нест ба саволҳои мо ҷавоб диҳад. Ӯ ҳама чизро зери назорат дорад. Ӯ ҳамаро идора мекунад. Ба мо зарур нест, ки ҳамаи он чи дар атрофамон ва дар ҳаётамон рӯй медиҳад, фаҳмем. Аммо мо бояд дар ҳама чиз ба Худо боварӣ намоем. Ҳангоме ки мо ба Ӯ ҳам дар замонҳои хуб ва ҳам дар замонҳои бад боварӣ менамоем, ин ба Ӯ писанд меояд.

Мо бояд аз Худо чиро интизор бошем? [7]

Худо аз мо чиро интизор аст? [8]

## Анҷоми нек

**42:7–17**-ро хонед.

Дар аҳди Қадим ба таври равшан ошкор карда нашудааст, ки пас аз марги одам бо ӯ чӣ рӯй медиҳад. Аз он чи хондем, мо фаҳмидем, ки Худо Айюбро пас аз ҳамаи азобҳои ӯ баракат дод. Дар Аҳди Ҷадид Худо ба мо чунин анҷоми некро дар ҳаёти заминӣ ваъда намедиҳад. Ин боб барои мо ҷои Офариниши Навро нишон медиҳад, ҳангоме ки ҳаёт аз он чи тасаввур карда метавонем, хеле беҳтар мешавад (Ваҳй 21:1–4; 22:1–5)!

Охири Китоби Айюб тасвири чӣ аст? [9]

> ### *Ба таври иловагӣ:*
>
> Танҳо дар як ҷой Айюб умеди бо Худованд вохӯрдани худро зикр намудааст, эҳтимол, пас аз эҳё шудани худ.
>
> **Айюб 19:25–27**-ро хонед.

## Гуноҳ ва азобҳо

Дӯстони Айюб мегӯяд, ки азобҳои одам нишонаи он мебошанд, ки ӯ гуноҳ кардааст. Айюб боварӣ дорад, ки азобҳои ӯ натиҷаи гуноҳ намебошанд, зеро ӯ шахси хуб буд. Дар қисми зиёди китоб Айюб бо дӯстонаш дар ин бора баҳс мекунад!

Китоби Айюб ба мо таълим медиҳад, ки азобҳои мо на ҳамеша натиҷаи гуноҳ кардани мо мебошанд. Исо ҳеҷ гоҳ гуноҳ накарда буд, аммо Ӯ рад карда шуд, ба беадолатӣ рӯ ба рӯ шуд ва ба марги пуразоб дучор гардид. Ӯ барои он азоб кашид, ки ҳамаи азобҳои моро ба охир расонад! Ин кай рӯй медиҳад? [10]

Дар айни замон мо медонем, ки Худо ҳамаи азобҳои моро барои фоидаи мо истифода мебарад, масалан:

**Яъқуб 1:2–4:** Чӣ хел Худо азобҳои моро барои фоидаи мо истифода мебарад? [11]

Ҳангоме ки мо азоб мекашем, ҳамеша интихобе дорем: мо метавонем дилсахт шавем ва ранҷем, ё метавонем азобҳоро имконияти боз бештар ба Исо монанд шудан ҳисобем.

Худо дар **Ибриён 13:5** ба мо чӣ ваъда додааст? [12]

Агар касе азоб кашад, оё ин маънои онро дорад, ки ӯ гуноҳ содир кардааст? [13]

Шахсеро мисол оваред, ки азоб мекашид, агарчи ҳеҷ кори бад накарда буд? [14]

Кай ҳамаи азобҳо ба охир мерасанд? [15]

Чӣ гуна Худо азобҳои моро барои фоидаи мо истифода мебарад? [16]

Ҳангоме ки мо азоб мекашем, чӣ интихобе дорем? [17]

Худо дар Ибриён 13:5 ба мо чӣ ваъда додааст? [18]

Бигузор Худо ба мо баракат диҳад, ки ба ҳамаи мушкилот дар зиндагиямон тоб оварем!

**Худо шуморо ба воситаи Китоби Айюб чиро омӯзонад?**

## Ҷавобҳо

1 – Айюб, Забур, Масалҳо, Воиз, Суруди сурудҳо.
2 – Молу мулк, фарзандон ва дертар саломатиро.
3 – Аз шиками модари худ луч берун омадам, ва луч бармегардам. Парвардигор дод, ва Парвардигор гирифт. Номи Парвардигор муборак бод!
4 – Наход ки некиро аз Худо қабул кунему бадиро қабул накунем?
5 – Барои чӣ ман таваллуд шудам?
6 – 1) Мо бояд ҳангоми аз сар гузарондани ҳар гуна мушкилот ҷалол додани Худоро ёд гирем.
2) Мо бояд ҳам некиро ва ҳам бадиро бо фурӯтанӣ аз Худо қабул кунем.
3) Мо бояд ба Худо дар бораи ҳиссиёти худ гӯем.
7 – Ҳангоме ки мо Ӯро меҷӯем, Ӯ бо мо вомехӯрад. Худо маҷбур нест, ки ба ҳамаи саволҳои мо ҷавоб диҳад.
8 – Мо дар ҳамаи вазъиятҳои ҳаётамон ба Ӯ боварӣ менамоем, ҳам дар вазъиятҳои хуб, ҳам дар вазъиятҳои бад.
9 – Офариниши нав.
10 – Ҳангоме ки Ӯ бармегардад, то ки моро ба хона ба Офариниши Нав барад.
11 – Озмоиши имони мо сабаби устуворӣ мегардад, ва устуворӣ бояд дар мо он қадар афзоиш ёбад, ки мо болиғ ва мукаммал, бе ҳар гуна норасоиҳо шавем.
12 – Аз ту даст намекашам ва туро тарк намекунам.
13 – Не.
14 – Исо.
15 – Ҳангоме ки Исо бармегардад, то ки моро ба хона ба Офариниши Нав бигирад.
16 – Озмоиши имони мо сабаби устуворӣ мегардад, ва устуворӣ бояд дар мо он қадар афзоиш ёбад, ки мо болиғ ва мукаммал, бе ҳар гуна норасоиҳо шавем.
17 – Мо метавонем дилсахт шавем ва ранҷем, ё метавонем азобҳоро имконияти боз бештар ба Исо монанд шудан ҳисобем.
18 – Аз ту даст намекашам ва туро тарк намекунам.

Дарси 20:

# Китобҳои ҳикмат: Забур



## Оё медонед, ки...?

- Забур калонтарин китоби Китоби Муқаддас аст.
- Дар ин китоб 150 тарона ҷамъ оварда шудаанд.
- Таронаҳои ин китоб дар давоми 700 сол навишта мешуданд.
- Бисёрии ин таронаҳоро подшоҳ Довуд навиштааст. Дар ин китоб таронаҳое ҳастанд, ки Мусо, Сулаймон ва дигар одамон навиштаанд.
- Муаллифони Аҳди Ҷадид аз Забур беш аз ҳар китоби дигари Аҳди Қадим иқтибос меоваранд. Оятҳо бо таронаҳои Забур дар ҳамаи китобҳои Аҳди Ҷадид ҳастанд, ғайр аз 4 китоби он!
- Дар китоби Забур беш аз ҳар китоби дигари Аҳди Қадим пешгӯиҳо дар бораи Масеҳ ҳастанд.
- Дар замони навишта шудани Аҳди Ҷадид Забур барои яҳудиён китоби сурудҳо буд, барои Исо низ. Агар Исо ин таронаҳоро хонда бошад, мо ҳам онҳоро бояд хонем!
- Барои фаҳмидани мавзӯи асосии тарона, онро якчанд бор хондан даркор аст.

Дар Забур чанд тарона ҷамъ оварда шудаанд? [1]

Бисёрии таронаҳои Забурро кӣ навиштааст? [2]

Кӣ дар Аҳди Ҷадид ин китоби таронаҳоро истифода мебурд? [3]

Мавзӯи асосии таронаро чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст? [4]

## Се навъи асосии таронаҳо:

1. Таронаҳое, ки мо барои **ситоиши** Худо истифода бурда метавонем. **Забури 99**-ро хонед.

2. Таронаҳое, ки мо барои он истифода бурда метавонем, ки Худоро барои он чи кардааст, **шукргузорӣ** намоем. **Забури 114**-ро хонед — дар ин тарона Довуд Худоро барои аз мурдан наҷот ёфтани худ шукргузорӣ менамояд.

3. Сурудҳое, ки мо барои он истифода мебарем, ки сӯи Худо **фарёд намоем**, ҳангоме вазъиятамон вазнин аст. Масалан, муаллиф чиро ҳис мекард, вақте ки инро менавишт:

   **Забур 87:19:** *«Ёрон ва дӯстонро аз ман дур кардаӣ; ошноҳоям торикист?»* [5]

Ҳангоме ки таронаҳоро мехонем, бояд дар бораи он фикр кунем, ки муаллиф ҳангоми навиштани ин тарона чиро эҳсос менамуд? Оё мо ҳамин хел эҳсосотро аз сар мегузаронем?

Мо метавонем ин суханонро барои ситоиш намудани Худо, барои шукргузорӣ ба Ӯ ва ба сӯи Ӯ фарёди ёрӣ намудан истифода барем!

Худо ба мо ёрӣ мерасонад, ки барои ҳама гуна вазъият ва ҳар хел эҳсосот суханонро пайдо намоем!

Кадом се навъи истифодаи Забурро мо дар ҳаётамон амалӣ карда метавонем? [6]

1.

2.

3.

# Забур ба мо барои шинохтани (донистани) Исо ёрӣ мерасонад

1. Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки подшоҳ Довуд ба Масеҳ ишора мекунад. Бисёр вақт вазъиятҳое, ки дар ҳаёти Довуд буданд, дар ҳаёти Исо такрор мешуданд.

   Масалан:

   - Азобҳои Довуд. Довуд азобҳои худро бо суханоне тасвир менамояд, ки аз он чи ӯ худаш аз сар гузарондааст, зиёдтар мебошанд. **Забури 21:13—19**-ро хонед — ин тасвири аҷоиби ба салиб кашида шудан аст, ки садҳо сол пеш аз паҳн шудани ин намуди қатл навишта шудааст!

   - Ӯ подшоҳи бузург буд, аммо баъзан тасвирҳо дар тарона беандоза пуршукӯҳ мебошанд, ва ба Довуд дахл дошта наметавонанд. **Забури 2:6—9**-ро хонед — Дар ин ҷо Масеҳ тасвир шудааст, ки Подшоҳи тамоми олам мешавад!

2. Он чи мо дар бораи Худо дар Забур мехонем, ба мо ошкор менамояд, ки Исо кист.

   Намунаи 1:

   **Забури 102:2—3**-ро хонед. Дар ояти 3 Худо чӣ кор мекунад? [7]

   Бо **Марқус 2:1—12** муқоиса кунед. Исо кор чӣ мекунад? [8]

Намунаи 2:

**Забури 22:1**-ро хонед. Он Худоро чӣ гуна тасвир менамояд? [9]

Бо **Юҳанно 10:11** муқоиса кунед. Дар ин ҷой оид ба Исо чӣ навишта шудааст? [10]

Ду мисол оваред, ки чӣ хел ҳаёти Довуд ба Масеҳ ишора мекунад: [11]

1.

2.

Ду мисол оваред, ки чӣ гуна он чи Забур дар бораи Худои Падар мегӯяд, нисбати Худои Писар дуруст аст: [12]

1.

2.

Бигзор Китоби Забур моро назди Исо оварад!

Оё дар Забур таронаи дӯстдошта доред? Чаро он ба шумо маъқул аст? [13]

## *Ба таври иловагӣ:*

Дар Забур баъзе оятҳо ҳастанд, ки дар онҳо муаллиф мехоҳад, ки Худо душманони ӯро маҳкум намояд, ва хоҳиш мекунад, ки бо онҳо ҳодисаҳои даҳшатовар рӯй диҳанд. Масалан: **Забури 108**.



Аҳди Ҷадид дар бораи қасос чӣ мегӯяд? Нигаред ба **Румиён 12:17–19**. [14]

Ҳангоме ки одамон халқи Худоро таъқиб мекунанд, вазифаи мо қасос нагирифтан аст.

Мо бояд дуо гӯем ва ба Худо гӯем, ки дар робита бо ин вазъият чиро эҳсос менамоем. Ҳангоме ки одамон фарзандони Худоро таъқиб мекунанд, Ӯ аз мо зиёдтар хашмгин мешавад. Ба қарибӣ Исо бармегардад ва ҳамаи одамони бадкирдорро ба ҷавобгарӣ мекашад!

# Ҷавобҳо

1 – 150.
2 – Подшоҳ Довуд.
3 – Исо ва яҳудиён.
4 – Онро якчанд бор хондан даркор аст.
5 – Ӯ фикр мекунад, ки ҳаёташ аз ин бадтар шуда наметавонад. Ҳозир ӯ дӯстон надорад танҳо торикӣ.
6 – 1) Ситоиш намудани Худо,
2) барои шукргузорӣ ба Ӯ ва
3) фарёди ёрӣ намудан ба сӯи Ӯ!
7 – Худо ҳамаи гуноҳҳои моро мебахшад ва бемориҳоямонро шифо медиҳад.
8 – Исо ӯро мебахшад ва шифо медиҳад.
9 – Чӯпони ман.
10 – Исо чӯпони нек аст.
11 – 1) Ӯ азоб мекашид ва
2) подшоҳи бузург буд.
12 – 1) Наҷотдиҳанда ва
2) чӯпони неки мо.
13 – Масалан: Таронаи 22: Худои вафодор моро роҳнамоӣ мекунад, дар ҳаққи мо ғамхорӣ менамояд ва ба мо қувваи даркориро медиҳад. Вазифаи мо — Ӯро пайравӣ намудан аст.
14 – Мо набояд дар ҷавоб ба бадӣ бадӣ кунем. Мо набояд қасос гирем, балки барои ғазаби Худо ҷой боқӣ гузорем.

Дарси 21:
# Забур 90



Ин таронаро хонед.

Ин тарона ваъдаро барои Подшоҳ дар бар мегирад, ки ба Масеҳ дода шуда буданд, ва ба воситаи Ӯ — ба мо!

## Худо қалъаи ман аст

Одамон аз чӣ ба ташвиш меоянд? [1]

Забури 90:2: Муаллиф дар бораи Худо чӣ мегӯяд? [2]

Қалъа ҷои бехатар дар вақти ҷанг аст. Мо метавонем дар он пинҳон шавем, ва дар бехатарӣ бошем.

Худо дар ояти 4-ум ба кӣ монанд аст? Халқи Худо ба кӣ монанд аст? [3]

Чунон ки паранда чӯҷаҳояшро бо болҳояш аз хатар ҳимоят мекунад, ҳамон гуна Худо моро ҳимоят мекунад.

Оятҳои 5 ва 6-ро хонед. Чӣ рӯй медиҳад, ҳангоме ки мо дар бораи хислати Худо фикр мекунем ва ба худ ёдрас менамоем, ки Ӯ кист? [4]

Оятҳои 7 ва 8-ро хонед. Онҳо дар бораи доварии Худо бар бадкирдорон ва халқи Худро ҳимоя кардани Ӯ мегӯянд. Дар ин оятҳо мо Рӯзи довариро мебинем, ҳангоме ки Исо бармегардад, то ки ҷаҳонро доварӣ намояд. Дар ин рӯз ҳамаи онҳое, ки ба Худо итоат накардаанд, абадан ҷазо дода мешаванд.

Бо касоне, ки ба Худо ва Подшоҳ, Масеҳ тобеъ шудаанд, чӣ рӯй медиҳад (ояти 8)? [5]

Чӣ рӯй медиҳад, ҳангоме ки мо дар бораи хислати Худо андеша менамоем ва ба худ ёдрас менамоем, ки Ӯ кист? [6]

# Мубориза байни шайтон ва Масеҳ

## Шайтон Масеҳро мағлуб карданӣ мешавад

Шайтон аз замонҳои боғи Адан аз омадани Масеҳ метарсид (Ҳастӣ 3:15). Аз рӯзҳои аввали таваллуд шудани Исо шайтон ҳамаи воситаҳоро истифода бурд, то Ӯро кушад (Матто 2:13–16). Ҳангоме ки муваффақ нашуд, ҳамаи кӯшишҳоро ба он равона кард, ки Исо ба нокомӣ дучор шавад.

Шайтон суханони ин таронаро дар **Матто 4:5–7** чӣ гуна истифода бурд? [7]

Чаро Исо ба шайтон исбот намекард, ки ҳатто агар Ӯ аз болои боми ибодатгоҳ Худро ба поён партояд ҳам, Худо Ӯро ҳимоят мекунад (Матто 4:7)? [8]

Мо набояд он чиро, ки шайтон пешниҳод мекунад, ба ҷо оварем!

**Матто 4:11**-ро хонед. Мо мебинем, ки фариштаҳо, ки Худо дар Забури 90:11 ваъда дода буд, омада ба Исо ёрӣ расонданд.

## Масеҳ шайтонро мағлуб мекунад

**Забури 90:13:** мор ё аждаҳо дар ин ҷо шайтонро ифода мекунад, ва шерон касонеро ифода мекунанд, ки зарар расондан мехоҳанд (Забур 21:14).

Худо ба шайтон (ки дар шакли мор омад) дар **Ҳастӣ 3:15** чӣ гуфт? [9]

Шайтонро насли Ҳавво мағлуб мекунад, аммо дар айни ҳол насли Ҳавво азоб мекашад.

Мувофиқи Забури 90:13, Масеҳ бояд чӣ кунад? [10]

Ӯ шайтон ва ҳамаи онҳоеро, ки ба вай хизмат мекунанд, мағлуб менамояд!

Масеҳ бояд чӣ кунад? [11]

# Ҳангоме ки мушкилот меоянд

Худо дар оятҳои 15 ва 16 ба Исо чӣ ваъда медиҳад? [12]

Худо ваъда медиҳад, ки:

- Бо Ӯ хоҳад буд,
- Ӯро наҷот медиҳад,
- Ӯро ҷалол медиҳад,
- ба Ӯ умри дароз медиҳад,
- ба Ӯ наҷот медиҳад.

**Филиппиён 2:8–11**-ро хонед. Оё Худо ба ваъдаҳое ки ба Масеҳ дод, вафо кард? [13]

Худо Исоро **ба воситаи азобҳо ва марги Ӯ** халосӣ дод. Марги Исо онро ифода намекунад, ки Худо Исоро тарк кардааст. Баръакс, Худо ҳангоми азобҳо бо Ӯ буд. Ӯ Исоро наҷот дод ва аз мурдаҳо эҳё намуд. Ӯ Исоро ҷалол дод. Исо абадан зиндагӣ мекунад. Ба воситаи итоаткории Исо, Худо ба бисёр одамон наҷот овард!

Ояти 13 дар бораи он чи Масеҳ мекунад, чӣ мегӯяд? [14]

Ҳангоме ки мо ба Исо боварӣ менамоем, мо набояд аз шайтон ва девҳои ӯ тарсем.

Ояти 15 ба мо дар бораи Худо чӣ мегӯяд? [15]

Худо бо фариштаҳояш моро дар ҳар як лаҳзаи зиндагӣ ҳимоят мекунад! Аммо Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, ки Худо ба рӯй додани воқеаҳои бад роҳ медиҳад.

Агар касе гӯяд, ки пайравони Исо бо мушкилиҳо дучор намешаванд, ба ӯ гӯш надиҳед.

Исо дар **Юҳанно 16:33** ба шогирдонаш чӣ гуфт? [16]

Дар ҳаёти мо мушкилиҳо мешаванд, аммо Исо ба мо осоиши Худро медиҳад.

Худо дар **Румиён 8:38–39** ба мо чӣ ваъдаи олидараҷа медиҳад? [17]

Ҳангоме ки мо Исоро пайравӣ мекунем, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз моро аз муҳаббати Худо ҷудо карда наметавонад!

Оё пайравони Исо мушкилиҳо хоҳанд дошт? [18]

Худо дар Румиён 8:38–39 ба мо чӣ ваъда медиҳад? [19]

# Нақшаҳои Худо

Исо ин таронаро хуб медонист. Дар **Луқо 22:42,** ҳангоме ки Ӯ дар шаби пеш аз марги Худ дар кӯҳи Зайтун буд, дар бораи чӣ дуо мегуфт? [20]

Исо медонист, ки Худо моро аз бадӣ ҳимоя карда метавонад, аммо гоҳо Ӯ барои мо нақшаҳои беҳтар дорад.

**Луқо 22:43**-ро хонед. Худо боз фариштаеро фиристод, то Ӯро устуворӣ диҳад.

Мо ҳамчунин медонем, ки Худо моро аз бадӣ ҳимоят кардан метавонад, аммо Ӯ барои ҳаёти мо нақшаҳои беҳтар дорад. Агар Ӯ ба мушкилиҳо дар ҳаёти мо роҳ диҳад, мо бояд донем, ки Ӯ ҳамеша фариштаҳои Худро ба ёрии мо мефиристад!

Дар **Румиён 8:28–29** Худо азобҳои моро чӣ тавр истифода мебарад? [21]

Чаро Худо мушкилотро дар ҳаёти мо роҳ медиҳад? [22]

# Ҳаёти абадӣ

Худо дар Забури 90:16 чӣ ваъда медиҳад? [23]

Дар Аҳди Қадим оид ба ҳаёти пас аз марг бисёр маълумот мавҷуд нест. Ҳаёти тӯлонӣ дар Аҳди Қадим нишонаи баракати Худо буд.

Дар Аҳди Ҷадид Худо ба мо ҳаёти тӯлониро дар замин ваъда намедиҳад, аммо Ӯ чизи хеле беҳтарро ваъда медиҳад: ҳаёти абадӣ бо Ӯ, ва ин аз он чи мо тасаввур карда метавонем, хеле беҳтар аст!

Исо моро аз гуноҳ, марг ва шайтон наҷот дод! Ӯ ба мо ҳаётӣ абадиро тӯҳфа намуд! Мо набояд аз чизе тарсем!

Мо на ҳама вақт нақшаҳои Худоро дида метавонем, аммо вазифаи мо — **боварӣ намудан ба Худо аст,** чунон ки Исо ба Ӯ боварӣ менамуд.

Худо ваъда медиҳад, ки дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад, дар ҳамаи рӯзҳои ҳаётамон бо мо мешавад, ва ба мо ҳаёти абадиро медиҳад. Бинобар ин тарсидан лозим нест!

Худо ба мо чӣ ваъда медиҳад? [24]

Вазифаи мо аз чӣ иборат аст? [25]

## Кадом оятро аз ин тарона аз ёд кардан мехоҳед?

# Ҷавобҳо

1 – Одамон дар хусуси саломатӣ, имтиҳонҳои дар пеш буда, дар хусуси фарзандон ташвиш мекашанд, аммо беш аз ҳама одамон дар хусуси пул ташвиш мекашанд.
2 – Худо паноҳгоҳ ва қалъаи мост.
3 – Худо чун паранда-модари қавӣ аст, ва мо — чӯҷаҳои нотавон.
4 – Мо аз ҳеҷ чиз наметарсем!
5 – Худо онҳоро дар бехатарӣ нигоҳ медорад.
6 – Мо аз ҳеҷ чиз наметарсем!
7 – Шайтон оятҳои 11 ва 12-ро истифода бурд, то Исоро ба васваса андозад, ки Худро аз болои боми ибодатгоҳ ба поён партофта, ба ҳама исбот намояд, ки Ӯ Писари Худост.
8 – Озмудани Худо дуруст нест.
9 – *Ва дар миёни ту ва зан, ва дар миёни насли ту ва насли вай душманӣ меандозам:* ***вай сари туро хоҳад кӯфт, ва ту пошнаи вайро хоҳӣ кӯфт.***
10 – Вазифаи Исо аз он иборат буд, ки бар шер ва мор пой монад; шери ҷавон ва аждаҳоро поймол кунад.
11 – Шайтонро мағлуб намудан.
12 – *Маро хоҳад хонд, ва ӯро хоҳам шунид; дар тангӣ Ман бо ӯ ҳастам; ӯро халосӣ хоҳам дод. Аз умри дароз ӯро сер хоҳам кард, ва наҷоти Худро ба ӯ нишон хоҳам дод.*
13 – Ҳа!
14 – Масеҳ Худост, Ӯ мағлубкунандаи шайтон аст! Ҳамин тавр халқи Худо аз ҳама гуна бадӣ дар бехатарӣ буда метавонад.
15 – Худо дуоҳои моро мешунавад ва ваъда медиҳад, ки дар вақти мушкилот бо мо хоҳад буд.
16 – *Ман ин чизҳоро ба шумо гуфтам, то ки шумо аз Ман оромӣ пайдо кунед. Дар дунё шуморо азобу уқубат интизор аст, вале шумо далер бошед: Ман бар ин ҷаҳон ғолиб шудаам!*
17 – *Зеро ман боварии комил дорам, ки на марг, на зиндагӣ, на фариштагон, на қудратмандони осмонӣ, на замони ҳозиraву оянда, на қувваҳо, 39на осмону замин ва на ягон мавҷудот моро аз муҳаббате, ки Худо дар Худовандамон Исои Масеҳ ба мо нишон додааст, ҷудо карда наметавонад.*
18 – Ҳа!
19 – Ҳеҷ чиз моро аз муҳаббати Худо ҷудо карда наметавонад!
20 – Эй Падар! Кошки ин косаро аз Ман гузарондан мехостӣ; лекин бигзор на хости Ман, балки хости Ту ба амал ояд.
21 – Худо мушкилиҳоро барои он истифода мебарад, ки моро бештар ба Исо монанд гардонад.
22 – Худо мушкилиҳои моро барои он истифода мебарад, ки моро бештар ба Исо монанд гардонад.
23 – *Аз умри дароз ӯро сер хоҳам кард, ва наҷоти Худро ба ӯ нишон хоҳам дод.*
24 – Худо ваъда медиҳад, ки дар ҳаққи мо ғамхорӣ мекунад, дар ҳамаи рӯзҳои ҳаётамон бо мо мешавад, ва ба мо ҳаёти абадиро медиҳад.
25 – Ба Худо боварӣ намудан ва натарсидан!

Дарси 22:

# Китобҳои ҳикмат: Масалҳо, Воиз ва Суруди Сурудҳо



## Масалҳо

**1:2**-ро хонед. Мақсади навиштани ин китоб чист (инро бо суханони худ баён намоед)? [1]

Ҳикмат ба кӣ даркор аст? [2]

## Бознигарии бобҳои 1–9

9 боби аввал моро даъват мекунанд, ки ба овози ҳикмат гӯш диҳем.

**1:7**-ро хонед. Ибтидои дониш чист? [3]

Кӣ аз ҳикмат ва насиҳат нафрат дорад? [4]

Бисёр оятҳо дар бораи ду хели одамон мегӯянд: хирадмандон ва беақлон. Мо чӣ гуна мешавем: хирадманд ё беақл?!

**1:8–9**-ро хонед. Писар бояд чӣ кунад? [5]

**4:14**-ро хонед. Писар бояд чӣ корро накунад? [6]

Мо бояд на ба овозҳои дигар, ки моро аз Худо дур мекунанд, балки ба овози ҳикмат гӯш диҳем.

**3:5–6**-ро хонед. Агар чӣ кор карданамонро надонем, бояд чӣ кунем? [7]

Ҳангоме ки мо ба Худо итоат мекунем ва аз Ӯ ҳикмат дархост менамоем, Ӯ моро бо роҳҳои хуб ва дуруст мебарад. Ин дар Забури 22 низ навишта шудааст, Худо чӯпони неки мост, моро бо роҳҳои рост мебарад.

Дар ин китоб кадом ду хели одамон тасвир ёфтаанд? [8]

# Бознигарии бобҳои 10–31

Бобҳои баъдина аз бисёр оятҳои алоҳида иборатанд. Ин оятҳо дар бораи мавзӯҳое мегӯянд, ки ҳамаи мо бояд донем. Масалан: пул, кор, дар бораи чӣ сухан гуфтан, оид ба хона, дӯстӣ, оила, ҳукумат, зиндагӣ.

Биёед як намунаро аз назар мегузаронем:

**14:1**-ро хонед. Зани хирадманд чӣ кор мекунад? [9]

Ин чӣ маъно дорад? [10]

Зани аблаҳ чӣ кор мекунад? [11]

Ин чӣ маъно дорад? [12]

Ин изҳорот ба мардон низ дахл дорад!

Дар бобҳои 10–31 оид ба кадом мавзӯҳо гуфта шудааст? [13]

Ин мавзӯъҳо барои ҳамаи мо хеле муҳим ҳастанд!

# На ваъдаҳо

Оятҳои ин китоб на ваъдаҳо, балки он чизҳое мебошанд, ки муаллиф дар зиндагии худ дидааст. Онҳо он чиро тасвир менамоянд, ки одатан дар зиндагӣ рӯй медиҳанд, аммо на ҳама вақт.

Ин оятро хонед:

**Масалҳо 13:25:** *«Росткор барои серии ҷонаш мехӯрад, вале шиками бадкидрор мӯҳтоҷӣ мекашад».*

Оё росткорон ҳамеша хӯроки басанда доранд? [14]

Оё бадкирдорон ҳамеша хӯроки кам доранд? [15]

Мо медонем, ки росткорон баъзан гуруснагӣ мекашанд. Ин аз боиси гуноҳҳои одамони атроф рӯй медиҳад. Масалан: ҷангҳо, ё хасисии ҳукумат, ё касе тамоми пули оиларо ба май сарф кардааст. Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки бар зидди Худо исён кардааст!

Одатан ин оятҳо дурустанд: дар Аҳди Қадим росткорӣ сабаби баракат мегардид, ва бадкирдорӣ — сабаби бадбахтӣ мешуд. Аз Аҳди Ҷадид мо мефаҳмем, ки ин баракатҳо ва ҷазоҳо — рамзи баракат ва ҷазои абадӣ аст, ки моро интизоранд, ҳангоме ки Исо бозмеояд. Умеди мо на бар чизҳои моддии ин ҷаҳон асос ёфтаанд.

Ҳангоме ки ҳаёт ба он чи дар ин оятҳо тасвир шудааст, мувофиқат надорад, ин ба мо онро ёдрас менамояд, ки **мо он рӯзеро интизорем, ки ин оятҳо ҳақиқат мегарданд** — он вақт ҳамаи росткорон хӯроки бисёр хоҳанд дошт!

Ин кай рӯй медиҳад? [16]

Ба ҳеҷ чизе, ки дар ҳаётатон рӯй медиҳад, имкон надиҳед, ки ба омӯхтани ҳикмати бузурге, ки дар ин китоб аст, халал расонад!

Мо чиро бояд дар ёд нигоҳ дорем, ҳангоме мебинем, ки ҳаётамон ба он чи дар ин оятҳо навишта шудааст, мувофиқат надорад? [17]

Кадом ояти ин китоб бароятон дӯстдошта аст?



# Воиз

**Воиз 1:1–14**-ро хонед.

Дар ин китоб оид ба маънои зиндагӣ сухан меравад.

Барои фаҳмидани китоб онро пурра хондан даркор аст.

Мавзӯи асосӣ: **бе Худо ҳаёти мо маъное надорад:** Кор кардан чӣ маъно ва мақсад дорад? Хуб будан чӣ маъно ва мақсад дорад? Ба одамон меҳрубон будан чӣ маъно ва мақсад дорад?

Муаллиф такрор кардани онро дӯст медорад, ки ҳама чизи атроф — ҳеҷу пуч ва бод паймудан аст (масалан, Воиз 1:14).

Шумо чӣ фикр доред, ин суханон чӣ маъно доранд? [18]

Дар охири китоб муаллиф хулоса мебарорад:

**Воиз 8:15:** «*Пас ман айшу тарабро ситоиш кардам, ки барои одамизод дар таҳти офтоб чизе хубтар аз хӯрдан ва нӯшидан ва айшу тараб намудан нест; ва ин ӯро дар айёми зиндагии пурмеҳнаташ, ки Худо ба ӯ дар таҳти офтоб бахшидааст, ҳамроҳӣ мекунад*».

Худо мехоҳад, ки мо аз ҳаёте, ки Ӯ ба мо додааст, ҳаловат барем!

Аммо гоҳо мо ҳеҷу пуч будани ҳаётро мебинем: мо ҳар рӯз ба кор меравем, ҳар рӯз ҳамон як чиз такрор мешавад.

Ҳеҷу пуч будани ҳаёт бояд моро ҳавасманд кунад, ки хоҳони бозгашти Исо бошем. Дар замини нав ҳаёт пурмаъно мешавад, он олидараҷа ва ҳайратовар мешавад. Ин ҷаҳон хонаи ҳақиқии мо буда наметавонад!

Ҳангоме ки ҳеҷу пуч будани ҳаётро мебинем, мо бояд чӣ кунем? [19]

# Суруди сурудҳо



Суруди сурудҳо муҳаббати байни мард ва занро тасвир менамояд.

Муносибатҳои хуб байни шавҳар ва зан — тухфаи гаронбаҳо аз Худост.

Ин ба мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, ёдрас менамояд!

**Эфсӯсиён 5:22–33**-ро хонед. Никоҳ ва оиладорӣ ба чӣ ишора мекунад? [20]

**Ваҳй 19:6–8**-ро хонед. Дар он ҷо кӣ домод аст, ва кӣ арӯс? [21]

**Суруди сурудҳо 2:16:** *«Маҳбуби ман аз они ман аст, ва ман аз они ӯ».*

Ин изҳорот нисбати мо ва Исо дуруст аст!

Мо бояд донем, ки ҳангоме ҳис мекунем, ки ҳеҷ кас моро дӯст намедорад, Исо моро чунон дӯст медорад, ки ҳеҷ кас он гуна дӯст дошта наметавонад! Ҳангоме ки мо бо Исо вақт мегузаронем, Ӯ моро бо муҳаббати Худ пур мекунад, то ки мо муҳаббати Ӯро ба дигарон зоҳир намуда тавонем.

**Суруди сурудҳо 4:1:** *«Инак, ту нозанин ҳастӣ, эй ёри ман! Инак, ту нозанин ҳастӣ!»*

Мо бояд донем, ки ҳангоме фикр мекунем, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ҷолиб нестем, мо ҳамеша барои Исо зебо ҳастем! Ҳангоме мо мефаҳмем, ки чӣ қадар зебо ҳастем, мо ба воситаи муҳаббат, ғамхорӣ ва эҳтиром ба дигарон нишон дода метавонем, ки то чӣ андоза онҳо зебоянд.

Исо ба шумо дар бораи чӣ мегӯяд? [22]

Муҳаббати байни шавҳар ва зан бояд ба мо чиро ёдрас намояд? [23]

Никоҳ ва оиладорӣ ба чӣ ишора менамояд? [24]

Кӣ моро беш аз шавҳар ё зани меҳрубон дӯст медорад? [25]

## Мо дар ин дарс дар бораи Худо чиро фаҳмидем?

# Ҷавобҳо

1 – Барои дар ҳикмат ва фаҳму фаросат нашъунамо кардани мо.
2 – Ба ҳамаи мо ҳикмат даркор аст!
3 – Тарс аз Худо.
4 – Аҳмақон.
5 – Гӯш кардани насиҳатҳои падари худ ва рад накардани пандҳои модари худ.
6 – Ӯ набояд бо бадкирдорон вақт гузаронад ва корҳои мекардаи онҳоро кунад.
7 – Ба Худо боварӣ намоед ва Ӯро бишиносед, ба Ӯ имкон диҳед, ки чӣ кор карданро ба шумо нишон диҳад.
8 – Хирадманд ва аҳмақ.
9 – Хонаи вайро бино мекунад.
10 – Ҳамаи фикрҳо, суханон ва амалҳои ӯ ба оилааш хурсандӣ ва ягонагӣ меоваранд.
11 – Бо дастони худаш хонаашро вайрон мекунад.
12 – Фикрҳо, суханон ва амалҳои ӯ оиларо бадбахт ва номуттафиқ мекунанд.
13 – Пул, кор, он чи дар борааш гап мезанем, хона, дӯстӣ, оила, ҳукумат, ҳаёт ва ғайра.
14 – Не.
15 – Не.
16 – Ҳангоме Исо бозмеояд, то ки моро ба хона барад.
17 – Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки мо рӯзеро интизорем, ки ин оятҳо амалӣ мешаванд, ҳангоме ки Худо тамоми халқи Худро беш аз он чи тасаввур карда метавонем, баракат медиҳад!
18 – Бе Худо ҳаёти мо маъно надорад, ҳеҷу пуч аст, мақсад надорад.
19 – Бозгашти Исо.
20 – Никоҳ ва оиладорӣ ба мумосибатҳои наздик байни Исо ва калисо ишора мекунад.
21 – Исо ва калисо.
22 – *Инак, ту нозанин ҳастӣ, эй ёри ман! Инак, ту нозанин ҳастӣ!*
23 – Оид ба муҳаббати Худо ба мо!
24 – Никоҳи Исо бо калисо.
25 – Исо!

Дарси 23:

# Пайғамбарони Исроил ва Яҳудо



Пас аз 5 китоби ҳикмат ва таронаҳо китобҳои пайғамбарон меоянд.

## Пайғамбар дар Аҳди Қадим кист?

Пайғамбар касест, ки Худо ӯро барои мавъиза намудани паёми Худ интихоб намудааст. Дар Аҳди Қадим бисёрии пайғамбарон фақат ба халқи Худо гап мезаданд, аммо баъзе пайғамбарон (масалан, Юнус) ҳамчунин паёми Худоро ба халқҳои дигар мерасонд.

Пайғамбари дурӯғин на паёми Худо, балки бофтаи хаёлоти худро мегӯяд. Пайғамбари ҳақиқӣ паёми Худоро мерасонад. Паёми ӯ ҳамеша иҷро мешавад.

Пайғамбар дар Аҳди Қадим кист? [1]

## Чаро Худо пайғамбаронро мефиристод?

Худо пайғамбаронро мефиристод, то:

1. Халқи Худро **огоҳ намояд,** ҳангоме онҳо ба қонунҳои Худо итоат намекарданд.

2. Хабареро расонад, ки Худо на танҳо халқи Худро, балки халқҳои дигарро низ **доварӣ карда, ҷазо хоҳад дод**.

3. Хабареро расонад, ки Худо халқи Худ ва халқҳои дигарро низ **баракат хоҳад дод**.

Бо кадом се сабаб Худо ба халқи Худ пайғамбаронро мефиристод? [2]

Ҳамчунин, ба воситаи пайғамбарон Худо ба халқи Худ ваъдаҳои олидарача дод:

- Худо халқи Худро пас аз асорат ба Уршалим бармегардонад.
- Худо Наҷотдиҳандаро мефиристад, то ки халқро аз гуноҳи онҳо наҷот диҳад.
- Худо халқи Худро ба хона, ба осмонҳо меоварад.

Ин ваъдаҳо бисёр вақт чунон навишта шудаанд, ки гӯё на се воқеаи ҷудогона, балки як воқеа бошанд.

Худо ба халқи Худ кадом ваъдаҳои олидарача дод? [3]

# Пайғамбарон ба кӣ муроҷиат мекарданд?

**Ҳуша, Омӯс ва Юнус** ба халқи Исроил муроҷиат менамуданд.

**Илёс ва Элишоъ** пайғамбарони Исроил буданд, аммо онҳо китоб наменавиштанд.

**Бисёрии пайғамбарони дигар** ба халқи Яҳудо муроҷиат мекарданд.

Кадоме аз пайғамбарон ба халқи Исроил муроҷиат менамуд? [4]

Кадом 2 пайғамбари муҳим китобҳо нанавиштаанд? [5]

Бисёре аз пайғамбарони Худо ба кӣ муроҷиат мекарданд? [6]

# Пайғамбарон дар кадом вақт пайғамбарӣ мекарданд?

Барои фаҳмидани паёмҳои пайғамбарон мо бояд донем, ки кай онҳо пайғамбарӣ мекарданд.

1. Баъзе пайғамбарон **пеш аз он, ки** Худо **халқи Худро ба асорат фиристод,** пайғамбарӣ мекарданд. Масалан, Ишаъё ва Ирмиё.

2. Баъзе пайғамбарон дар вақти асорат пайғамбарӣ мекарданд, **ҳангоме ки онҳо дар Бобил зиндагӣ мекарданд**. Масалан, Дониёл ва Ҳизқиёл.

3. Баъзе пайғамбарон **пас аз он, ки халқи Худо ба Уршалим баргашт,** пайғамбарӣ мекарданд. Масалан: Ҳаҷҷай, Закарё ва Малокӣ — се китоби охирини Аҳди Қадим.

Он чи пайғамбарон пешгӯӣ мекарданд, иҷро шуд!

Пайғамбаронеро мисол оваред, ки пеш аз асорат мавъиза мекарданд. [7]

Пайғамбаронеро мисол оваред, ки дар вақти асорат мавъиза мекарданд. [8]

Пайғамбаронеро мисол оваред, ки пас аз асорат мавъиза мекарданд. [9]




# 4 сана

Ба ҷадвали вақт нигаред.

1. Дар соли **722** пеш аз милод ашшуриён халқи Исроилро ба Ашшур бурданд. Пас аз ин мо дар бораи онҳо ҳеҷ чиз нашунидаем.

2. **Пас аз 150 сол (дар соли 586 то милод)** бобилиён халқи Яҳудоро мағлуб намуданд, ибодатгоҳи Худоро вайрон карданд ва халқи Худоро ба Бобил бурданд.

3. **Пас аз 70 сол (тақрибан дар соли 500-уми то милод)** шоҳаншоҳии Форс шоҳаншоҳии Бобилро мағлуб намуд. Подшоҳи Форс Куруш ба халқи Худо гуфт, ки агар хоҳанд, метавонанд ба Уршалим баргарданд.

   Аммо вафодории халқи Худо дер давом накард. Ва дар тӯли 400 сол дар байни халқ пайғамбарон набуданд.

   Ҳамаи касоне, ки ба Худо вафодор буданд, Китоби Муқаддасро мехонданд. Аз китоб онҳо фаҳмиданд, ки рӯзе Худо Масеҳро мефиристад, ки онҳоро наҷот медиҳад.

4. **Қарибиҳои соли сифр (0):** Исо таваллуд шуд.

   Ӯ ҳамонест, ки ҳамаи ваъдаҳоеро ки Худо дар Аҳди Қадим додааст, иҷро мекунад!

   Ӯ ҳамонест, ки моро ба хонаи абадӣ меоварад!

   Кай ашшуриён халқи Исроилро ба Ашшур бурданд? [10]

   Кай бобилиён халқи Яҳудоро мағлуб намуданд, ибодатгоҳи Худоро вайрон карданд ва халқи Худоро ба Бобил бурданд? [11]

   Кай ба халқи Худо иҷозат дода шуд, ки ба ватан баргарданд? [12]

Исо кай таваллуд шуд? [13]

Кӣ ваъдаҳоеро, ки Худо дар Аҳди Қадим дода буд, иҷро мекунад? [14]

## Асорат

Ин такрори он чизест, ки дар боғи Адан рӯй дод.

Дар боғи Адан чӣ рӯй дод? [15]

Ҳангоме ки халқи Худо гуноҳ кард, бо он худи ҳамин чиз рӯй дод. Худо онҳоро аз замини Худ ва аз ҳузури Худ пеш кард.

Халқи Худо бояд на танҳо ба замини табиӣ, балки ҳамчунин ба ҳузури Худо бармегашт.

Китоби Муқаддас ҳикояти онро нақл менамояд, ки чӣ тавр мо ба ҳаёт дар ҳузури Худо баргашта метавонем — нишон медиҳад, ки чӣ тавр мо ба боғи Адан баргашта метавонем.

Мо дар ин бора дар китоби Ваҳй мехонем.

**Ваҳй 21:3:** *«Аз ҷониби тахт овози баландеро шунидам: „Бубин! Ин хаймаи Худо дар байни одамон аст. Ӯ бо онҳо зиндагӣ мекунад ва онҳо халқи Ӯ хоҳанд буд. Худи Худо бо онҳо ва Худои онҳо хоҳад буд“».*

Кай мо ба ҳаёт дар ҳузури Худо бармегардем? [16]

Ҳикояте, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, дар бораи чӣ нақл мекунад? [17]

Чӣ хел мо ҳозир ва дар абадият ба муошират бо Худо баргашта метавонем (Юҳанно 6:40)? [18]

# Аҳди Ҷадид

Пас аз эҳё шуданаш Исо бо баъзе шогирдонаш гуфтугӯ намуд, ки Ӯро нашинохтанд.

*«Исо ба он ду нафар гуфт: „Эй нодонон! Шумо бо душворӣ ба гуфтаҳои пайғамбарон имон меоваред! 26 Масеҳи Худо пеш аз соҳиби тамоми шуҳрату ҷалолаш шудан бояд ҳамаи ин азобро аз сар мегузаронд“. 27 Он гоҳ Ӯ аз навиштаҳои Мусо ва ҳамаи пайғамбарон сар карда ҳар як ҷойи навиштаҷотро, ки дар бораи Ӯ гуфта буд, ба онҳо фаҳмонд»* (Луқо 24:25–27).

Исо дар бораи пайғамбарон чӣ гуфт? [19]

Марг ва эҳёи Ӯ як қисми нақшаи Худо оид ба наҷот додани ҷаҳони бар зидди Ӯ исёнкарда буд.

**Ишаъё 55:12**-ро хонед. Пайғамбар Ишаъё ба касоне, ки ба Худо муроҷиат мекунанд, чӣ мегӯяд? [20]

Ҳеҷ хурсандӣ беш аз он нест, ки ҳаёти худро ба Офаридгор ва ба Масеҳи Ӯ тобеъ намоем!

Худо ҳозир бо мо ба воситаи китобҳои пайғамбарон гап мезанад!

Барои хондани китобҳои пайғамбарон вақт ёбед!

## Вазифаи хонагӣ

Китоби Ишаъё, бобҳои 40–55-ро хонед. Бинед, ки ӯ дар бораи Масеҳ чӣ мегӯяд.

### Мо дар ин дарс дар бораи Худо чиро фаҳмидем?

# Ҷавобҳо

1 – Шахсе, ки Худо ӯро барои мавъиза намудани паёми Ӯ интихоб намудааст.
2 – То:
- Халқи Худро **огоҳ кунад,** ҳангоме онҳо ба қонунҳои Худо итоат намекарданд.
- Хабареро расонад, ки Худо на танҳо халқи Худро, балки халқҳои дигарро низ доварӣ карда, ҷазо хоҳад дод.
- Хабареро расонад, ки Худо халқи Худ ва халқҳои дигарро низ баракат хоҳад дод.

3 – Худо халқи Худро пас аз асорат ба Уршалим бармегардонад.
Худо Наҷотдиҳандаро мефиристад, то ки халқро аз гуноҳи онҳо наҷот диҳад.
Худо халқи Худро ба хона ба осмонҳо меоварад.
4 – Ҳушаъ, Омӯс ва Юнус.
5 – Илёс ва Элишоъ.
6 – Халқи Яҳудо.
7 – Ишаъё, Ирмиё.
8 – Дониёл ва Ҳизқиёл.
9 – Ҳаҷҷай, Закарё ва Малокӣ.
10 – Дар соли 722 то милод.
11 – Дар соли 586 то милод.
12 – Қарибиҳои соли 500 то милод.
13 – Қарибиҳои соли сифр.
14 – Исо!
15 – Ҳангоме ки Одам ва Ҳавво гуноҳ карданд, Худо онҳоро аз боғ ва аз ҳузури Худ ронд.
16 – Ҳангоме ки Ӯ бармегардад, Ӯ моро бо Худ мебарад, то ки абадан бо Ӯ дар Офариниши Нав зиндагӣ кунем.
17 – Чӣ тавр ба ҳаёт дар ҳузури Худо баргардем — Чӣ тавр ба боғи Адан баргардем.
18 – Касоне ки Писарро мебинанд ва ба Ӯ бовар мекунанд — яъне мо бояд ба Исо ва ба он чи Ӯ барои мо кардааст, бовар кунем.
19 – Онҳо дар бораи Масеҳ бисёр гап мезаданд, бо зимни марг ва эҳёи Ӯ.
20 – *Зеро ки шумо бо хурсандӣ берун хоҳед рафт, ва бо осоиштагӣ гуселонида хоҳед шуд; кӯҳҳо ва теппаҳо пеши шумо бо овози баланд тараннум хоҳанд кард, ва ҳамаи дарахтони саҳро қарсак хоҳанд зад.*

# Дарси 24:
# Пайғамбар Ишаъё



Ишаъё 300 сол пас аз Довуд (700 сол пеш аз таваллуди Исо) зиндагӣ кардааст, ҳангоме ки халқи Худо ба ду давлат тақсим шуда буд.

Ин ду давлат чӣ ном доштанд? [1]

Ишаъё ба халқи Яҳудо муроҷиат менамуд.

Шоҳаншоҳии Ашшур ба қарибӣ Исроилро мағлуб мекунад ва Яҳудоро мағлуб карданӣ мешавад. Он аллакай базе шаҳрҳои Яҳудоро забт карда буд. Ин замони даҳшатовар буд!

## Худо халқи Худро сарзаниш мекунад

**Ишаъё 1:1–2:5**-ро хонед.

Чаро Худо аз халқи Худ хашмгин аст (**1:1–4**)? [2]

Дар **1:5–9** Ишаъё мегӯяд: «Чаро ту ҷазои Худоро намебинӣ? Кишвари мо аз он сабаб азоб мекашад, ки мо бар зидди Худо исён кардаем». Кадом азобҳоро онҳо аз сар мегузаронданд (ояти 7)? [3]

Худо дар бораи дини онҳо чӣ мегӯяд (**1:10–15**)? [4]

Чаро Худо дуоҳои халқи Худро шунида наметавонист (**1:15**)? [5]

Дар **1:21–23** Худо халқашро ҳамчун зани Худ тасвир менамояд (Ишаъё 54:5). Худо Уршалимро дар ояти 21 чӣ гуна тасвир менамояд? [6]

Худо халқи Худро дар ояти 24 чӣ гуна тасвир менамояд? [7]

Худо бар зидди халқи Худ мубориза хоҳад бурд!

Худо барои чӣ ҳамаи инро мегӯяд? [8]

Дар давоми тамоми Китоби Муқаддас мо мебинем, ки Худо қуддус аст ва бояд барои гуноҳҳо ҷазо диҳад. Аммо Ӯ халқи Худро дӯст медорад ва онҳоро бахшидан мехоҳад.

Мувофиқи суханони Худо, халқи Ӯ бояд чӣ кунад (**1:16–20**)? [9]

Худо Худои раҳмдил аст!

Худо халқи Худро бахшидан мехоҳад. Ӯ мехоҳад онҳоро пок кунад ва баракат диҳад.

Аммо мо медонем, ки халқи Худо тавба накард. Дар натиҷа Худо чӣ кард? [10]

Аммо Худо халқи Худро барои ҳамеша тарк накард.

Дар китоби Ишаъё Худо ваъда медиҳад, ки халқи Худро пас аз асорат ба ватан ба Уршалим бармегардонад. (Шумо бобҳои 40 ва 43:1–7-ро хондаед?)

Дар ин ҷо мо дида метавонем, ки ваъдаи ба ватан ва Уршалим баргардондани халқи Худ замонеро тасвир менамояд, ки аз замони ба Уршалими заминӣ бозгаштани онҳо хеле беҳтар аст. Он Уршалими навро тасвир мекунад, ҳангоме ки Худо муносибатҳоеро, ки дар боғи Адан бо одамон дошт, барқарор менамояд!

Дар ин оятҳо Уршалим чӣ гуна аст (**2:1–4**)? [11]

Ин монанд ба он чизест, ки мо дар **Ваҳй 21:22–27** мехонем.



# Масеҳ дар китоби Ишаъё

Ишаъё беш аз ҳар пайғамбари дигари Аҳди Қадим дар бораи Масеҳ мегӯяд.

**Ишаъё 52:13–53:12**-ро дар бораи бандаи Худо, ки азоб мекашид, хонед.

Ин шеър аз панҷ қисм иборат аст. Қисми миёнаи шеър муҳимтарин аст.

**А. 52:13–15:** Банда азоб мекашад, то ки бахшидашавиро оварад, ва он гоҳ ӯ болобардор карда мешавад.
**Б. 53:1–3:** Банда азоб мекашад ва таҳқир карда мешавад ва дар охир кушта мешавад.
**В. 53:4–6: Сабаби марги Ӯ дар он буд, ки ба мо осоиш бо Худоро оварад.**
**Б. 53:7–9:** Банда азоб мекашад ва таҳқир карда мешавад ва дар охир кушта мешавад.
**А. 53:10–12:** Банда азоб мекашад, то ки бахшидашавиро оварад, ва он гоҳ Ӯ болобардор карда мешавад.

Кадом қисми ин шеър муҳимтарин аст? [12]

Худо ба халқи Худ аниқу равшан гуфт, ки Масеҳро мефиристад, ки барои гуноҳҳои мо мемирад, ва баъд болобардор карда мешавад. Ӯ пас аз азобҳои Худ ҷалол меёбад.

## Ишаъё 53:5: *«…ба воситаи ҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем»*

Бисёр касон ин оятро нодуруст истифода мебаранд. Барои дуруст фаҳмидани оят аз Аҳди Қадим мо бояд ду корро кунем:

1. Мо бояд ҳамеша оятҳоро дар контексти онҳо хонем. Мо бояд оятҳои пеш аз ин оят ва баъд аз он навишташударо хонем.

   Мо аз чӣ шифо ёфтаем? [13]

2. Мо бояд фаҳмем, ки оё дар Аҳди Ҷадид дар ин бора гуфта шудааст ва оё Исо дар ин мавзӯъ сухан ронда буд?

**1 Петрус 2:24–25:** *«Масеҳ гуноҳҳои моро ба Худ гирифта, ба салиб мехкӯб шуд, то ки мо худро барои гуноҳҳо мурда ҳисобида, барои росткорӣ зиндагӣ кунем. Шумо бо захмҳои Ӯ шифо ёфтаед. Пеш шумо ҳамчун гӯсфандони гумроҳ будед, лекин ҳоло ба назди Чӯпону Нигаҳбони ҷонҳои худ баргаштед».*

*«Шумо бо захмҳои Ӯ шифо ёфтаед»* гуфта, Петрус чиро дар назар дошт? [14]

Исо ҳамчунин дар бораи гуноҳ ҳамчун беморӣ гуфтааст.

**Луқо 5:31–32:** *«Исо ба онҳо ҷавоб дод „Ба табиб на одамони солим, балки беморон муҳтоҷанд. Ман ҳам барои он омадаам, ки на некукорон, балки гунаҳкоронро ба тавба даъват намоям“».*

*«Беморон»* гуфта Исо чиро дар назар дошт? [15]

Инро аз назар гузаронда, мо ба хулосае меоем, ки ин оят ваъдае нест, ки Исо моро аз бемориҳои ҷисмонӣ шифо медиҳад. Ин оят чизи хеле муҳимтарро мегӯяд: он ба мо ваъда медиҳад, ки гуноҳҳои мо бахшида мешаванд ва Банда муносибати моро бо Худо барои ҳамеша барқарор мекунад.

Худо ба дуоҳои мо ҷавоб доданро дӯст медорад. Мо медонем, ки Ӯ ҳама корро карда метавонад. Ҳангоме ки Ӯ моро шифо медиҳад, ин барои мо рӯҳбаландии бузург аст.

Ӯ ҳозир ба мо наҷот (бахшиш ва муносибати нав бо Ӯ) ваъда медиҳад ва ба мо дар Уршалими Нав бадани солим ваъда медиҳад (**1 Қӯринтиён 15:42–44**).

Ӯ на ҳамеша моро шифо медиҳад (**2 Қӯринтиён 12:7–10** — Худо Павлусро шифо намедод!).

Мо наметавонем ин оятро истифода бурда гӯем, ки Худо бояд шифо диҳад.

«Аз захмҳои Ӯ мо шифо ёфтем» чӣ маъно дорад? [16]

**Шумо кадом оятро аз китоби Ишаъё аз ёд кардан мехоҳед? Имрӯз шумо инро ба кӣ расонда метавонед?**

## Ҷавобҳо

1 – Яҳудо ва Исроил.
2 – Бар зидди Худо исён карданд.
3 – Шаҳрҳояшон вайрон ва зироатҳояшон ғорат карда мешавад.
4 – Дини онҳоро бад мебинад. Худо қурбониҳои онҳоро қабул намекунад, зеро онҳо ба қонунҳои Ӯ итоат намекунанд.
5 – *Дастҳои шумо пур аз хун аст* — Онҳо якдигарро мекушанд! Худо ба дуоҳои одамони бад гӯш дода наметавонад.
6 – Мисли фоҳиша!
7 – Мисли душманонаш!
8 – Чунки қавми Ӯ тавба накарданд.
9 – Бояд тавба кунанд ва ба сӯи Худо баргарданд.
10 – Онҳоро ба асирӣ фиристод.
11 – Ин кӯҳи баландтарин (муҳимтарин) хоҳад буд, ки дар он ҳама мардум бо Худо зиндагӣ карданро меомӯзанд ва ҳама дар осоиш зиндагӣ хоҳанд кард.
12 – Сабаби марги Ӯ ин буд, ки моро ба сулҳ бо Худо оварад.
13 – Мо аз гуноҳҳои худ шифо ёфтаем.
14 – Мо бахшида шудаем, зеро Исо барои мо мурд.
15 – Гуноҳкорон.
16 – Гуноҳҳои мо бахшида мешаванд ва Банда робитаи моро бо Худо барои ҳамеша барқарор мекунад!

Дарси 25:

# Наҳемё



## Вазъият

Дар соли **586** пеш аз милод бобилиён мардуми Яҳудоро мағлуб карданд, маъбадро вайрон карданд ва халқи Худоро ба Бобил бурданд.

Пас аз 70 сол шоҳаншоҳии Форс шоҳаншоҳии Бобилро мағлуб кард. Ин тақрибан дар соли **500** пеш аз милод буд.

Подшоҳи Форс Куруш ба халқи Худо иҷозат дод, ки ба Уршалим баргарданд ва маъбадро барқарор кунанд.




## Асорат!

**2 Вақоеънома 36:15–23**-ро хонед.

Халқи Худо ба суханони пайғамбарони фиристодаи Худо чӣ гуна муносибат мекарданд? [1]

Бо мардуми Яҳудо чӣ шуд? [2]

Бо чизҳое, ки дар ибодатгоҳ буданд, чӣ шуд? [3]

Бо ибодатгоҳ чӣ шуд? [4]

Ба деворҳои Уршалим чӣ шуд? [5]

# Барқарор карда шудани шаҳри Худо

**Дар китоби Эзро мо** мехонем, ки пас аз асорат мардуми зиёде аз халқи Худо ба Уршалим баргашта, ибодатгоҳи дуюмро сохтанд.

**Дар китоби Наҳемё** мо дар бораи он чизе ки баъд аз ин рӯй дод, мехонем. Ин соли **445**-уми пеш аз милод аст.

**Боби якуми** Китоби Наҳемёро хонед.

Наҳемё чиро шунид **(ояти 3)**? [6]

Шумо чӣ фикр доред, чаро ӯ ошуфта шуд **(ояти 4?)** [7]

Чунин метобад, ки гӯё Худои яҳудиён беқувват аст ва халқи Худро ҳимоя карда наметавонад.

Наҳемё дар бораи Худо чиро медонист **(ояти 5)**? [8]

Дар тарзи дуогӯии Наҳемё чӣ чиз ҳайратовар аст **(ояти 6–7)**? [9]

Аз ин ҷиҳат Наҳемё ба Масеҳ монанд аст. Ӯ бегуноҳ буд, аммо Ӯ барои гуноҳҳои одамон шарм медошт. Ва Ӯ ба ин гуноҳҳо чунон муносибат менамуд, ки ки гӯё онҳо аз они Ӯ бошанд. Ба монанди Банда дар Ишаъё 53:5–6.

Наҳемё аз Таврот чиро мефаҳмид **(ояти 8–9)**? [10]

Ӯ медид, ки Худо ҳамаи ин корҳоро мекард, аммо ин кифоя набуд. Худоро ҳанӯз ҳам иззат намекарданд.

Наҳемё кори хуби обрӯмандона дошт. Зиндагии ӯ бароҳат буд, ва барои он чи дар Уршалим рӯй дода истодааст, ташвиш кашидани ӯ зарур набуд. Аммо ӯ медонист, ки Худо мехоҳад ӯро дар барқарор намудани шаҳри вайронгаштаи Уршалим ва хусусан деворҳои он истифода барад. Уршалим шаҳри махсуси Худо буд, ки Ӯ ваъда дода буд, ки дар маъбади он бо халқи Худ хоҳад буд (1:9).

Ҳангоме ки мо барои кор ба кишвари дигар меравем фикр кардан осон аст, ки дар он ҷо зиндагӣ хуб аст ва шумо мехоҳед дар он ҷо доимӣ зиндагӣ кунед. Аммо дар хотир доред, ки Худо мехоҳад шуморо барои ташкил намудани калисо дар кишвари худатон истифода барад!

Наҳемё на танҳо шаҳри шикасташударо барқарор намуд, балки ҳамчунин барои барқарор намудани халқи дилшикасташудаи Худо ёрӣ расонд.

Чӣ гуна онҳо дилшикаста шуда буданд? [11]

Онҳо рӯҳафтода шуда буданд.

Ҳамин тавр, Наҳемё ба Уршалим равона шуд, то ки халқи Худоро дар барқарор намудани деворҳо ва боварӣ ба Худо роҳнамоӣ кунад.

# Сарвари хуб

Боби чорумро хонед.

Мо дар бораи он ки Наҳемё халқро чӣ гуна роҳнамоӣ менамуд, чиро мефаҳмем? 7 далелро дар бораи он ёбед, ки ӯ халқи худро чӣ гуна роҳнамоӣ менамуд [12]

1.

2.

3.

4.

5.

6.

7.

Роҳбари хуб будан барои Наҳемё осон набуд. Дар давоми барқарор намудани девор ӯ бо мушкилоти гуногун, таҳдид ва таҳқир рӯ ба рӯ шуд. Аммо Худо ба ӯ дар роҳбарӣ бар халқ ёрӣ расонд, то ки кор давом кунад ва анҷом ёбад!

Мо дар бораи девор чиро мехонем (**6:15**)? [13]

Наҳемё на танҳо дар бораи барқарор намудани шаҳр ғамхорӣ мекард. Ӯ ҳамчунин оид ба муносибати одамон бо Худо ғамхорӣ мекард.

**Эзро** чӣ кор кард (**8:1–3**)? [14]

Одамон чӣ кор карданд (**10:28–29**)? [15]

Ин барои халқи Худо саршавии нав буд! Онҳо ба каломи Худо гӯш медоданд ва ваъда доданд, ки ба Ӯ итоат мекунанд.

## Наҳемё барои роҳбарони ҷамоатҳои масеҳии ҳозира намунаи олидараҷа аст!

## Охири Аҳди Қадим

Ин қариб охири Аҳди Қадим аст.

Худо ба Иброҳим дар Ҳастӣ 12:1–7 чӣ ваъда дод? [16]

Дар охири Аҳди Қадим Худо ваъдаҳоеро, ки ба Иброҳим дода буд, то кадом андоза иҷро намуд? [17]

Мушкилӣ дар чист? [18]

Дар аввал халқи Худо қавӣ буд, онҳо зиёд шуданд ва замини худро доштанд. Аммо баъд онҳо суст шуданд, шумораи онҳо кам шуд, онҳо зери дасти подшоҳони бегона афтоданд.

Халқи Худо аз куҷо ақаллан ягон умеде пайдо карда метавонист? [19]

Касоне ки Навиштаи Муқаддасро мехонданд, медонистанд, ки умед ҳаст. Онҳо мефаҳмиданд, ки рӯзе Худо Масеҳро мефиристад, ки:

- Дилҳои онҳоро дигаргун мекунад (Ҳизқиёл 36:26).
- Онҳоро аз гуноҳҳояшон наҷот медиҳад (Ишаъё 53:5–6).
- Бар халқҳо то абад ҳукмронӣ мекунад (Дониёл 7:13–14).

Масеҳ чӣ умеде меоварад? [20]

Масеҳ ҳамаи ваъдаҳоеро, ки Худованд ба Иброҳим дода буд, иҷро мекунад!

Метавонед фаҳмонед, ки чӣ гуна Аҳди Қадим моро ба Аҳди Ҷадид тайёр мекунад?

# Ҷавобҳо

1 – Онҳо ба суханони пайғамбарон гӯш намедоданд.
2 – Онҳо кушта шуданд ё ба асорат (бадарға) фиристода шуданд.
3 – Онҳоро ба Бобил бурданд.
4 – Он сӯхт.
5 – Онҳо вайрон карда шуданд.
6 – Онҳое, ки асоратро аз сар гузаронда, ба вилояти Яҳудо баргаштанд, ҳоло дар изтироб ва шармсорӣ мебошанд. Девори Уршалим вайрон шуда, дарвозаҳояш сӯхтаанд.
7 – Шаҳри Худо вайрон шудааст ва халқ Худоро иззату эҳтиром намекунад.
8 – Ӯ Худои абадии осмонҳо аст. Худои бузург ва саҳмгин аст. Ӯ ба аҳди муҳаббат бо касоне, ки Ӯро дӯст медоранд ва ба фармонҳои Ӯ итоат мекунанд, вафодор аст.
9 – Ӯ «мо» мегӯяд, на «онҳо», ҳарчанд худаш ба Худо хиёнат накардааст.
10 – Ӯ фаҳмид, ки Худо қавми Худро огоҳ кардааст, ки агар ба Ӯ содиқ набошанд, онҳоро ҷазо хоҳад дод. Ӯ фаҳмид, ки Худо ваъда додааст, ки халқи Худро ба хона меоварад.
11 – Онҳо ба хотири гуноҳҳои худ ба асорат бурда шуданд, ва ҳангоме ки баргаштанд, шаҳри Худо ва иззату эҳтироми Ӯро барқарор накарданд.
12 – 1) Ба гапи мухолифонаш гуш надод.
2) Ба Худо дуо кард.
3) Қарорҳои хирадмандона ва амалӣ қабул мекард (нисфи мардон кор мекарданд ва нисфи мардон онҳоро посбонӣ мекарданд).
4) Ӯ ба нақша гирифта буд, ки агар мардум ба ёрӣ эҳтиёҷ дошта бошанд, чӣ кор кунад (вақте ки яке аз мардум ба ёрӣ эҳтиёҷ дошт, карнай садо медод).
5) Бо ёдоварӣ кардани он ки Худо кист, мардумро рӯҳбаланд мекард.
6) Ӯ мехост, ки Худо ҷалол ёбад, ва дар пайи ҷалоли худ набуд (нигаред ба 1:11).
7) Худи ӯ садоқатмандона меҳнат карда, намунаи ибрат буд.
13 – Он пас аз 52 рӯз барқарор шуд!
14 – Тавротро бо овози баланд ба мардум хонд.
15 – Онҳо ваъда доданд, ки ба Худо итоат мекунанд.
16 – Халқ, замин ва ба воситаи ӯ тамоми одамон баракат меёбанд.
17 – Худо авлоди Иброҳимро ба халқи бузург табдил дод ва ба онҳо сарзамини худро дод ва қонунҳои комил дод, то барои халқҳои дигар нур шаванд.
18 – Халқи Худо ҳама чизро вайрон карданд, зеро онҳо худоёни дигарро мепарастиданд ва ба қонунҳои Худо итоат накарданд.
19 – Аз каломи Худо!
20 – Ӯ дилҳои онҳоро дигаргун мекунад (Ҳизқиёл 36:26).
Ӯ онҳоро аз гуноҳҳояшон наҷот медиҳад (Ишаъё 53:5–6).
Ва Ӯ то абад бар халқҳо хукмронӣ мекунад (Дониёл 7:13–14).

## Дарси 26:

# Таърихи Китоби Муқаддас дар 8 сурат

Барои бознигарии таърихи Китоби Муқаддас мо боз ин расмҳоро истифода мебарем. Мо тамоми Китоби Муқаддасро бо ин расмҳо шарҳ дода метавонем.



Мо якҷоя мехонем, ки расми аввал ба мо дар бораи чӣ мегӯяд. Баъд як кас аз гурӯҳ бояд ин маълумотро бе хондани он такрор кунад. Баъд дар бораи расми дуюм мехонем ва каси дигар он чиро, ки хондааст, такрор мекунад. Вақте ки мо дар бораи ҳамаи 8 расм хонда ва такрор мекунем, бояд ҳама дар гурӯҳ бо навбат ҳамаи он чиро, ки 8 сурат мегӯянд, ба матн нигоҳ накарда, нақл кунанд.



## 1. Офариниш

Ҳамаи он чи Худо офарид, хуб буд. Ӯ бо одамони аввалин, Одам ва Ҳавво дар боғи зебое, ки боғи Адан ном дошт, муошират мекард.



## 2. Саршавии гуноҳ

Одаму Ҳавво ба қонуни Худо итоат накарданд. Дар Китоби Муқаддас ин гуноҳ номида мешавад. Гуноҳ ҳама чизро вайрон кард: муносибатҳо бо Худо ва муносибатҳо бо ҳамдигар. Худо одамони аввалинро аз боғи Адан пеш кард. Одамон ҳаёти абадиро аз даст доданд.

Аз ҳамон вақт то ҳол одамон мехоҳанд имконияти бо Худо муошират намуданро баргардонанд.



## 3. Ваъда

Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки ӯ падари **халқе** мешавад, ки барои Ӯ махсус аст. Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки барои ин халқ **замине**ро медиҳад, ки дар он Ӯ бо онҳо сокин хоҳад буд.

Худо ваъда дод, ки ба воситаи Иброҳим ҳамаи халқҳо **баракат** хоҳанд ёфт. Тоҷ ба он ишора мекунад, ки Худо Подшоҳи неки онҳо мешавад.

Рангинкамон ба он ишора мекунад, ки Худо ба ваъдаҳои худ вафодор аст (Ҳастӣ 9:13–16). Шумо ҳамеша ба Ӯ бовар карда метавонед!




## 4. Хуруҷ

Халқи Худо ба сарзамини бегона, ба Миср меравад ва дар он ҷо онҳо ғулом мешаванд. (Аҳромҳо Мисрро ифода мекунанд).

Тир онро ифода мекунад, ки Худо онҳоро аз ғуломии даҳшатнок дар Миср наҷот додааст.




## 5. Замин

Худо халқи Худро ба замини ваъдашуда овард. Онҳо канъониёнро, ки дар он сарзамин зиндагӣ мекарданд, мағлуб карданд. Канъониён одамони бадкирдор буданд.

Худо халқи Худро баракат медод, аммо онҳо худоёни дигарро ибодат мекарданд. Худо борҳо онҳоро огоҳ мекард ва ниҳоят онҳоро ба асирӣ фиристод. Баъд Худо онҳоро ба замини ваъдашуда баргардонд, аммо онҳо ба ҳар ҳол ба қонунҳои Ӯ итоат намекарданд ва гуноҳ карданро давом доданд.

Ба онҳо Наҷотдиҳанда даркор буд, то ки онҳоро аз гуноҳҳояшон наҷот диҳад. Ба онҳо Подшоҳе лозим буд, ки одилона ҳукмронӣ кунад. Худо ваъда дод, ки рӯзе чунин шахсро — Масеҳро мефиристад.

На ҳамаи онҳо Худоро фаромӯш карда буданд. Ҳангоме ки Исо таваллуд шуд, сарзамини Яҳудо як қисми шоҳаншоҳии Рум буд. Одамони ба Худо вафодор ҳанӯз ҳам интизори Наҷотдиҳанда ва Подшоҳ буданд, ки Худо фиристодани онҳоро ваъда дода буд. Масалан: Шимъӯн ва Ҳанно (Луқо 2:25–38).




## 6. Исои Масеҳ

Худо ба ваъдаи Худ дар бораи фиристодани Наҷотдиҳанда вафо кард!

Исои Масеҳ омад, то дар салиб мурда, ягона қурбонӣ барои гуноҳҳои мо шавад.

Ӯ аз мурдагон эҳё шуд. Эҳёи Ӯ нишон медиҳад, ки Ӯ маргро мағлуб кардааст! Ва акнун мо боз бо Худо дӯст буда метавонем!




## 7. Бозгашти Исо

Ҳозир Исо дар осмонҳо аст.

Тир нишон медиҳад, ки Исо бармегардад, то ин ҷаҳонро нест кунад ва одамонро доварӣ кунад.




## 8. Офариниши нав

Мо бо Худо дар замини ваъдашудаи нав, абадӣ — дар Офариниши Нав зиндагӣ хоҳем кард!

Аҳди Қадим ба мо нишон медиҳад, ки чаро ба мо Наҷотдиҳанда даркор аст. Он ба мо таълим медиҳад, ки ҳамаи мо гуноҳкорем. Мо дилҳои бад дорем.

Хеле муҳим аст, ки мо ҳам Аҳди Қадим ва ҳам Аҳди Ҷадидро — тамоми Китоби Муқаддасро хонем, то Худоро беҳтар ва бештар шиносем.

**Барои ҳамдигар дуо гӯед, то Худо ба шумо шахсеро ато кунад, ки ин суратҳоро дар ин ҳафта ба ӯ расонед.**

Дарси 27:

# Худо ба ҷаҳон чун одам омад



Дар ибтидои Инҷилҳои худ Матто ва Луқо дар бораи таваллуд шудани Исо навиштаанд.

## Волидони Ӯ

**Матто 1:18–25**-ро хонед.

Дар он чи ки дар ояти 18 навишта шудааст, чӣ чиз ҳайратовар аст? [1]

Ин дар тамоми таърихи инсоният як бор руй дод!

Модари Исо одам буд. Исо падари заминӣ надошт. Худо ҳама чизро ба таври муъҷизаосо ба амал овард. Исо пурра одам ва пурра Худо буд. Исо Худи Худо аст, ки ба замин омад!

Дар чор китоби аввали Аҳди Ҷадид мо чӣ далел меёбем, ки Исо ҳақиқатан одам буд?

Нигаред ба **Матто 21:18; Юҳанно 19:28; Юҳанно 4:6; Марқус 4:38; Юҳанно 11:35; Юҳанно 19:34; Юҳанно 19:33**. [2]

Дар чор китоби аввали Аҳди Ҷадид мо чӣ далел меёбем, ки Исо ҳақиқатан Худо буд?

Нигаред ба **Марқус 1:33–34; Марқус 5:41–42; Марқус 6:48; Марқус 4:39**. [3]

Аз бокира таваллуд шудани Исо дар бораи чӣ шаҳодат медиҳад? [4]

Ишаъё дар **Ишаъё 7:14** чиро пешгӯӣ кардааст? [5]

Худо садҳо сол пеш аз таваллуди Исо ваъда дода буд, ки Масеҳ аз бокира таваллуд мешавад!

# Ҷои таваллуд шудани Ӯ

**Луқо 2:1–20**-ро хонед.

Юсуф ва Марям дар куҷо зиндагӣ мекарданд? [6]

Исо дар куҷо таваллуд шуд (оятҳои 4–6)? [7]

Агар волидони Исо дар Носира зиндагӣ мекарда бошанд, чаро Ӯ дар Байт-Лаҳм таваллуд шуд? [8]

Аз рӯи Китоби Муқаддас, боз кӣ дар Байт-Лаҳм таваллуд шудааст (**1 Подшоҳон 17:12**)? [9]

Худо ба Довуд дар **2 Подшоҳон 7:12–13,16** чӣ ваъда додааст? [10]

Дар **Матто 1:1–16** дар бораи насабномаи Исо навишта шудааст. Кадоме аз аҷдодони мардинаи Ӯ дар ояти 6 зикр шудаанд? [11]

Дар давоми солҳои зиёд подшоҳе аз насли Довуд набуд.

Дар **Луқо 2:10–11** фариштаҳо ба чӯпонон чӣ гуфтанд? [12]

Мико дар **Мико 5:2** чӣ пешгӯӣ карда буд? [13]

Дар куҷо таваллуд шудани Исо аз чӣ ҷиҳат муҳим аст? [14]

Ҷои таваллуди Исо далели он аст, ки Исо Масеҳ аст!

# Исо барои мо намуна аст!

**Ибриён 4:15**-ро хонед.

Одам будани Исо шуморо аз чӣ ҷиҳат рӯҳбаланд мекунад? [15]

Исо аз ҳар як одаме, ки то ҳол зиндагӣ кардааст, чӣ фарқ дорад? [16]

Исо мефаҳмад, ки одам будан то чӣ андоза душвор аст. Бо вуҷуди ин, ҳаёти Ӯ барои мо намунаи олидараҷа аст.

Тавсифи хуби хислати Исоро дар рӯйхати самари Рӯҳулқудс дар **Ғалотиён 5:22–23** пайдо кардан мумкин аст. Исо чӣ гуна хислат дошт? [17]

**Ҳангоме ки мо Исоро пайравӣ мекунем, торафт бештар ба Ӯ монанд мешавем. Оё одамон шаҳодати Исоро дар ҳаёти шумо дида метавонанд? Дар кадом соҳаҳои ҳаётатон шумо бояд дигаргун шавед? Аз Исо хоҳиш кунед, ки дар ин соҳа ба шумо ёрӣ расонад.**

## Ҷавобҳо

1 – Агарчи Марям бокира буд, аз Рӯҳулқудс ҳомила шуд.
2 – Ӯ гурусна мешуд, ташна мемонд, хастагиро ҳис мекард. Метавонист хоб кунад, гиря кунад, хун равад. Ниҳоят Ӯ мурд.
3 – Ӯ девҳоро берун мекард, беморонро шифо медод, мурдаҳоро эҳё менамуд, дар рӯи об роҳ мерафт ва тӯфонро ором мекард.
4 – Ӯ пурра одам ва пурра Худо буд!
5 – Ин ки бокира таваллуд хоҳад кард, ва таваллудшуда «Имонуил» хоҳад буд, ки маънояш «Худо бо мост» мебошад.
6 – Аз Носира.
7 – Дар Байт-Лаҳм.
8 – Зеро волидонаш бояд аз сабаби саршумории аҳолӣ аз қайд мегузаштанд.
9 – Подшоҳ Довуд.
10 – Парвардигор тахти подшоҳии Писари Худро то абад барпо хоҳад кард. Насли Довуд ҳамеша дар тахт хоҳад буд.
11 – Йисой, подшоҳ Довуд ва подшоҳ Сулаймон.
12 – *Имрӯз барои шумо дар шаҳри шоҳ Довуд Наҷотдиҳандае ба дунё омад, ки Ӯ Масеҳ ва Худованд аст.*
13 – Ҳокими бузург бояд дар Байт-Лаҳм таваллуд мешуд.
14 – Ин ҷоест, ки Худо гуфтааст, ки Масеҳ дар он таваллуд мешавад.
15 – Ӯ заъфҳо ва васвасаҳои моро мефаҳмад.
16 – Ӯ ҳеҷ гоҳ гуноҳ накардааст!
17 – Ӯ пур аз муҳаббат, шодӣ, оромӣ, сабр, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, вафодорӣ, ҳалимӣ ва худдорӣ буд.

# Дарси 28:
# Масеҳ



## Масеҳ хизматгузории Худро сар мекунад

Инҷили Марқӯс дар байни 4 ҳикояи навишташудаи ҳаёти Исо аввалин буд. Биёед бинем, ки дар боби якум чӣ мешавад.

**Марқус 1:1:** Аз рӯи суханони Марқӯс, Исо кист? [1]

**Марқус 1:11:** Ҳангоме ки Исо дар об таъмид меёфт, Худо Ӯро чӣ номид? [2]

**Марқус 1:16–20:** Одамоне ки Исо даъват кардааст, то ба Ӯ пайравӣ кунанд, чӣ кор мекунанд? [3]

**Марқус 1:22:** Одамон дар бораи таълимоти Исо чӣ фикр доранд? [4]

**Марқус 1:24:** Рӯҳи бад Исоро чӣ меномад? [5]

**Марқус 1:25–26:** Ҳангоме Исо ба рӯҳи нопок гуфт, ки одамро тарк кунад, чӣ рӯй дод? [6]

**Марқус 1:32–34:** Исо чӣ кард? [7]

Аллакай дар боби аввал мо мебинем, ки корҳои Исо худ аз худ исбот мекунанд, ки Ӯ ҳақиқатан Масеҳ, Писари Худост!

Дар боби чоруми Инҷили Луқо мо мехонем, ки ҳангоме Исо ба зодгоҳаш баргашт, чӣ рӯй дод.

## Шахсе ки дар Аҳди Қадим дар бораи Ӯ навишта шудааст

**Луқо 4:14–21**-ро хонед.

Дар замонҳои Аҳди Қадим халқи Худо киро интизор буд? [8]

Ӯ чӣ кор мекунад (**Ҳастӣ 3:15**)? [9]

Ӯ боз чӣ корҳо мекунад (**Ҳастӣ 12:3**)? [10]

Дар ин порча одамон аз он, ки Исо ба хона баргаштааст, ба ҳаяҷон омадаанд. Чаро? [11]

Ҳангоме ки онҳо дар рӯзи шанбе дар куништ ҷамъ омаданд, аз Исо хоҳиш карданд, ки онҳоро таълим диҳад.

Ӯ аз китоби кадом пайғамбар хонд? [12]

Дар ин порча дар бораи шахсе гуфта шудааст, ки аз Рӯҳулқудс пур шудааст, ва аз ҷониби Худо тадҳин шудааст, то корҳои ҳайратоварро ба ҷо оварад.

Дар Аҳди Қадим кадом одамонро ва кай тадҳин мекарданд? [13]

Тадҳиншудаи Худо будан маънои онро дошт, ки Худо ӯро барои кори махсус интихоб кардааст. Ишаъё пешгӯӣ карда буд, ки рӯзе касе меояд, ки тадҳиншудаи Худо аст. Вай вазифаи махсусеро иҷро мекунад, ки ҳеҷ каси дигар онро иҷро кардан наметавонад.

Дар Луқо 4:18–19 мо чор навъи одамонро вомехӯрем. Онҳо киҳоянд? [14]

1.

2.

3.

4.

Биёед фикр мекунем, ки Исо бо ин суханон чиро дар назар дошт.

## Бенавоён:

Исо боз дар ду ҷои дигар дар бораи бенавоён мегӯяд.

**Луқо 6:20–21:** *«Исо ба шогирдонаш чашм дӯхта гуфт: „Хушбахтед шумо, ки ҳоло бечораед, чунки Подшоҳии Худо аз они шумост. Хушбахтед шумо, ки ҳоло гуруснаед, чунки сер хоҳед шуд. Хушбахтед шумо, ки ҳоло гиря мекунед, зеро хандон хоҳед шуд“».*

**Матто 5:3:** *«Хушбахтанд касоне, ки муҳтоҷи Худо буданашонро медонанд, чунки Подшоҳии Худо аз они онҳост!»*

Пас, дар Инҷилҳо бенавоён киҳоянд? [15]

Аксар вақт маҳз бенавоён ба Худо эҳтиёҷ доштани худро бештар аз сарватмандон мефаҳманд!

## Асирон:



Дар Аҳди Қадим мо дидем, ки халқи Худо бар зидди Ӯ гуноҳ кардан ва исён намуданро ҳеҷ гоҳ бас намекард.

Онҳо ҳамеша асири гуноҳ буданд ва озодӣ надоштанд.

Кӣ онҳоро дар ин «зиндон» шинонда буд? [16]

Ишаъё дар бораи шахсе мегӯяд, ки ҳақиқатан онҳоро озод мекунад! Ӯ онҳоро аз қудрати шайтон ва гуноҳ наҷот медиҳад!

## Кӯрон:

Дар **Юҳанно 9** Исо шахси кӯрро шифо дод. Ӯ дар ояти 39 чӣ гуфт? [17]

Мувофиқи суханони Исо, кӣ кӯр аст? [18]

Онҳо гумон мекунанд, ки хуб ҳастанд. Исо нишон медиҳад, ки онҳо гунаҳкоранд ва бар зидди Худо исён мекунанд.

## Ситамдидагон:

Зулму ситам дидан чӣ маъно дорад? [19]

Кӣ аз зулму ситами подшоҳи бераҳм азоб мекашад? [20]

Ҳамаи одамон зери ҳукмронии шайтон азоб мекашанд, то даме ки касе онҳоро озод кунад. Шайтон подшоҳи бераҳм аст!

Ба бенавоён кӣ даркор аст? [21]

Ба асирони гуноҳ кӣ даркор аст? [22]

Ба кӯрон кӣ даркор аст? [23]

Ба ситамдидагон кӣ даркор аст? [24]

Исо дар ояти 21-ум ба онҳо чӣ гуфт? [25]

Масеҳ ва Наҷотдиҳандае, ки халқ дер боз интизораш буд, омад!

Худо ба ваъдае, ки ба Иброҳим дода буд, вафо кард!

Исо Одамест, ки Худо ваъда дода буд!

Исо бисёр одамонро шифо дод ва муъҷизаҳои зиёде ба амал овард, то ба мо кӣ будани Худро нишон диҳад.

Аммо Ӯ омад, то ба мо чизеро диҳад, ки аз муъҷизаҳо хеле беҳтар аст. Ӯ омад, то ки моро аз гуноҳ, марг ва шайтон озод кунад! Ин хабари беҳтарин аст!

Исо барои чӣ омад? [26]



# Оё одамон Ӯро қабул мекунанд?

**Луқо 4:28–30**-ро хонед.

Одамон ба мавъизаи Исо чӣ гуна аксуламал намуданд? [27]

Ҷаҳон ба онҳое тақсим шудааст, ки Писари Худоро дӯст медоранд ва ба онҳое, ки Ӯро бад мебинанд. Мо набояд ҳайрон шавем, ки одамон аз он сабаб моро бад мебинанд, ки мо Исоро дӯст медорем.

Агар Ӯ Наҷотдиҳандае бошад, ки Худо ваъда додааст, пас Ӯ арзиши ҳама чизро дорад, ҳатто агар ин маънои онро дошта бошад, ки одамон моро дӯст намедоранд!

## Исо кист? Имрӯз мо дар бораи Ӯ чиро фаҳмидем?

# Ҷавобҳо

1 – Масеҳ, Писари Худо.
2 – Писари Худо, ки Худо Ӯро дӯст медорад ва аз Ӯ хушнуд аст.
3 – Онҳо ҳама чизро партофта, Исоро пайравӣ мекунанд.
4 – Онҳо аз ин дар ҳайрат монданд.
5 – Қуддуси Худо.
6 – Рӯҳ ӯро тарк кард.
7 – Исо одамони зиёдеро шифо дод ва девҳои зиёдеро берун кард.
8 – Онҳо интизори Масеҳ, Наҷотдиҳанда буданд.
9 – Ӯ шайтонро мағлуб мекунад.
10 – Ӯ ҳамаи одамонро баракат медиҳад.
11 – Чунки онҳо дар бораи Ӯ ва муъҷизаҳои Ӯ бисёр шунида буданд.
12 – Ба онҳо аз китоби Ишаъё (боби 61-ум) хонд.
13 – Подшоҳон ва саркоҳинон, вақте ки ба хизмати худ сар мекарданд.
14 – 1) Бенаво,
2) асир,
3) нобино,
4) ситамдида (мазлум).
15 – Ҳатмӣ нест, ки маънои онро дошта бошад, ки онҳо пул надоранд, ин маънои онро дорад, ки онҳо ба Худо эҳтиёҷ доранд. Онҳо хоксоранд.
16 – Шайтон.
17 – *Ман барои доварӣ ба ин ҷаҳон омадаам, то кӯрон бино ва биноён кӯр шаванд.*
18 – Касоне ки намедонанд, ки ба бахшоиши Худо эҳтиёҷ доранд.
19 – Ин маънои онро дорад, ки шумо дар зери ҳукмронии подшоҳи золим азоб мекашед.
20 – Хамаи одамон!
21 – Касе ки ба онҳо сарвати ҳақиқиро диҳад.
22 – Касе ки онҳоро аз шайтон озод кунад.
23 – Касе ки ба онҳо биноӣ диҳад, то донанд, ки гунаҳкоранд.
24 – Онҳо ба подшоҳи хуб эҳтиёҷ доранд.
25 – *Имрӯз ин навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст.*
26 – Ӯ омад, то моро аз гуноҳ, марг ва шайтон раҳо кунад!
27 – Мардум ба Ӯ имон наоварданд. Онҳо гуфтаҳои Ӯро қабул карда натавонистанд. Онҳо кӯшиш карданд Ӯро кушанд!

Дарси 29:

# Фоҷиаи даҳшатовар, ё нақшаи Худо иҷро шуд?



Оё марги Исо фоҷиаи даҳшатнок буд? Ҳангоме ки Ӯ ин қадар корҳои нек мекард, риштаи умраш канда шуд!

Баъзеҳо мегӯянд, ки Исо дар салиб намурдааст ва ба назари одамон чунин тофт, ки Ӯ мурд. Онҳо мегӯянд, ки дар ҷои Ӯ каси дигаре буд ва Худо чунин кард, ки одамон ӯро Исо гумон карданд. Аммо ин ба он чи мо дар бораи хислати Худо медонем, мувофиқат намекунад. Ӯ мардумро фиреб намекунад! Исо роҳ намедод, ки ба ҷои Ӯ каси дигар мурад.

Баъзеҳо мегӯянд, ки ҳангоме Исоро аз салиб фароварданд, Ӯ мурда набуд. Мегӯянд, ки Ӯ дар қабри салқин ба ҳуш омад. Аммо мо медонем, ки румиён дар куштани одамон мутахассис буданд. Ҳангоме ки касеро дар салиб мекуштанд, марги ӯ равшан буд. Ҳангоме ки шахс дар салиб овезон аст, нафаскашӣ хеле душвор аст. Барои нафас гирифтан, одам бояд бархезад. Ҳангоме ки нафаскашӣ қатъ мешуд, одам мемурд.

Ба салиб кашидан — бераҳмонатарин маргест, ки то ҳол ихтироъ шудааст!

**Юҳанно 19:34**-ро хонед. Сарбоз чӣ кор кард, то боварӣ ҳосил намояд, ки Исо мурдааст? [1]

Ба касоне ки мегӯянд, ки ба ҷои Исо каси дигар мурд ва Худо чунин кард, ки одамон ӯро Исо гумон карданд, чӣ гуфта метавонем? [2]

Ба касоне ки мегӯянд, ки Исо дар асл дар салиб намурд, балки дар қабр ба ҳуш омад, чӣ гуфта метавонем? [3]

## Исо ба шогирдонаш дар бораи марги Худ мегуфт

Мо механем, ки Исо аниқ медонист, ки чӣ гуна мемирад.

**Луқо 9:18–20**-ро хонед.

Пас аз он, ки Исо муъҷизаҳои зиёде ба амал овард ва бо қудрат таълим медод, Ӯ аз шогирдонаш саволе пурсид. Ӯ аз онҳо чӣ пурсид (ояти 20)? [4]

Петрус чӣ ҷавоб дод? [5]

Сарзамини Яҳудо дар он замон як қисми шоҳаншоҳии Рум буд. Шогирдони Исо мехостанд, ки Исо подшоҳе шавад, ки онҳоро аз зулми румиён озод мекунад.

**Луқо 9:21–22**-ро хонед.

Исо ба шогирдонаш чӣ гуфт? [6]

Ин чӣ тавр рӯй дода метавонист? Чӣ тавр Исо Подшоҳи озодкунанда буда метавонист, агар Ӯ кушта шавад? Фаҳмидани ин барои шогирдон душвор буд. Ба Исо лозим омад се бор такрор кунад, ки Ӯ кушта мешавад (Луқо 9:44–45 ва 18:31–34).

Шогирдон мефаҳмиданд, ки Исо Подшоҳест, ки фиристодани Ӯро Худо ба халқаш ваъда дода буд. Аммо онҳо намефаҳмиданд, ки Ӯ чӣ гуна подшоҳ хоҳад буд. Онҳо намефаҳмиданд, ки ба подшоҳи ваъдашуда лозим меояд, ки азоб кашад.

Дар Аҳди Қадим дар бораи он, ки Масеҳ мемирад, кам навишта шудааст. Бисёрии пешгӯиҳо дар бораи қувваи Ӯ ва наҷоте, ки Ӯ ба халқи Худо меоварад, нақл менамоянд.

Масалан, **Забури 2:6–8**-ро хонед.

Худо ба халқи Худ чӣ медиҳад? [7]

Дар Луқо 9:21–22 Исо оид ба мақсади омадани Худ чӣ мегӯяд? [8]

Чаро фаҳмидани шогирдон душвор буд, ки Исо кушта мешавад? [9]

Ин хеле ҳайрон мекард!

# Қурбониҳо дар Аҳди Қадим моро ба марги Масеҳ тайёр мекунанд.

Шумо дарсро дар бораи қурбонӣ дар ёд доред? Чаро ба халқи Худо лозим буд, ки қурбониҳо оварад? [10]

**Ибриён 10:1–4**-ро хонед.

Қурбониҳое, ки одамон дар Аҳди Қадим меоварданд, чӣ мушкилӣ доштанд? [11]

Қурбониҳо аз кадом ҷиҳат фоиданок буданд (ояти 3)? [12]

Ба мо қурбоние даркор аст, ки як бор ва барои ҳамеша моро аз гуноҳҳоямон пок кунад.

# Пешгӯӣ дар Аҳди Қадим моро ба марги Масеҳ тайёр мекунад.

Кадом пешгӯӣ дар Аҳди Қадим моро ба марги Масеҳ тайёр мекунад? [13]

**Ишаъё 53:5–6**-ро хонед.

Худо садҳо сол пеш аз омадани Исо ба воситаи пайғамбар Ишаъё чӣ гуфт? [14]

**Забури 21:15–19**-ро хонед.

Ин порча ба шумо чиро ёдрас мекунад? [15]

Садҳо сол пеш аз он, ки одамон ба салиб мехкӯб карданро ихтироъ кунанд, Забури 21 ба салиб кашиданро тасвир мекунад. Аз ин мо мефаҳмем, ки ин пешгӯӣ дар бораи Масеҳ буд.

Марги Масеҳ аз ибтидо нақшаи Худо буд!

# Нақшаи росткоронаи Худо

**Румиён 3:21–26**-ро хонед.

Дар бораи росткории Худо, ки ба пайравони Исо дода мешавад, чӣ чиз шаҳодат медиҳад **(ояти 21–22)**? [16]

Мо чӣ гуна бозхарид шудаем **(ояти 23–25)**? [17]

Марги фидокоронаи Исо ягона қурбонии комил буд, ки музди гуноҳҳои мо ва воситаи бахшида шудани мо шуда метавонад. Ба сӯи ҳаёти абадӣ дигар роҳ нест!

**Румиён 6:23**-ро хонед.

Мо гуноҳ карда, чиро ба даст меоварем? [18]

Худо ба мо чӣ медиҳад? [19]

Ин беҳтарин хабар дар ҷаҳон аст!

**Ҳамин тавр, мо имрӯз чиро фаҳмидем?**

**Исо барои чӣ ба ҷаҳони мо омад?**

**Худо Масеҳро барои чӣ фиристод?**

## Ҷавобҳо

1 – Бо найза паҳлуи Исоро сӯрох кард.
2 – Ин ба он чизе, ки мо дар бораи хислати Худо медонем, мувофиқат надорад. Ӯ одамонро фиреб намекунад! Оё Исо роҳ медод, ки ба ҷои Ӯ каси дигар мурад?
3 – Мо медонем, ки румиён дар куштани одамон мутахассис буданд. Ҳангоме ки марде ба салиб кашида мешуд, марги ӯ аён буд. Дар салиб овезон буда, нафаскашӣ барои ӯ хеле душвор буд. Ӯ бояд барои ҳар як нафаскашӣ бармехест. Вақте ки шахси ба салиб кашидашуда дигар нафас гирифта натавонист, ӯ мемурд.
4 – *Шумо чӣ фикр доред: Ман кистам?*
5 – Ту Масеҳ ҳастӣ! Ту Он Касе ҳастӣ, ки Худо дар Аҳди Қадим ваъда додааст, ки мефиристад!
6 – Ӯ кушта мешавад, аммо дар рӯзи сеюм эҳё мешавад.
7 – Тамоми замин!
8 – Исо гуфт, ки омадааст, то бимирад ва боз ба ҳаёт баргардад.
9 – Чӣ тавр Исо Подшоҳи ғолиб буда метавонад, агар Ӯ кушта шавад?
10 – Худо қуддус аст ва Ӯ бояд ҳамаи онҳоеро, ки бар зидди Ӯ исён мекунанд, ҷазо диҳад. Ҳангоме ки мо хато мекунем, ҳангоме ки гуноҳ мекунем, мо бар зидди Худо исён мекунем. Мо ба сабаби гуноҳҳои худ сазовори мурдан ҳастем, чунон ки хоини подшоҳи худ сазовори марг аст. Аммо дар Аҳди Қадим Худо аз рӯи меҳрубонии Худ ба халқаш имкон медод, ки қурбониҳо кунанд, то гуноҳҳои онҳо бахшида шаванд. Танҳо хун метавонад гуноҳҳои моро пӯшонад.
11 – Ба қурбонӣ овардани ҳайвонҳо барои сафед кардани мо дар назди Худо басанда нест.
12 – Қурбонӣ ёдоварии гуноҳҳои мо буд. Онҳо ба одамон нишон медоданд, ки гуноҳҳои онҳо сазовори марг аст.
13 – Ишаъё 53:5–6.
14 – Худо гуфт, ки Масеҳ ҳамчун қурбонии гуноҳҳои мо хоҳад мурд. Ӯ ҳамаи гуноҳҳои моро мебардорад!
15 – Ба салиб кашидани Исо.
16 – Таврот ва китоби пайғамбарон.
17 – Ба воситаи қурбонии Исо.
18 – Марг.
19 – Ҳаёти абадӣ!

Дарси 30:

# Эҳё шудан ва ба осмон рафтани Исо



## Эҳёи Исо

**Луқо 24:1—12**-ро хонед.

Шогирдони Исо ва занон умед надоштанд, ки Исо эҳё мешавад. Онҳо интизор набуданд, ки Ӯ эҳё мешавад!

Чаро занон ба назди қабри Исо рафтанд? [1]

Ҳангоме ки онҳо қабрро диданд, чӣ чиз онҳоро ҳайрон кард? [2]

Фариштаҳо ба занҳо чӣ гуфтанд (ояти 5—7)? [3]

Ҳангоме ки Масеҳ шогирдонашро ба сӯи Уршалим мебурд, Ӯ ба онҳо пешгӯӣ кард, ки дар салиб кушта мешавад, аммо дар рӯзи сеюм эҳё мешавад (Луқо 9:22). Ин барои онҳо набояд тааҷҷубовар мебуд!

### Мо чӣ гуна боварӣ дошта метавонем, ки Исо аз мурдаҳо эҳё шуд?

- Агар ҷасад дуздида мешуд, онро бо катоне, ки дар он печонда шуда буд, мебурданд ва боқӣ намегузоштанд (Луқо 24:12).
- Ба сарварони румӣ ва яҳудӣ барои исбот кардани он, ки Исо эҳё нашудааст, танҳо бадани Ӯро нишон додан лозим буд. Онҳо ҷасади Исоро ёфта натавонистанд.

- Дар давоми 40 рӯз Исо Худро ба бисёр одамон нишон дод. Шоҳидони бисёре Ӯро диданд (1 Қӯринтиён 15:3–8)!

Кадом се чиз ба мо нишон медиҳанд, ки мо боварӣ дошта метавонем, ки Исо аз мурдагон эҳё шуд? [4]

1.

2.

3.

**Луқо 24:36–43** ва **Юҳанно 20:24–28**-ро хонед.

Исо чӣ кор кард, то нишон диҳад, ки бадани Ӯ ҷисмонӣ (табиӣ) аст? [5]

Чӣ чиз ба мо нишон медиҳад, ки бадани Исо дигаргун шуд? [6]

Бадани Исо аз кадом ҷиҳат пас аз эҳёи Ӯ ҳам монанди пештара буд, ва аз кадом ҷиҳат фарқ дошт? [7]

## Эҳёи Исо ба мо чиро нишон медиҳад?

**1. Исо маргро мағлуб намуд!** Ӯ мурд ва эҳё шуд.

> *«Исои Масеҳ маргро несту нобуд кард...!»* (2 Тимотиюс 1:10).

**2. Исо шайтонро мағлуб намуд!** Ӯ одамонро аз ғуломии шайтон озод карда метавонад!

> *«Худо ба воситаи қурбонии Масеҳ дар салиб бар ҳокимону соҳибқудратони шайтонӣ ғолиб баромада, онҳоро беяроқ карда, шармандаи дунё сохт»* (Қӯлласиён 2:15).

**3. Исо музди гуноҳҳои моро пардохт намуд, ва Худо онро қабул намуд!**

> *«Охир файзу меҳрубонии Худо он чунон бепоён аст, ки ба воситаи хуни Писараш мо ба озодӣ харида шудаему гуноҳҳоямон бахшида шуданд»* (Эфсӯсиён 1:7).

**4. Исо ба ҳамаи касоне ки ба Ӯ имон меоваранд, ҳаёти абадӣ медиҳад!**

> *«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари Ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, намирад, балки ҳаёти абадӣ дошта бошад»* (Юҳанно 3:16).

Ин хабари беҳтарин аст!

Эҳёи Исо ба мо кадом 4 далелро нишон медиҳад? [8]

1.

2.

3.

4.

# Ба осмон бурда шудани Исо

**Аъмол 1:1–11**-ро хонед.

Исо дар давоми 40 рӯз пас аз эҳё шудани Худ чӣ кор мекард (ояти 3)? [9]

Исо ба шогирдонаш чӣ ваъда дод (ояти 5)? [10]

Вазифаи онҳо аз чӣ иборат хоҳад буд (ояти 8)? [11]

Пас аз ин бо Исо чӣ шуд (ояти 9)? [12]

Дар ояти 11? Фаришта ба шогирдон чӣ гуфт [13]

Исо бармегардад!

## Ба осмон бурда шудани Исо ба мо чиро нишон медиҳад?

Ба осмон бурда шудани Исо ба мо чор чизро нишон медиҳад:

**1. Худо Исоро ба мақоми баландтарин бардошт.**

> *«Барои ин Худо Ӯро бар ҳама сарафроз кард ва номашро дар байни ҳама номҳо баланд намуд, то ки баробари шунидани номи Исо ҳар зону, чи дар осмону чи дар замин ва чи дар зери замин хам шавад»* (Филиппиён 2:9–10).

**2. Исо ба қарибӣ бармегардад, то ки ҷаҳонро доварӣ кунад.**

Мо бояд аз Исо беш аз ҳар каси дигар тарсем!

*«Вақте ки Исои Масеҳ боз меояд, Ӯ ҳамчун шоҳ ҳукмронӣ мекунад ва ҳамаро, яъне зиндагону мурдагонро доварӣ менамояд. Аз ин сабаб ман дар ҳузури Худо ва Исои Масеҳ ба ту супориш медиҳам»* (2 Тимотиюс 4:1).

**3. Дар ин вақт Исо барои мо шафоат мекунад.**

*«Кӣ онҳоро ҳукм карда метавонад? Ҳеҷ кас! Зеро Исои Масеҳ моро тарафгирӣ мекунад. Ӯ ҳамонест, ки мурд, вале зиёда аз он зинда шуд ва ҳоло аз дасти рости Худо нишастааст»* (Румиён 8:34).

Ӯ ба Худо Падар мегӯяд: «[Номи шумо] — фарзанди гаронбаҳои Туст. Гуноҳҳои Ӯро бубахш. Хуни ман онҳоро кафорат намудааст. Мо Ӯро бо Рӯҳулқудс пур мекунем, то ӯ тавонад, ки гуноҳ карданро бас кунад ва бо ҳаёти худ ба Ту ҷалол оварад».

**4. Пас аз марг мо баданҳо хоҳем дошт.**

**1 Қӯринтиён 15:35–46**-ро хонед.

Мо пас аз марг баданҳо хоҳем дошт, аммо онҳо аз баданҳои ҳозираамон чӣ фарқ хоҳанд дошт? [14]

Мо абадан дар бадани комили рӯҳонӣ хоҳем зист!

Ба осмон бурда шудани Исо ба мо чиро нишон медиҳад? [15]

1.

2.

3.

4.

Исо ҳозир ба мо имкон медиҳад, ки ба воситаи имон ба ҳузури Худо дохил шавем. Ҳангоме ки Исо бозмеояд, мо Ӯро рӯ ба рӯ мебинем!

Эҳё ва ба осмон рафтани Исо — беҳтарин хабар дар ҷаҳон аст! Шумо ин хабарро ба кӣ расонда метавонед?

## Имрӯз шумо чиро фаҳмидед?

# Ҷавобҳо

1 – Занҳо рафтанд, то ба ҷасади Исо равғанҳои хушбӯй моланд.
2 – Қабр холӣ буд!
3 – *Чаро зиндаро дар байни мурдаҳо меҷӯед? Ӯ зинда шуд ва дар ин ҷо нест. Ба ёд оред, ки вақти дар Ҷалил буданаш Ӯ ба шумо чӣ гуфта буд? Ӯ гуфта буд, ки Писари Одамизод бояд ба дасти гунаҳкорон супорида шавад ва онҳо бояд Ӯро ба салиб мехкӯб кунанд, вале дар рӯзи сеюм Ӯ бояд зинда гардад.*
4 – 1) Агар ҷасад дуздида мешуд, онро бо катоне ки дар он печонда шуда буд, мебурданд ва боқӣ намегузоштанд (Луқо 24:12).
2) Ба сарварони румӣ ва яҳудӣ барои исбот кардани он, ки Исо эҳё нашудааст, танҳо бадани Ӯро нишон додан лозим буд. Онҳо ҷасади Исоро ёфта натавонистанд.
3) Дар давоми 40 рӯз Исо Худро ба бисёр одамон нишон дод. Шоҳидони бисёре Ӯро диданд!
5 – Ӯ пайҳои захмҳоро дар дастонаш ва паҳлӯяш нишон дод ва каме моҳӣ хӯрд.
6 – Ӯ дарҳоро накушода меомад ва мерафт!
7 – Ӯ ғизоеро, ки ба бадани табиӣ даркор аст, хӯрда метавонист, ва дар айни замон Ӯ фавран омадан ва рафтан метавонист.
8 – 1) Исо маргро мағлуб намуд! Ӯ мурд ва эҳё шуд.
2) Исо шайтонро мағлуб намуд!
3) Исо музди гуноҳҳои моро пардохт намуд, ва Худо онро қабул намуд!
4) Исо ба касоне, ки ба Ӯ имон меоварад, ҳаёти абадӣ медиҳад!
9 – Исо Худро ба пайравонаш зинда нишон дод. Шоҳидони бисёре Ӯро диданд.
10 – Онҳо дар Рӯҳулқудс таъмид мегиранд.
11 – Онҳо дар тамоми ҷаҳон шоҳидони Ӯ хоҳанд буд.
12 – Ӯ ба осмонҳо бурда шуд.
13 – *Ҳамин Исо, чунон ки дар пеши чашматон ба осмон бурда шуд, айнан ҳамон тавр бармегардад.*
14 – Онҳо абадӣ мешаванд, онҳо ҳеҷ мушкилот нахоҳанд дошт, онҳо зебо ва ҳайратовар мешаванд, ва мо бо Худо муносибатҳои вайроннашуда хоҳем дошт!
15 – 1) Худо Исоро ба мақоми баландтарин бардошт.
2) Исо ба зудӣ бозмеояд, то ки ҷаҳонро доварӣ кунад.
3) Дар айни ҳол Исо барои мо шафоат мекунад.
4) Пас аз марг мо баданҳои комил хоҳем дошт!

# Дарси 31:

# Рӯҳулқудс



## Аҳди Қадим дар бораи Рӯҳулқудс чӣ мегӯяд?

1. Дар куҷои Аҳди Қадим мо бори аввал дар бораи Рӯҳулқудс мехонем? [1]

Рӯҳулқудс аз худи аввал кор мекард!

2. Дар Аҳди Қадим Рӯҳулқудс ба одамони махсус бо сабабҳои махсус дода мешуд.

Дар **1 Подшоҳон 16:13** Рӯҳулқудс ба кӣ дода шуда буд? [2]

3. Худо ба пайғамбарон Рӯҳулқудсро медод, то ки онҳо суханони Худоро ба одамон расонда тавонанд.

**2 Петрус 1:20–21**-ро хонед. Пайғамбарон каломи Худоро чӣ гуна ба одамон мерасонданд? [3]

4. Худо ваъда дод, ки замоне фаро мерасад, ки ҳамаи касоне, ки ба халқи Худо тааллуқ доранд, Рӯҳулқудсро ба даст меоваранд.

Мувофиқи суханони пайғамбар Юил дар **Юил 2:28** ин чӣ гуна мешавад? [4]

Аҳди Қадим дар бораи Рӯҳулқудс чӣ мегӯяд? [5]

1.

2.

3.

4.

# Аҳди Ҷадид дар бораи Рӯҳулқудс чӣ мегӯяд?

**Аъмол 1:8:** Рӯҳулқудс ба шогирдон чӣ қувваро медиҳад? [6]

Онҳо бояд ба ҳама дар бораи Исо нақл кунанд!

**Аъмол 2:1–24:** Ҳангоме ки онҳо Рӯҳулқудсро қабул карданд, чӣ рӯй дод? [7]

**Аъмол 2:41:** Чӣ қадар одамон дар он рӯз имон оварданд? [8]

Дар Уршалим иди ҳосилот буд — рӯзи панҷоҳуми (ба юнонӣ — Пантикост) пас аз иди Озодшавӣ ё Песаҳ. Баъзе ҷамоатҳои имондорон аз сабаби он чи Худо дар рӯзи Пантикост кард, худро «Пантикостиён» меноманд.

**Аъмол 2:38:** Киҳо атои Рӯҳулқудсро ба даст меоваранд? [9]

Рӯҳулқудс дар ҳамаи имондорон сокин аст. Шумо бе Рӯҳулқудс имондор буда наметавонед (Эфсӯсиён 1:13)!

# Рӯҳулқудс чӣ мекунад?

Рӯҳулқудс дар **Румиён 8:16** чӣ мекунад? [10]

Рӯҳулқудс дар **Румиён 8:26** чӣ мекунад? [11]

Рӯҳулқудс дар **Ғалотиён 5:22–23** чӣ мекунад? [12]

Рӯҳулқудс дар **Аъмол 1:8** чӣ мекунад? [13]

Рӯҳулқудс дар **1 Қӯринтиён 12:7–11** чӣ мекунад? [14]

Рӯҳулқудс дар **1 Қӯринтиён 12:13** чӣ мекунад? [15]

Рӯҳулқудс моро муттаҳид месозад ва ҷудо намекунад. Худо ғамгин мешавад, ҳангоме ки баъзе пайравони Масеҳ дар солҳои охир дар хусуси он чи Рӯҳулқудс мекунад, бо ҳам мухолифат доранд.

Ҳангоме ки мо дигар имондоронро дӯст намедорем, ин нишон медиҳад, ки мо ба Рӯҳулқудс имкон намедиҳем, ки дар ҳаёти мо амал намояд.

### *Фикри иловагӣ*

**1 Қӯринтиён 14:1–3**-ро хонед.

Беш аз ҳама кадом аторо хостани моро Павлус маслиҳат медиҳад? [16]

Ин ато чӣ гуна аст (ояти 3)? [17]

Мо вазифаи муҳимтарин дорем — обод кардан, рӯҳбаланд намудан ва тасалло додани якдигар!

Ҳамин тавр, аз он чи Рӯҳулқудс мекунад, мо чиро фаҳмидем? [18]

1.

2.

3.

4.

5.

6.

## Ҳаёти шахсе, ки пур аз Рӯҳулқудс аст, чӣ гуна аст?

**Ғалотиён 5:22–23**-ро хонед.

Ҳаёти шахсе, ки пур аз Рӯҳулқудс аст, чӣ гуна аст? [19]

Оё ҳаёти мо чунин аст? Агар не, пас мо бояд чӣ кунем? (**Луқо 11:13**-ро хонед.) [20]

**Эфсӯсиён 4:30**-ро хонед. Мо Рӯҳулқудсро чӣ гуна ғамгин мекунем? Мисолҳо оваред. [21]

## Ғайбатгӯӣ



Ғайбатгӯӣ барои мо мушкилии калон аст. Ғайбатҳо обрӯи касеро резондан ва калисоро вайрон кардан метавонанд. Шояд шумо шахсонеро медонед, ки ба калисо рафтанро бас кардаанд, чунки дигарон дар ҳаққи онҳо ғайбатгӯӣ мекунанд. Мо чӣ гуна ба якдигар дар ғайбат накардан ёрӣ расонда метавонем?

Ҳангоме ки касе ғайбатгӯиро сар мекунад, мо чӣ гуфта метавонем? [22]



Мо бояд ба Рӯҳулқудс писанд оем, мо набояд Ӯро ғамгин кунем!

Мо бояд ҳар рӯз аз Худо хоҳиш кунем, ки моро бо Рӯҳулқудс пур кунад, то ки шумо барои ҳамаи атрофиён нур ва баракати Исо бошед!

### Имрӯз шумо чиро омӯхтед?

# Ҷавобҳо

1 – Ҳастӣ 1:2.
2 – Довуд.
3 – Пайғамбарон бо Рӯҳулқудс пур шуда, суханони Худоро мегуфтанд.
4 – Писарону духтарони шумо пайғамбарӣ мекунанд; пирони шумо хобҳо ва ҷавонони шумо руъёҳо мебинанд.
5 – 1) Рӯҳулқудс аз худи аввал кор мекард!
2) Дар Аҳди Қадим Рӯҳулқудс ба одамони махсус бо сабабҳои махсус дода мешуд.
3) Худо ба пайғамбарон Рӯҳулқудсро медод, то ки онҳо суханони Худоро ба одамон расонда тавонанд.
4) Худо ваъда дод, ки замоне фаро мерасад, ки ҳамаи касоне, ки ба халқи Худо тааллуқ доранд, Рӯҳулқудсро ба даст меоваранд.
6 – На танҳо дар Уршалим, балки то канори замин шоҳидони Исо бошанд.
7 – Худо онҳоро дигаргун намуда, аз шогирдони тарсида ба шоҳидони далер табдил дод. Дар он рӯз онҳо ба ҳамаи онҳое, ки ба Уршалим омада буданд, ба забони модарии онҳо Хушхабарро расонда метавонистанд.
8 – Се ҳазор кас!
9 – Ҳамаи имондорон — Ҳамаи онҳое, ки тавба кардаанд ва таъмид гирифтаанд.
10 – Рӯҳулқудс ба мо шаҳодат медиҳад, ки мо ба Худо тааллуқ дорем ва фарзандони Ӯ ҳастем.
11 – Рӯҳулқудс ба мо дар дуо гуфтан ёрӣ мерасонад.
12 – Рӯҳулқудс дил ва хислати моро дигаргун мекунад, то ки мо ба Исо монанд шавем.
13 – Рӯҳулқудс ба мо қувват медиҳад, то ки мо ба ҳама дар бораи Исо гап занем.
14 – Рӯҳулқудс ба ҳар яки мо атоҳо медиҳад, то ки дар калисо ба якдигар хизмат карда тавонем.
15 – Рӯҳулқудс моро муттаҳид мекунад.
16 – Атои пайғамбарӣ.
17 – Мо бо одамон барои обод кардан, рӯҳбаланд намудан ва тасалло додани онҳо гап мезанем.
18 – 1) Рӯҳулқудс ба мо шаҳодат медиҳад, ки мо ба Худо тааллуқ дорем ва фарзандони Ӯ ҳастем.
2) Рӯҳулқудс ба мо дар дуо гуфтан ёрӣ мерасонад.
3) Рӯҳулқудс дил ва хислати моро дигаргун мекунад, то ки мо ба Исо монанд шавем.
4) Рӯҳулқудс ба мо қувват медиҳад, то ки мо ба ҳама дар бораи Исо гап занем.
5) Рӯҳулқудс ба ҳар яки мо атоҳо медиҳад, то ки дар калисо ба якдигар хизмат карда тавонем.
6) Рӯҳулқудс моро муттаҳид менамояд.
19 – Ин шахс пур аз муҳаббат, хурсандӣ, осоиш, сабр, меҳрубонӣ, вафодорӣ, мулоимат ва худдорӣ аст.
20 – Мо бояд аз Худо хоҳиш намоем, ки ба мо Рӯҳулқудсро диҳад!
21 – Мисолҳои ғамгин кардани Рӯҳулқудс инҳоро дар бар мегиранд: ҳангоме мо бадгӯӣ мекунем ва корҳои бад мекунем, ҳангоме ки мо дурӯғ мегӯем, ҳангоме ки ғайбатгӯӣ мекунем, ҳангоме ки дар интернет чизҳои бадро тамошо мекунем.
22 – Аз ман наранҷ, аммо ман ғайбатгӯиро гӯш кардан намехоҳам. Он чиро, ки дар ҳузури ин шахс намегӯӣ, ба ман нагӯй. Агар ман инро нашунавам, ба дигарон расонда наметавонам!

Дарси 32:

# Калисо



## Калисо чӣ гуна сар шуд?

**Аъмол 2:36–41**-ро хонед (ин охири мавъизаи Петрус пас аз он буд, ки онҳо Рӯҳулқудсро ба даст оварданд).

Одамон бо Масеҳ, ки Худо Ӯро дар Аҳди Қадим ваъда дода буд, чӣ карданд (**ояти 36**)? [1]

Аксуламали одамоне, ки инро шуниданд, чӣ гуна буд (**ояти 37**)? [2]

Мувофиқи суханони Петрус, шунавандагон бояд чӣ кор мекарданд (**ояти 38**)? [3]

1.

2.

«Тавба кардан» чӣ маъно дорад? [4]

Таъмид гирифтан рамзи чӣ аст? [5]

Таъмид гирифтан ба ҳама нишон медиҳад, ки мо Исоро пайравӣ мекунем ва ба оилаи имондорон, ба калисо ҳамроҳ мешавем.

Барои таъмид гирифтан ба мо далерии зиёд даркор аст, хусусан агар аҳли оила ва дӯстонамон розӣ набошанд.

Кӣ Рӯҳулқудсро қабул мекунад (**ояти 38–39**)? [6]

## Афзоиш ёфтани калисо

**Аъмол 1:15:** То он рӯз имондорон чӣ қадар буданд? [7]

**Аъмол 2:40–41:** Дар ибтидо онҳо як гурӯҳи хурди шогирдони тарсида буданд. Дар охири рӯз чӣ қадар одамон имондор шуданд? [8]

Ин ибтидои калисо буд!

# Калисо чӣ мекунад?

**Аъмол 2:42–47**-ро хонед. Калисо ягон бино нест: калисо оила аст!

Ибтидои калисо замони махсус буд. Агар ҳозир мо ҳар рӯз бо ҳам ҷамъ омада натавонем ҳам, мо як оила ҳастем. Исо мехоҳад, ки пайравони Ӯ ошкоро Ӯро пайравӣ кунанд. Мо ба якдигар даркор ҳастем. Мо бояд бо ҳам ҷамъ шавем.

Имондорон дар **ояти 42** чӣ мекарданд? [9]

1.

2.

3.

4.

«Онҳо ҳамеша бо шунидани таълими расулон машғул буданд» барои мо чӣ маъно дорад? [10]

Оё шумо ҳар рӯз каломи Худоро мехонед? Оё дар бораи Худованд ҳарчи бештар фаҳмидан мехоҳед?

«Бо ҳамнишинӣ машғул буданд» барои мо чӣ маъно дорад? [11]

Шумо инро чӣ гуна ба ҷо меоваред?

Чаро онҳо ҳамеша бо пора кардани нон машғул буданд? [12]

Бо ҳам пора кардани нон барои имодорон хеле муҳим аст.

Оё одамон дар ҳаққи мо гуфта метавонанд, ки мо ҳамеша бо дуо гуфтан машғул ҳастем?

Оё мо дуо мегӯем, ки Худо дигаронро ба Подшоҳии Худ оварад?

## Даъват



Ҳар рӯз чанд дақиқа ё соатро бо телефони худ (гуфтугӯ ё дидани шабакаҳои иҷтимоӣ) сарф мекунед? Ҳар рӯз чанд дақиқа ё соатро бо дуо ва хондани Китоби Муқаддас сарф мекунед? Чӣ муҳимтар аст?

## Ба номи Исо дуо гуфтан чӣ маъно дорад?



Ин маънои онро дорад, ки мо эътироф мекунем, ки гуноҳҳоямон моро аз Худо ҷудо мекунанд. Мо ҳақ надорем ба ҳузури Худо Падар ҳозир шавем. Аммо мо ин имкониятро ба даст меорем, зеро Исо моро бо хуни Худ, ки дар салиб рехт, бахшид. Ба шарофати Исо, Худо дуоҳои моро мешунавад ва моро дар назди Худ росткор мебинад! Ин беҳтарин имтиёз аст!

Дуо ба номи Исо инчунин маънои онро дорад, ки мо ба хости Ӯ итоат мекунем.

Имондорон дар **ояти 44–45** чӣ кор мекунанд? [13]

(Мо дар ин бора дар як дақиқа гуфтугӯ хоҳем кард.)

Имондорон дар **ояти 46–47** чӣ кор мекунанд? [14]

Ҳангоме ки мо Худоро ҳамду сано мегӯем, ин Ӯро ва моро шод мекунад!

Чанд маротиба дар ин боб одамони бештар имондор мешуданд? [15]

Бигузор Худо дар ҷамоати мо ин корро кунад!

Он рӯзҳо олидараҷа буданд!

# Чӣ гуна мо метавонем дар ҷамоати худ ба ҳамдигар вафодор бошем?

Дар бораи он, ки чӣ гуна мо дар калисо ба ҳамдигар муҳаббат зоҳир намуда метавонем, чӣ фикру ақидаҳо доред? Ақаллан 7 ҷавоброномбар намоед! [16]

1.

2.

3.

4.

5.

6.

7.

Дар бораи мушкилиҳои худ ба роҳбарони калисо озодона хабар диҳед, то онҳо барои шумо дуо гӯянд. Ин барои онҳо рӯҳбаландкунанда аст: ин нишон медиҳад, ки шумо ба онҳо боварӣ доред ва онҳо метавонанд шод шаванд, ҳангоме мебинанд, ки Худо ба дуоҳояшон ҷавоб медиҳад. Ва онҳо ба воситаи мавъизаҳо ҷамоатро беҳтар таълим дода метавонанд.

Бигузор Худо шумораи имондоронро дар ҷамоати мо рӯз то рӯз зиёдтар гардонад!

## Даъват

Ҳангоме ки Аҳди Ҷадидро мехонем, мебинем, ки ба зудӣ дар калисоҳо мушкилиҳо пайдо шуданд. Ягон калисои комил вуҷуд надорад! То он вақте, ки ба Уршалими Нав нарасем, калисои комил вуҷуд нахоҳад дошт!

Аммо, биёед, ҳар кори аз дастамон меомадаро кунем, то ки миқдори бисёртари одамон Худоро дар ҳаёти мо бинанд ва аз суханони мо фаҳманд, ки Исо кист!

## *Ба таври иловагӣ:* Пул



Пул дар байни аъзоёни ҷамоати имондорон мушкилиҳои бисёр оварда метавонад! Биёед бинем, ки Павлус дар бораи пул чӣ гуфтааст.

- Павлус дар **1 Тимотиюс 6:10** дар бораи пул чӣ гуфтааст? [17]

  Ҳангоме ки мо пулро беш аз Худо дӯст медорем, чӣ рӯй медиҳад? [18]

- Павлус дар **1 Қӯринтиён 16:2** дар бораи пул чӣ гуфтааст? [19]

  Павлус ба чӣ кор одат кардани моро ҳавасманд менамуд? [20]

- Павлус дар **2 Таслуникиён 3:10** дар бораи пул чӣ гуфтааст? [21]

Ин чӣ маъно дорад? [22]

- Павлус дар **Румиён 13:8** дар бораи пул чӣ гуфтааст? [23]

  Ин барои мо чӣ маъно дорад? [24]

Қарзе, ки сари вақт баргардонда нашудааст, дӯстӣ ва калисоро вайрон мекунад!

Павлус дар робита бо пул ба мо чиро таълим медиҳад? [25]

1.

2.

3.

4.

Танҳо ҳамон вақт қарз гиред, ки қарзро дар муҳлати маслиҳатшуда баргардонда тавонед. Агар ҳақиқатан дар вазъияти молиявии худ ба ёрӣ эҳтиёҷ дошта бошед, дар ин бора бо шубони ҷамоататон гуфтугӯ кунед. Мушкилоти пулӣ боиси шарм нест. Он чиз боиси шарм аст, ҳангоме ки мо дӯстиро вайрон мекунем ва калисоро вайрон мекунем.

Мо бояд ба дигарон некӣ кунем. Дигаронро фиреб додан гуноҳ аст.

**Оё дар робита бо он чи дар бораи пулатон фикр мекунед, чизе ҳаст, ки бояд дигаргун кунед?**

# Ҷавобҳо

1 – Онҳо Ӯро дар салиб куштанд.
2 – Онҳо хеле ғамгин шуданд.
3 – 1) Тавба кардан.
2) Таъмид гирифтан.
4 – Онҳо бояд ба Худо гӯянд, ки аз боиси беитоатӣ ба Ӯ пушаймон ҳастанд. Онҳо бояд Масеҳро, ки Худо Ӯро фиристодааст, пайравӣ кунанд.
5 – Нишон медиҳад, ки Исо ҳамаи гуноҳҳои моро шустааст. Мо барои худ мурдаем ва ҳоло барои Исо зиндагӣ мекунем.
6 – Ҳамаи онҳое, ки Худо даъват мекунад. Ҳама имондорон касоне ҳастанд, ки тавба кардаанд ва таъмид гирифтаанд.
7 – 120.
8 – Қариб се ҳазор кас!
9 – 1) Онҳо ҳамеша бо шунидани таълими расулон машғул буданд.
2) Онҳо ҳамеша бо ҳамнишинӣ машғул буданд.
3) Онҳо ҳамеша бо шикастани нон машғул буданд.
4) Онҳо ҳамеша бо дуо гуфтан машғул буданд.
10 – Дар бораи чизҳои аз каломи Худо омӯхтаамон мехонем, андешаронӣ мекунем, муҳокима менамоем ва дуо мегӯем. Мо бояд ин корро худамон ва бо дигар имондорон кунем.
11 – Мо якдигарро дӯст медорем ва ба якдигар ғамхорӣ мекунем. Мо якҷоя вақт мегузаронем.
12 – Онҳо дар ёд доштанд, ки Исо мурд, то ки онҳо бахшида шаванд!
13 – Бисёр саховатманд ва фидокор буданд.
14 – Худоро ҳамду сано гуфтанд.
15 – Ҳар рӯз!
16 – Мисолҳо инҳоро дар бар мегиранд:
1) Ба аъзоёнии калисо занг занед;
2) SMS нависед;
3) Ҳангоме ки вақт доред, вохӯред;
4) Ҳар ҳафта ба парастишгоҳ биёед. Дар парастишгоҳ дидани шумо аъзоёни дигарро рӯҳбаланд мекунад;
5) Барои ёрӣ додан ба ҳамдигар тайёр бошед, масалан, агар онҳо бемор шаванд ё кӯдак таваллуд кунанд;
6) Барои дигарон дуо кунед;
7) Он чизеро, ки дар дарсҳои Навиштаҳо омӯхтаед, ба дигарон расонед. Ҳар қадар бештар каломи Худоро донем, ҳамон қадар бештар Ӯ метавонад моро истифода барад, то барои дигарон баракат гардад.
17 – Дӯст доштани пул решаи ҳама бадӣ аст.
18 – Пулро барои хурсандии худ сарф мекунем, на барои хурсанд кардани Худо.
19 – *Ҳар якеатон, ҳар ҳафта рӯзи якшанбе вобаста ба даромади худ, чӣ қадаре ки тавонед, пул ҷудо кунед, то ки ҳангоми омадани ман ба ин кор машғул шудан лозим наояд.*
20 – Ҳангоме ки имконият доред, пул ҷамъ кунед, то барои додан тайёр бошед.
21 – *...Ба касе, ки кор кардан намехоҳад, ёрӣ нарасонед!*
22 – Ба касе, ки танбал аст ва кор кардан намехоҳад, пул надиҳед.
23 – *Ба ғайр аз қарзи муҳаббат аз касе чизе қарздор набошед. Зеро, ҳар кӣ каси дигарро дӯст дорад, фармонҳои шариатро аллакай иҷро кардааст.*
24 – Мо бояд ҳарчи зудтар қарзамонро баргардонем!
25 – 1) Мо ба ҳикмати Худо эҳтиёҷ дорем, то пулеро, ки Ӯ ба мо медиҳад, ба таври беҳтарин истифода барем;
2) Барои саховатманд будан тайёр бошед;
3) Мо намехоҳем дигаронро ҳавасманд кунем, ки дар ақиб нишаста ҳеҷ кор накунанд;
4) Қарзҳоро зуд баргардонед, то ки дӯстӣ ва калисоро вайрон накунед!

Дарси 33:

# Ба дигарон расондани Хушхабар



## Ҳамаи халқҳо

Худо дар **Ҳастӣ 12:1–7** чӣ ваъда дод? [1]

Пас аз ду ҳазор сол мо мебинем, ки иҷро намудани ваъдаҳояшро давом медиҳад!

Мо дидем, ки чӣ тавр Худо Масеҳро, ки дар Аҳди Қадим ваъда дода буд, фиристод. Мо дар замоне зиндагӣ дорем, ки ҳамаи халқҳо дар бораи Масеҳ мешунаванд, то ки наҷот ёбанд.

Исо дар **Матто 28:18–20** ба шогирдонаш чӣ гуфт? [2]

**Аъмол 1:8**-ро хонед. Шогирдон чӣ гуна ҳамаи халқҳоро шогирд карда метавонистанд? [3]

Ин кор ба охир нарасидааст — ҳанӯз одамоне ҳастанд, ки дар бораи Исо нашунидаанд. Касоне ҳастанд, ки дар забонашон Китоби Муқаддас надоранд ва имондороне нестанд, ки ба забони онҳо гап мезада бошанд. Масалан, дар Доғистон (наздикии бахри Каспий) ин гуна одамон бисёранд!

Вазифа ва мақсади мо он аст, ки ҳамаи халқҳо дар бораи Исо шунаванд!

Дар китоби Аъмоли Расулон мо мебинем, ки ин раванд сар шудааст.

## Аз Уршалим

Исо ба шогирдонаш дар куҷо шоҳидони Ӯ буданро фармуд (**Аъмол 1:8**)? [4]

Биёед, дар бораи ин ҷойҳо фикр мекунем.

## 1. Дар Уршалим

Дар китоби Аъмол 12 шогирдон «расулон (ҳаввориён)» номида шудаанд.

Азбаски Яҳудо ба Исо хиёнат кард ва худкушӣ кард, ба ҷои ӯ кӣ интихоб карда шуд (**Аъмол 1:26**)? [5]

Ҳамагӣ 12 расулон (ҳаввориён) буданд, ки аввалин роҳбарони калисо буданд.

Кӣ баъдтар расул (ҳавворӣ) шуд (**1 Қӯринтиён 1:1**)? [6]

**Аъмол 6:7**-ро хонед. Шогирдон дар куҷо мавъиза намуданро сар карданд? [7]

Аммо сарварони яҳудиён ва подшоҳи Яҳудо зидди расулон (ҳаввориён) буданд.

Яҳудиён дар **5:17–20** чӣ кор карданд? [8]

Дар **7:59–60** чӣ рӯй дод? [9]

Расулон (ҳаввориён) дар **5:41–42** чӣ кор карданд? [10]

Бисёр одамон ба Исо имон оварданд!

## 2. Дар тамоми Яҳудо ва Сомария

**Аъмол 8:2–5:** Ҳангоме ки таъқиботи сахт сар шуданд, чӣ рӯй дод? [11]

Ба харита нигаред. Сомария вилоятест аз Уршалим ба шимол.




## 3. Тамоми ҷаҳон

**Аъмол боби 10**–ро хонед.

Худо ба Петрус чиро меомӯзонад? [12]

Ин давраи хеле муҳим буд. Дар ин вақт аввалин имондорон фаҳмиданд, ки Хушхабар на танҳо барои яҳудиён, балки барои халқҳои дигар низ пешбинӣ шудааст!

**Аъмол 11:19–21:** Имондорон дар куҷо паҳн шуданд? [13]

Ба харита нигаред.

Финиқия Лубнони ҳозир аст.

Қиприс ҷазираи калоне аз Туркия ба ҷануб аст.

Антокия — шаҳрест дар ҷануби шарқии Туркия.

Бисёр яҳудиён ва халқҳои дигар ба Исо имон оварданд!




# Сафар давом дорад

Дар **бобҳои 13-ум то 20-уми Аъмоли Расулон** мехонем, ки Павлус ва дигар имондорон дар ҳудуди Туркияи ҳозира ва Юнон сафар мекарданд ва ҷамоатҳои бисёреро ташкил намуданд. Дертар Павлус ба боздиди ин ҷамоатҳо мерафт.




Дар китоби Аъмоли Расулон мо мебинем, ки раванди дар байни халқҳои дигар паҳн шудани Хушхабар дар бораи Исо сар шуд. Мо ин равандро чӣ гуна давом додан метавонем?

Мо ба касоне ки ҳеҷ гоҳ дар бораи Исо нашунидаанд, Хушхабарро чӣ гуна мерасонем?

Чӣ гуна шумо кореро, ки дар Аъмоли Расулон сар шуда буд, давом дода метавонед? Дар ин хусус чӣ фикру мулоҳизаҳо доред? [14]

**Барои якдигар дуо гӯед, то имконият дошта бошед, ки кори шогирдонро, ки Исо ба онҳо супориш дода буд, давом диҳед!**

# Ҷавобҳо

1 – Ӯ ваъда дод, ки онҳоро халқи бузург мегардонад, ба онҳо замин медиҳад ва ба воситаи ӯ тамоми халқҳои рӯи замин баракат меёбанд.
2 – Пас, равед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед. Онҳоро ба номи Падару Писару Рӯҳулқудс таъмид диҳед.
3 – Рӯҳулқудс ба онҳо қудрат медиҳад, ки ин корро кунанд.
4 – Дар Уршалим, дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои замин.
5 – Матёс.
6 – Павлус.
7 – Дар Уршалим.
8 – Баъзе аз шогирдонро ба зиндон андохтанд.
9 – Яъқуброн куштанд.
10 – Онҳо дар бораи Исо мавъиза карданро давом медоданд!
11 – Бисёре аз имондорон аз Уршалим гурехтанд. Онҳо аз Уршалим ба шимол, дар саросари Яҳудо ва Сомария рафтанд.
12 – Дар аввал онҳо дар бораи Исо танҳо ба яҳудиён гап мезаданд, вале акнун лозим омад, ки ба одамони дигар (яҳудиён онҳоро халқҳо меномиданд) сухан гӯянд — ин одамон яҳудӣ набуданд, Аҳди Қадимро намедонистанд ва Худои якторо намепарастиданд.
13 – Ба Финиқия, Қиприс ва Антокия.
14 – Фикру мулоҳизаҳо инҳоро дар бар мегиранд:
- Барои одамоне, ки дар бораи Исо ҳеҷ гоҳ нашунидаанд, дуо гӯед (дар кишвари худ ва дар кишварҳои дигар);
- Бо дӯстон дуо гӯед, то якдигарро дастгирӣ карда, ба оила, дӯстон ва ҳамсоягон дар бораи Исо нақл карда тавонед;
- Ба ҳамдигар фаҳмонидани ҳикояҳои Китоби Муқаддасро машқ кунед, то онҳоро ба дигарон дилпурона фаҳмонда тавонед;
- Дар бораи он фикр кунед, ки чӣ гуна муҳаббати Исоро ба атрофиён нишон дода метавонед;
- Оё Худо аз шумо хоҳиш мекунад, то ба сарзамине, ки одамон имконияти дар бораи Исо шуниданро надоранд, кӯчида равед?

## Дарси 34:

# Номаҳо дар Аҳди Ҷадид



Имондорон Аҳди Ҷадид надоштанд. Онҳо душвориҳои зиёде доштанд. Ва ба онҳо ҳикмат лозим буд, то донанд, ки чӣ тавр барои Исо дуруст зиндагӣ кардан даркор аст.

Дар Аҳди Ҷадид 21 нома ҳаст. Калисоҳо дар масофаҳои дур пароканда буданд, аз ҳамин сабаб расулон (ҳаввориён) аз дур мактубҳо менавиштанд, то ин калисоҳоро рӯҳбаланд кунанд.

Калисоҳое, ки ин мактубҳоро мегирифтанд, онҳоро дастӣ нусхабардорӣ карда, ба калисоҳои дигар мефиристоданд, то ки бисёр калисоҳои дигар аз ҳикмати онҳо баҳра баранд

## Оё мазмуни Аҳди Ҷадид тағйир ёфтааст?



Баъзеҳо мегӯянд, ки мазмуни Аҳди Ҷадид дигар шудааст. Аммо ин ғайриимкон аст, зеро номаҳо ва китобҳои Хушхабарро шоҳидон ё онҳое ки шоҳидонро мешинохтанд, навиштаанд. Онҳоро имондорони аввалин ҳамчун ҳақиқат қабул карданд ва баъд онҳо дар як минтақаи васеъ паҳн шуданд. Ҳама чизҳоеро, ки пештар навишта шуда буданд, ҷамъоварӣ намуда, баъд вариантҳои нав фиристодан ғайриимкон буд. Гузашта аз ин, имондорони аввал роҳ намедоданд, ки он чизҳоеро, ки ба дурустии онҳо бовар мекарданд, касе тағйир диҳад!

Зиёда аз 24 000 қисмҳои дастнависи Аҳди Ҷадид ёфт шудаанд. 230 нусхаҳои дастнавис ба замони пеш аз таваллуд шудани Муҳаммад рост меояд. Ин порчаҳои дастнавис муҳиманд, зеро онҳо нишон медиҳанд, ки Аҳди Ҷадид тағйир наёфтааст!

Чаро тағйир додани паёми Аҳди Ҷадид ғайриимкон аст? [1]

## Номаҳо:

- **ба имондорон дар бораи Исо ва наҷоте,** ки Исо медиҳад, **таълим медоданд**, то онҳоро водор кунанд, ки дар имон вафодор бимонанд;

- ҳангоме ки имондорон ба чизе, ки ҳақиқат нест, бовар мекарданд, **хатоҳои онҳоро ислоҳ мекарданд,** то ҳақиқатро донанд;
- **ба имондорон таълим медоданд, ки чӣ гуна дуруст зиндагӣ кунанд,** то ба Худо писанд оянд.

Муаллифони номаҳо ҳангоми навиштани ин номаҳо чӣ мақсадҳо доштанд: [2]

1.

2.

3.

# Муаллифони ин номаҳо киҳоянд?

**Яъқуб, Петрус, Юҳанно** ва **Яҳудо** барои рӯҳбаланд кардани имондорон номаҳо навиштаанд.

**Павлус** ба ҷамоатҳои имондорон 9 нома ва ба шахсони алоҳида 4 нома навиштааст:

Ӯ ба **Тимотиюс** 2 нома ва ба **Титус** 1 нома навишт, то ба онҳо ёрӣ расонад, ки ҷамоатҳои имондоронро дуруст роҳбарӣ кунанд.

Ӯ ба **Филемӯн** номаи шахсӣ навишт.

Ин 13 номаи Павлус дар охири Инҷил мебошанд. Аз пайи онҳо китоби **Ваҳй** аст.

Мо намедонем, ки Нома ба **Ибриёнро** кӣ навиштааст, аммо бисёр касон чунин меҳисобанд, ки онро Павлус ё яке аз ҳамсафони ӯ навиштааст (масалан, Барнаббо ё Апӯллӯс).

Бисёрии номаҳои Аҳди Ҷадидро кӣ навиштааст? [3]

# Мо ин номаҳоро чӣ гуна фаҳмида метавонем?

Барои фаҳмидани он, ки дар ин ё он порчаи нома чӣ навишта шудааст, мо метавонем 4 савол диҳем:

1. Ҳангоми навиштани ин нома дар калисо чӣ **мушкилиҳо** буданд?
2. Кадом **ибораҳо ё калимаҳо такрор мешаванд**? Бисёр одамон мехоҳанд, ки ибораҳои такрориро таъкид кунанд.
3. **Мавзӯи асосӣ** чист ва муаллиф ба онҳо чиро таълим додан мехоҳад? Метавонед онро бо як сухани оддӣ гӯед?
4. Ин калисо ба **ҷамоати мо** чӣ монандӣ дорад? Мушкилиҳои мо бо мушкилиҳои онҳо чӣ монандӣ дорад? Кадом ақидаи муҳими ин порча ҳозир ба калисои мо дахл дорад?

Кадом 4 савол ба мо дар фаҳмидани номаҳои Аҳди Ҷадид ёрӣ мерасонанд? [4]

1.

2.

3.

4.

Биёед, баъзе оятҳоро аз Нома ба Қӯлассиён меомӯзем. **Қӯлласиён 1:9—20**-ро хонед.

1. Оё шумо тахмин карда метавонед, ки **онҳо чӣ гуна мушкилот доштанд?** [5]

Муаллимони дурӯғин ба имондорон мегуфтанд, ки таълимоте ҳастанд, ки онҳо намедонанд, ва муносибатҳо бо Исо басанда нестанд.

2. **Кадом ибораҳо ё суханон такрор мешаванд?** [6]

Дар кадом ибораҳо калимаи «**ҳама/ҳар**» истифода мешавад? [7]

Павлус ба онҳо мегуфт, ки дар Исо онҳо барои муносибатҳо бо Худо ва ҳаёти абадӣ **ҳама** чизро доранд!

3. **Мавзӯи асосӣ кадом аст ва муаллиф ба онҳо чиро омӯзондани аст?** [8]

4. **Ин калисо аз кадом ҷиҳат ба ҷамоати мо монанд аст? Мушкилоти мо аз кадом ҷиҳат ба мушкилоти онҳо монанд мебошанд? Кадом фикри муҳими ин порча ҳозир дар калисои мо истифода мешавад?** [9]

Баъзе касон мегӯянд, ки Исо басанда нест, ва ба мо боз як пайғамбар даркор аст, ки пас аз Ӯ буд. Мо ба онҳо чӣ гуфта метавонем? [10]

## *Ба таври иловагӣ:*

Боз як воситаи омӯхтани нома (ё дилхоҳ порча аз Навиштаи Муқаддас) — ба худ оид ба боб ё порчаи хондаатон 5 саволи зеринро додан аст. Биёед якҷоя чунин мекунем.

**1. Ин порча ба мо дар бораи Худо (Падар, Писар ва Рӯҳулқудс) чӣ мегӯяд?** [11]

**2. Ин порча ба мо дар бораи одамон чӣ мегӯяд?** [12]

**3. Оё фармони итоат намудан, ё огоҳӣ барои мо, ё намуна барои пайравӣ ҳаст?** [13]

**4. Худо аз ин порча ба мо чиро таълим медиҳад?** [14]

**5. Ман инро ба кӣ расонда метавонам?** [15]

## Дар Исо мо барои муносибатҳо бо Худо ва ҳаёти абадӣ **ҳама чизро дорем!**

## Вазифаи хонагӣ

Номаи 1-ум ба Тасолуникиёнро хонед, то ки мо онро дар дарси оянда омӯхта тавонем.

## Ҷавобҳо

1 – Зеро номаҳо ва китобҳои Хушхабарро шоҳидон ё онҳое, ки шоҳидонро мешинохтанд, навиштаанд. Онҳоро имондорони аввалин ҳамчун ҳақиқат қабул карданд ва баъд онҳо дар як минтақаи васеъ паҳн шуданд. Ҳама чизҳоеро, ки пештар навишта шуда буданд, ҷамъоварӣ намуда, баъд вариантҳои нав фиристодан ғайриимкон буд. Гузашта аз ин, имондорони аввал роҳ намедоданд, ки он чизҳоеро, ки ба дурустии онҳо бовар мекарданд, касе тағйир диҳад!

2 – 1) ба имондорон дар бораи Исо ва наҷоте, ки Исо медиҳад, таълим медоданд, то онҳоро водор кунанд, ки дар имон вафодор бимонанд;
2) ҳангоме ки имондорон ба чизе, ки ҳақиқат нест, бовар мекарданд, хатоҳои онҳоро ислоҳ мекарданд, то ҳақиқатро донанд;
3) ба имондорон таълим медоданд, ки чӣ гуна дуруст зиндагӣ кунанд, то ба Худо писанд оянд.

3 – Павлус.

4 – 1) Онҳо чӣ мушкилиҳо доштанд?
2) Мавзӯи асосӣ чист ва муаллиф ба онҳо чиро таълим додан мехоҳад?
3) Кадом иборахо ё калимаҳо такрор мешаванд?
4) Ин калисо ба ҷамоати мо чӣ монандӣ дорад? Мушкилиҳои мо бо мушкилиҳои онҳо чӣ монандӣ дорад? Кадом ақидаи муҳими ин порча ҳозир ба калисои мо дахл дорад?
5 – Онҳо гумон мекарданд, ки шояд Исо басанда нест.
6 – Павлус калимаи «ҳама/ҳар/тамоми»-ро такрор менамояд.
7 – *Аз **ҳар** ҷиҳат ба Ӯ писанд оед.*
*Дар **ҳар** кори нек самар диҳед.*
*Бо **тамоми** қувват пурзӯр шавед.*
*Нахустзода бар **тамоми** офариниш.*
*Чунки **ҳама** чиз дар Ӯ офарида шудааст.*
*Ӯ пеш аз **ҳама** чиз аст.*
*То ки дар **ҳама** чиз Ӯ аввалин бошад.*
*Хушнудии Худо дар ин буд, ки бо **ҳамаи** пуррагии Худ дар Ӯ сокин бошад ба воситаи Ӯ **ҳама** чизро бо Худ оштӣ дода.*
8 – Исо Худи Худост (ояти 15), Ӯ бар ҳама чизи намоён ва нонамоён қудрат дорад (ояти 16), марги Ӯ маънои оштии Худо Падар бо офариниши Худро дорад (ояти 20). Ҳамин тавр, Исо ҳамаи он чизест, ки ба мо даркор аст!
9 – Гоҳо одамон ба мо гуфтанӣ мешаванд, ки Китоби Муқаддас ё Исо басанда нест ва ба мо боз чизе даркор аст.
10 – Аз ин порча ибораҳоеро ёбед, ки истифода бурдан метавонед!
11 – Рӯҳулқудс ба мо хирад ва фаҳмиш медиҳад.
Падар моро сазовори он гардондааст, ки ба мероси халқи муқаддаси Ӯ дар Подшоҳии нур шарик шавем.
Падар моро аз ҳукмронии торикӣ наҷот дод ва ба Подшоҳиии Писари дӯстдоштааш овард.
Исо симои Худои ноаён аст.
Исо нахустзодаи тамоми махлуқот аст.
Ҳама чиз дар осмон ва дар замин ба воситаи Исо ва барои Исо офарида шудааст, Исо пеш аз ҳама чиз аст ва ҳама чиз дар Ӯ муттаҳид аст Исо сари бадан, яъне калисо аст.
Исо ибтидои ҳама чиз аст, нахустзодаи мурдагон.
Исо дар ҳама чиз аввалин аст.
Хости Худо ин буд, ки тамоми пуррагии Худо дар Исо сокин бошад.
Исо барои мо мурд, то ки мо кафорат, бахшидашавии гуноҳҳоро дошта бошем.
Худо ба воситаи Исо ҳама чизро бо Худ оштӣ медиҳад ва бо хуни дар салиб рехтаи Исо бо ҳама чиз оштӣ мекунад.
12 – Моро Худо офаридааст ва Писари Ӯ моро наҷот додааст.
13 – Павлус доимо барои калисои Қӯлассо дуо мегуфт. Ин барои мо намунаи хуб аст.
Вазифаи мо ин аст:
- Сазовори Худованд зистан ва дар ҳама чиз ба Ӯ писанд омадан;
- Доимо корҳои нек кардан;
- Худоро торафт бештар шинохтан;
- бо қувват ва тавоноии Ӯ пурқувват шудан, устувору пурсабр ва шодмон шудан;
- ба Падари Осмонӣ шукр гуфтан, ки моро сазовори гирифтани ҳиссаи мероси халқи муқаддаси Худ дар Подшоҳии Нур гардонд.

14 – Он чиро, ки Худо ба воситаи ин оятҳо ба шумо нишон додааст, нақл кунед.
15 – Номи касеро, ки инро ба ӯ расонда метавонед, гӯед.

Дарси 35:

# Номаи 1-ум ба Тасолуникиён



## Маълумоти умумӣ дар бораи ин нома

Ин нома ба имондорон дар Тасолуникӣ дар Юнон навишта шудааст. Ба харита нигаред ва Тасолуникиро ёбед.




Эҳтимол, ин аввалин номаест, ки Павлус фиристодааст.

**Аъмол 17:1–10** ба мо мегӯяд, ки ҷамоати имондорон дар Тасолуникӣ чӣ гуна ташкил ёфта буд.

Павлус чанд муддат дар он ҷо буд? [1]

Пас аз сафари аввалинаш ба Тасолуникӣ Павлус мехост бори дигар ба боздиди онҳо равад, аммо натавонист. Барои ҳамин ӯ ин номаро навишт. Ин барои мо намунаи хубест, ки чӣ тавр Худо мушкилоти моро барои ба амал овардани ягон чизи нек истифода мебарад. Дар давоми 2 000 сол Худо миллионҳо одамонро ба воситаи ин нома баракат додааст!

## Дар ин нома Павлус дар бораи чор чиз навиштааст:

1. Павлус бояд шахси хуб будани худро исбот мекард, зеро баъзе беимонон дар бораи ӯ суханони бад мегуфтанд (**2:1–3:10**). Агар имондорон ба хулосае меомаданд, ки ӯ шахси хуб нест, ба он чи, ки ӯ ба онҳо таълим медод, бовар намекарданд.

2. Павлус мехост имондоронеро, ки барои имонашон таъқиб мешуданд, рӯҳбаланд кунад (**1:2–10; 2:14; 3:1–5**).

3. Павлус ба онҳо ёдрас мекард, ки ҳаёти муқаддас дошта бошанд (**4:1–12; 5:12–22**).

4. Павлус мехост имондорон фаҳманд, ки ҳангоми мурдан чӣ ҳодиса рӯй медиҳад ва ҳангоме ки Исо бармегардад, чӣ мешавад **(4:13–5:11)**.

Павлус ба имондорони Тасолуникӣ дар хусуси кадом чор чиз навишт? [2]

1.

2.

3.

4.

# Боби якум

Биёед ба 5 савол ҷавоб диҳем, ки мо барои омӯзиши ҳар як порчаи Китоби Муқаддас истифода бурда метавонем.

Инҳо кадом 5 савол мебошанд? [3]

1.

2.

3.

4.

5.

**1. Ин порча ба мо дар бораи Худо (Падар, Писар ва Рӯҳулқудс) чӣ мегӯяд?** [4]

**2. Ин порча ба мо дар бораи одамон чӣ мегӯяд?** [5]

**3. Оё фармоне барои итоат кардан, огоҳкунӣ ва ё ибрате барои пайравӣ карданамон ҳаст?** [6]

**4. Худо аз ин порча ба мо чиро таълим медиҳад?** [7]

## Имон, муҳаббат ва умед

Имон, муҳаббат ва умед дар номаҳои Павлус суханони муҳим мебошанд.

Имон, муҳаббат ва умед — таҳкурсии ҳаёти мост. Агар яке аз ин сифатҳо камӣ кунад, имони мо дер давом намекунад.

**Имон:** Оё донистани он ки Исо ба зудӣ ҳамчун Довари ҷаҳон бармегардад, ба корҳое, ки ман ҳар дақиқа дар ҳар рӯз мекунам, таъсир мерасонад?

**Муҳаббат:** Оё касе ҳаст, ки ба ман маъқул нест ва дӯст доштанаш душвор аст? Агар чунин бошад, ман бояд аз Худо хоҳиш кунам, то ба ман имконият диҳад, ки муҳаббати худро ба онҳо нишон диҳам.

Муҳаббатро дар амал нишон дода, мо ба онҳо муҳаббат эҳсос намуданро сар мекунем!

**Умед:** Ҳангоме ки одамон аз боиси имоне, ки ба Исо дорем, ба мо бад муносибат мекунанд, мо медонем, ки Исо ба зудӣ моро бо Худ мегирад, то ки бо Ӯ зиндагӣ кунем. Исо ба мо далерӣ мебахшад, то дар имонамон устувор бошем!

Мо медонем, ки ҳангоме Исо меояд, мушкилоти мо дар муқоиса бо замини нав ҳеҷ хоҳанд буд!

Ҳангоме ки мо ҳатто дар вақти азобҳо хурсандӣ ва осоишро нигоҳ медорем, одамон қувваи Рӯҳулқудсро дар ҳаёти мо мебинанд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар тӯли асрҳо бисёр мавридҳое буданд, ки ҷамоатҳо ҳангоми ба таъқибот дучор шудан зудтар нашъунамо мекарданд.

**Шумо бояд аз Худо дар бораи кадом сифатҳо пурсед, то ки Ӯ ба шумо ёрӣ расонад, ки дар имон, муҳаббат, умед нашъунамо кунед?**

**5. Ман инро ба кӣ расонда метавонам?** [8]

## Вазифаи хонагӣ

Дар ин ҳафта тамоми номаро бори дигар хонед. Пас аз ҳар боб ба худ ин панҷ саволро диҳед.

# Ҷавобҳо

1 – Ҳамагӣ ду ҳафта (3 шанбе).
2 – 1) Павлус бояд шахси хуб будани худро исбот мекард, зеро баъзе беимонон дар бораи ӯ суханони бад мегуфтанд (2:1–3:10). Агар имондорон ба хулосае меомаданд, ки ӯ шахси хуб нест, ба он чи ӯ ки ба онҳо таълим медод, бовар намекарданд.
2) Павлус мехост имондоронеро, ки барои имонашон таъқиб мешуданд, рӯҳбаланд кунад
3) Павлус ба онҳо ёдрас мекард, ки ҳаёти муқаддас дошта бошанд (4:1–12; 5:12–22).
4) Павлус мехост имондорон фаҳманд, ки ҳангоми мурдан чӣ ҳодиса рӯй медиҳад ва ҳангоме ки Исо бармегардад, чӣ мешавад.
3 – 1) Ин порча ба мо дар бораи Худо (Падар, Писар ва Рӯҳулқудс) чӣ мегӯяд?
2) Ин порча ба мо дар бораи одамон чӣ мегӯяд?
3) Оё фармоне барои итоат кардан, огоҳкунӣ ва ё ибрате барои пайравӣ карданамон ҳаст?
4) Худо аз ин порча ба мо чиро таълим медиҳад?
5) Ман инро ба кӣ расонда метавонам?
4 – Худо онҳоро дӯст медорад (ояти 4).
Худо онҳоро интихоб намуд (ояти 4).
Маҳз Рӯҳулқудс ба одамон қобилияти ба назди Худо омаданро медиҳад (ояти 5).
Рӯҳулқудс ба мо дар байни азобҳо хурсандӣ медиҳад (ояти 6).
Ӯ Худои ҳақиқӣ ва зинда аст (ояти 9).
Ӯ Исоро аз мурдаҳо зинда кард (ояти 10).
Исо бармегардад (ояти 10).
Исо моро аз ғазаби Худо наҷот медиҳад (ояти 10).
5 – Мо дар бораи аъмоли имони онҳо, дар бораи коре, ки онҳо аз рӯи муҳаббат анҷом додаанд ва дар бораи сабри онҳо, ки аз умеди Исои Худованд илҳом гирифта шудааст, меомӯзем (ояти 3).
Чунон ки онҳо ба Павлус, Сило ва Тимотиюс тақлид мекарданд, ҳоло дигар имондорон ба онҳо тақлид мекарданд. (оятҳои 1, 6–7).
Ҳама дар бораи имони онҳо шунида буданд, чунки онҳо Хушхабарро бо хушнудӣ қабул кардад, агарчи лозим омад, ки бисёр азоб кашанд (ояти 8).
Онҳо як вақтҳо бутҳоро парастиш мекарданд, аммо акнун Худои зинда ва ҳақиқиро парастиш мекунанд (ояти 9).
6 – Павлус ҳамеша Худоро барои имондорони ин шаҳр шукр мегӯяд (ояти 2).
Доимо дар ҳаққи онҳо дуо мекунад (ояти 2).
Имондорон намунаи хубе буданд: корашон аз имон, меҳнаташон дар муҳаббат ва устувории онҳо аз умед илҳом меёфт (ояти 3).
Онҳо дар азобҳо хурсандӣ мекарданд. Инҳо намунаҳои хубе буданд, ки дигар имондорон метавонанд ба онҳо тақлид кунанд (ояти 6).
Барои онҳо он чиз аз ҳама муҳим буд, ки Исо ба зудӣ бозмеояд, то ки ҷаҳонро доварӣ кунад (ояти 10).
7 – Бигзор ҳар кас ҷавоби худро диҳад.
8 – Номи шахсеро, ки ба ӯ расондан мехоҳед, қайд кунед. Барои якдигар дуо кунед, то ин корро бомуваффақият анҷом диҳед.

Дарси 36:

# Бозгашти Исо ва Рӯзи доварӣ



## Бозгашти Исо

Дар бораи бозгашти Исои Худованд дар бисёр ҷойҳои Аҳди Ҷадид навишта шудааст.

Ӯ моро ба хона мебарад! Ниҳоят, Худо ҳамаи ваъдаҳояшро, ки ба Иброҳим дода буд, иҷро мекунад!

Дар Ҳастӣ 12:1–7 Худо ба Иброҳим чӣ ваъдаҳо дода буд? [1]

**Халқи** Худо дар **ҷаҳони** нави олидараҷа зиндагӣ хоҳад кард, ки дар он мо аз он чи тасаввур карда метавонем, **баракати** бештар ба даст меоварем!

Биёед **Матто 24:1–44**-ро хонем, то дар бораи вақти пеш аз бозгашти Исо фаҳмем.

Ояти 6–8 чӣ гуфт? [2]

Исо дар ояти 14 чӣ гуфт? [3]

### *Ба таври иловагӣ:*

**Ояти 15–21:** *«Шумо дар ҷойи муқаддас ҳамон харобазори нафратангезеро мебинед, ки Дониёл пайғамбар дар бораашi пешгӯӣ карда буд ба ин диққат диҳед».*

Ин дар бораи пешгӯии Дониёл дар бораи замони даҳшатнок сухан меронад, ки ибодатгоҳ барои қурбониҳои даҳшатнок истифода мешавад ва он гоҳ доварӣ хоҳад буд (Дониёл 9:27; 11:31; 12:11).

Дар соли 167 пеш аз милод ҳокими юнонӣ Антиох Эпифан дар ибодатгоҳи Уршалим ба худои дурӯғин қурбониҳои нопок овард. Он гоҳ яҳудиён шӯриш бардоштанд.

Аммо Исо ин ибораро барои пешгӯӣ намудани ду воқеа ба кор мебарад:

1. Ибодатгоҳ вайрон карда мешавад. Ин дар соли 70-уми милодӣ рӯй дод ва барои яҳудиён даҳшатноктарин фалокат шуд. Аммо мо медонем, ки Худо барои бахшидани халқи худ дигар ба ибодатгоҳ ва қурбониҳои он эҳтиёҷ надошт. Чаро? [4]

2. Исо ҳамчунин дар бораи бозгашти Худ мегӯяд. Халқи Худо пеш аз бозгашти Ӯ зиддияти даҳшатоварро аз сар мегузаронад.

Исо дар оятҳои 15–20 дар бораи кадом ду воқеа мегӯяд? [5]

Пеш аз омадани дуюми Исо вазъият чӣ гуна мешавад (**ояти 21**)? [6]

Исо аз китоби Ишаъё иқтибос меоварад. Ӯ чӣ гуфт (**ояти 29–30**)? [7]

Кӣ мефаҳмад, ки Исо бозгаштааст (**ояти 30**)? [8]

Ҳангоме ки дар ин ҷаҳон, масалан, заминҷунбӣ мешавад, бисёр одамон дар ин бора аз ахбор ба воситаи телевизор ё телефон мефаҳманд. Аммо баъзе одамон дар бораи воқеа хабар надоранд. Ҳангоме ки Исо бозмеояд, ҳамаи одамон фавран аз ин бохабар мешаванд. Касоне ки хобидаанд, бедор мешаванд. Касе боқӣ намемонад, ки аз ин бохабар нашуда бошад.

Чаро Исо фариштаҳои Худро мефиристад (**ояти 31**)? [9]

Чӣ нобуд карда мешавад, ва чӣ абадӣ аст (**ояти 35**)? [10]

Кӣ вақти бозгашти Исоро медонад (**ояти 36**)? [11]

Ҳангоме ки Исо дар рӯи замин одам буд, Ӯ ҳама чизро намедонист. Ӯ намедонист, ки кай бозмеояд. Агар одамон гӯянд, ки вақти бозгашти Исоро медонанд, ба онҳо бовар кардан лозим нест. Дар давоми асрҳо баъзе одамон кӯшиш мекарданд вақти бозгашти Исоро пешгӯӣ кунанд. Ҳеҷ кас ҳақ набуд! Худо, Падари комили Осмонии мо, медонад, ки ин кай рӯй медиҳад. Мо бояд ба Ӯ бовар кунем!

Ҳангоме ки Нӯҳ ба одамон дар бораи тӯфон хабар дод, онҳо чӣ карданд (**ояти 37–39**)? [12]

Бо онҳо чӣ рӯй дод? [13]

Одамони ҳозира аз кадом ҷиҳат ба одамони замони Нӯҳ монанд ҳастанд? [14]

Ин оятҳо дар бораи бозгашти Исо чӣ мегӯянд (**ояти 42–43**)? [15]

Шумо бояд чӣ кунед (**ояти 44**)? [16]

# Рӯзи Доварӣ

Исо ин масалро барои он гуфт, то ки мо Рӯзи довариро фаҳмем.

**Матто 25:31–46**-ро хонед.

Исо ҳамаи одамонро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад. Исо онҳоро бо кадом ҳайвонҳо монанд мекунад? [17]

Кадом гурӯҳро Исо ба Подшоҳии Худ даъват мекунад? [18]

Гӯсфандон киҳоянд? [19]

Исо моро чӣ гуна доварӣ мекунад? [20]

Мувофиқи Юҳанно 3:16, кӣ ҳаёти абадӣ ба даст меоварад? [21]

Оё онҳо ба якдигар мухолифанд? [22]

- Ҳамаи мо гуноҳ кардаем. Аммо бо марҳамати Худо, Масеҳ музди гуноҳҳои моро пардохт намуд, ва мо бахшида шудем. Ҳамин тавр мо дар назди Худо сафед шудем (Румиён 3:23–24)!
- Мувофиқи ташбеҳи Исо мо ҳама «буз» ҳастем, аммо Худо моро бахшид ва ба «гӯсфандон» табдил дод. Чӣ Худои аҷибе дорем!
- Ҳангоме ки Исо моро наҷот медиҳад, Ӯ дилҳои моро дигар мекунад, то ки мо ба халқи Ӯ хизмат карданро дӯст дорем.
- Амалҳои мо нишон медиҳад, ки оё мо воқеан ба Исо имон дорем ё не. Мо буз ҳастем ё гӯсфанд?

**Амалҳоятон дар бораи шумо чӣ мегӯянд? Шумо «буз» ҳастед ё «гӯсфанд»?**

Матто ва Юҳанно ҳам фаҳмиданд, ки рафтори мо далели имони мост. Ҳар ду навиштаанд, ки агар мо ба Исо имон оварем, мо бояд одамоне бошем, ки корҳои нек мекунанд. Юҳанно на танҳо 3:16, балки **Юҳанно 5:28–29**-ро низ навишт. Дар ин оятҳо бо касоне, ки некӣ мекунанд, чӣ мешавад? [23]

Бо касоне, ки бадӣ мекунанд, чӣ мешавад? [24]

## Осмонҳо ва дӯзах

Мо мебинем, ки дар Матто 25:31–46 ду ҷои гуногун ҳастанд: осмонҳо ва дӯзах.

Исо дар ояти 34 ба касоне, ки барои Ӯ зиндагӣ мекарданд, чӣ мегӯяд? [25]

Инҳо олитарин суханоне ҳастанд, ки мо ягон вақт мешунавем!

Худо Подшоҳии Худро тайёр кардааст, то ки бо Ӯ то абад аз ҳаёт лаззат барем (Ваҳй 21:3–4).

Агар мо ба Исо имон оварем ва ба Ӯ итоат кунем, Худо моро ба таври фаровон баракат медиҳад.

Исо дар ояти 41 ба онҳое ки барои худ зиндагӣ мекарданд ва бар зидди Худо меҷангиданд, чӣ хоҳад гуфт. [26]

Инҳо даҳшатноктарин суханоне ҳастанд, ки одам шунида метавонад. Худо касонеро, ки беитоатӣ мекунанд, ҷазо медиҳад.

Онҳо ҳамроҳи шайтон ва рӯҳҳои бад абадан аз Худо ҷудо карда мешаванд. Ин ҷои марги абадӣ хоҳад буд.

## Боварӣ

**1 Юҳанно 4:15–18**-ро хонед.

Кӣ ба мо ёрӣ мерасонад, ки Рӯзи Довариро дилпурона интизор шавем? [27]

Бузургтарин далели он, ки Худо дар мо зиндагӣ мекунад, кадом аст (**ояти 16–17**). [28]

## Дар ҳаёти мо кадом далелҳо нишондиҳандаи он ҳастанд, ки Худо дар мо зиндагӣ мекунад?

# То чӣ андоза мо Исоро дӯст медорем ва ба Ӯ итоат мекунем?

## Саволҳо барои санҷиши худ

**Дар хона:**
Оё мо тамоми кори аз дастамон меомадаро мекунем, то дар оилаамон якдигарро дӯст дорем ва дастгирӣ кунем?
Оё мо аз онҳое, ки ба мо хизмат мекунанд (пухтан, тоза кардан, либосшӯӣ ва ғайра) миннатдор ҳастем?
Оё ҳангоме ки мо касеро мӯҳтоҷи ёрӣ мебинем, ба ёрӣ мешитобем?

**Дар ҷои кор:**
Мо чӣ гуна кор мекунем? Оё мо корамонро бо дили нохоҳам мекунем? Оё мо ҳарчи кам ва ҳарчи зудтар кор мекунем? Ё мо хурсандона кор карда, тамоми кори аз дастамон меомадагиро мекунем, то ки ба Исо ва сардорамон писанд ояд.

**Дар ҷамъомад:**
Оё мо роҳбаронро рӯҳбаланд мекунем, дар ҳаққи онҳо дуо мегӯем ва эҳтиром мекунем?
Оё мо дар охири вохӯрӣ ба дигарон хизмат мекунем ва рӯбучин мекунем?
Оё ҳангоме ки касе ба ёрӣ эҳтиёҷ дорад, мо ёрӣ додан намехоҳем? Ё мегӯем, ки «ин мушкилии ман нест, бигзор мушкилии худро худашон ҳал кунанд»?

**Дӯстӣ:**
Мо дар бораи дигар одамон чӣ гуна гап мезанем; мо дар бораи онҳо хуб гап мезанем ё бад?
Қоида ин аст: агар ин суханонро, ки дар назди шахсе, ки дар бораш мегӯед, гуфтан нахоҳед, тамоман нагӯед.
Оё мо барои касоне, ки моро ранҷондаанд ва чизе гуфтаанд, ки ба мо маъқул набуд, дуо мекунем?
Агар мо бо касе дар низоъ бошем, оё ҳама кори аз дастамон меомадагиро мекунем, то ки бо вай оштӣ шавем?

**Дар хусуси кадом соҳаҳои ҳаёти худ бояд аз Исо хоҳиш кунед, то ёрӣ расонад, ки дар онҳо дигаргун шавед?**

# Даъват

Ба бозомадани Исо тайёр будан чӣ гуна аст? Чӣ тавр мо ба бозомадани Исо тайёр шуда метавонем? [29]

### Худо ба воситаи маводи ин дарс шуморо ба чӣ даъват менамояд?

# Ҷавобҳо

1 – Мардум, замин ва баракат.
2 – Мушкилиҳо доимо ҳастанд, аммо ин маънои онро надорад, ки охири замон ба зудӣ фаро мерасад.
3 – Хушхабар дар тамоми ҷаҳон эълон карда мешавад ва фақат ҳамон вақт Исо бозмеояд.
4 – Марги Исо ягона қурбонӣ барои гуноҳҳои мо буд!
5 – Ибодатгоҳ вайрон карда мешавад. Пеш аз бозгашти Исо ба халқи Худо лозим меояд, ки зиддияти даҳшатнокро аз сар гузаронанд.
6 – Замонҳои хеле душвор мешаванд.
7 – Ҳангоме ки дар осмон ягон чизи даҳшатнок рӯй медиҳад, ин аломати бозгашти Исо мешавад.
8 – Ҳамин аст!
9 – Тамоми халқи Худро ҷамъ карда, онҳоро ба хона мебарад.
10 – Чизҳо абадӣ нестанд! Аммо суханони Исо абадӣ мебошанд! Суханони Исо дурустанд ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд.
11 – Фақат Худо.
12 – Онҳо чун пештара зиндагӣ мекарданд. Онҳо мувофиқи хосташон зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба Худо беитоатӣ мекарданд. Онҳо боварӣ доштанд, ки ҳаёт ҳамеша давом мекунад.
13 – Худо онҳоро маҳкум кард ва онҳо дар вақти тӯфон ҳалок шуданд.
14 – Одамон чун пештара зиндагиро давом медиҳанд. Онҳо мувофиқи хосташон зиндагӣ мекунанд. Онҳо ба Худо гӯш намедиҳанд. Онҳо боварӣ доранд, ки ҳаёт ҳамеша давом мекунад.
15 – Ногаҳон ва ғайричашмдошт мешавад.
16 – Мо бояд ба бозгашти Исо тайёр бошем.
17 – Гӯсфанд ва буз.
18 – Гӯсфанд.
19 – Касоне, ки корҳои шоиста мекунанд.
20 – Исо моро мувофиқи корҳои кардаамон доварӣ мекунад.
21 – Ҳамаи онҳое, ки ба Исо имон доранд.
22 – Не.
23 – Онҳо ҳаёти абадӣ ба даст меоваранд.
24 – Онҳо маҳкум карда мешаванд.
25 – *Эй баракатёфтагони Падари Ман! Биёед ва дар Подшоҳии Худо, ки аз офариниш бароятон тайёр гардидааст, ҳаловат баред.*
26 – *Аз пеши назарам дафъ шавед, лаънатиҳо! Ба оташи абадие, ки барои шайтон ва фариштаҳои вай тайёр шуда буд, дароед!*
27 – Агар мо Исоро чун Писари Худо эътироф кунем ва ба Ӯ имон оварем, Худо дар мо зиндагӣ мекунад ва ба мо имкон медиҳад, ки Рӯзи довариро дилпурона интизор шавем.
28 – Муҳаббати мо ба Худо ва ба ҳамдигар.
29 – Мо бояд ҳар рӯз чун рӯзи охирини пеш аз бозгашти Исо зиндагӣ кунем.
Аз Худо талаб кунем, ки гуноҳамонро ба мо нишон диҳад, то тавба кунем.
Аз Худо хоҳиш кунем, то ба мо нишон диҳад, ки оё касе ҳаст, ки бояд бахшед.
Ба дӯстону хешовандон имкон диҳед, ки дар бораи Исо шунаванд.

Дарси 37:

# **Ваҳй** (Қисми 1)



Мо китоби Ваҳйро дар ду қисм меомӯзем. Дар қисми аввал мо баъзе фикрҳои китобро дида мебароем ва дар қисми дуюм порчаеро аз ин китоб меомӯзем.

## Рӯҳбаландкунӣ

Вақте ки Юҳанно китоби Ваҳйро менавишт, бисёр имондорон барои имонашон ба Исо мемурданд. Шоҳаншоҳи Рум мехост, ки одамон ба Ӯ саҷда кунанд, аммо имондорон ин корро намекарданд.

Ваҳй барои он навишта шуда буд, ки имондоронро рӯҳбаланд кунад ва ба онҳо ёдрас кунад, ки:

- Исо Подшоҳи ҳақиқӣ аст, ки бар ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад!
- Шояд шайтон қавӣ ва бадхашм бошад, аммо ҳангоме ки Исо аз мурдагон эҳё шуд, вай шикаст хӯрд.
- Ба зудӣ Исо бармегардад, то ки ҷаҳонро доварӣ кунад ва шайтонро бо ҳамаи душманони Исо ба дӯзах мефиристад!
- Ҳамаи онҳое, ки ба Исо имон доранд, абадан дар замини нав хоҳанд зист!

Чаро ба одамоне, ки Юҳанно барои онҳо менавишт, рӯҳбаланд кардан даркор буд? [1]

Худо ба имондорони он замон ва ба мо дар ин китоб чиро ёдрас карданӣ буд? [2]

1.

2.

3.

4.

Мо кай ба рӯҳбаландӣ эҳтиёҷ дорем? [3]

Худо ба мо дар ин китоб чиро ёдрас карданӣ буд? [4]

# Руъё

Китоби Ваҳй аз дигар китобҳои Навиштаи Муқаддас хеле фарқ дорад. Ин руъёе аст, ки Худо ба Юҳанно додааст. Дар руъё ӯ чизҳои ҳайратоварро мебинад ва мешунавад: онҳо рамзҳое мебошанд, ки маънои худро доранд. Ин таърих нест. Ин ба китоби Аъмоли Расулон монанд нест. Ҳангоме ки мо ягон чизи нофаҳморо мехонем, мо бояд аз худ пурсем: «Ин чӣ маъно дорад?»

Дар Аҳди Қадим мо ҷойҳоеро меёбем, ки ба пайғамбарон руъёҳо дода шуда буданд. Руъёҳои онҳо муҳим буданд. Масалан, баъзе порчаҳо аз китобҳои пайғамбарони Дониёл, Ҳизқиёл ва Закарё.

Ҳамаи тасвирҳоеро, ки дар Ваҳй мебинем, мо дар Аҳди Қадим пайдо мекунем. Аҳди Қадим ба мо ёрӣ мерасонад, ки на танҳо китоби Ваҳй, балки тамоми китобҳои Аҳди Ҷадидро фаҳмем!

Ин китоб аз дигар китобҳои Навиштаи Муқаддас чӣ фарқ дорад? [5]

Кадом пайғамбарон дар Аҳди Қадим ҳамчунин руъёҳо дида буданд, ки дар онҳо воқеаҳо ва чизҳоеро медиданд, ки маънои махсус доранд? [6]

Биёед, баъзе рамзҳоро дар китоби Ваҳй аз назар мегузаронем:

# Аждаҳоён ва шохҳо

Юҳанно дар **Ваҳй 12:3** кадом ҳайвонро дид? [7]

Аждаҳо кадом хусусиятҳо дорад? [8]



Аждаҳо рамзи кист? [9]

Ӯ чанд шох дорад? [10]

Биёед мебинем, ки дар кучҷои Аҳди Қадим мо ҳайвони даҳшатнокеро мебинем, ки 10 шох дорад.

Дониёл дар **Дониёл 7:7** чиро дид? [11]

Дар **Дониёл 7:24** фаҳмонда мешавад, ки ин ҳайвон чиро ифода мекунад.

Даҳ шох чӣ маъно доранд? [12]

Дар паси ҳар як қудрати сиёсии бад шайтон аст. Кадом мисолҳоро шумо дар бораи ин ба ёд оварда метавонед? [13]




## Ададҳо

Дар китоби Ваҳй мо ададҳои зиёдеро мебинем, ки маънои худро доранд. Онҳо ададҳои ҳақиқӣ нестанд — онҳо рамзҳо мебошанд.

Биёед баъзе ададҳоеро, ки дар китоби Ваҳй мебинем, аз назар гузаронем.

### Адади 7




**Ҳастӣ 2:2**-ро хонед. Ба фикри шумо адади 7 чӣ маъно дорад? [14]

**Ваҳй 1:11**-ро хонед. Исо чӣ кор карданро ба Юҳанно фармуд? [15]

Ҳамин тавр, ин маънои онро дорад, ки Ваҳй паёме буд, ки барои ҳамаи ҷамоатҳои имондорони онвақта ва ҳозира навишта шудааст!

Гоҳо мо бояд бо математика машғул шавем!

**Ваҳй 12:6**-ро хонед. Зан ҷамоати имондоронро ифода менамояд.

То ба кай Худо дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ мекунад? [16]

Ин чанд моҳ аст? [17]

Ин чанд сол аст? [18]

Агар ҳафт сол маънои абадиятро дошта бошад, пас сеюним сол — нисфи ҳафтсола аст — яъне замони мо дар биёбон абадан давом намекунад!

## Адади 6



Адади 6 чӣ маъно дорад? Оё ин бо адади 7 ҳамон як чизро ифода мекунад? [19]

Шаш маънои «на ҳафт»-ро дорад — адади нокомилӣ, яъне ҳамчунин бадӣ.

Шайтон ба Худо тақлид карданро дӯст медорад. Гоҳо чунин метобад, ки шаш ба «ҳафт» хеле наздик аст ва мо метавонем ба хулосае оем, ки он «ҳафт» аст, аммо он ҳафт нест, балки шаш аст. Шайтон дӯст медорад, ки моро фиреб диҳад, то ки на ба Худо, балки ба ӯ итоат кунем.

Чӣ тавр мо фарқ карда метавонем, ки чӣ аз ҷониби Худост ва чӣ не? [20]

Агар яҳудиён чизеро таъкид кардан мехостанд, онро се бор такрор мекарданд.

Сорофиён дар **Ишаъё 6:3** Худоро чӣ гуна тасвир менамуданд? [21]

Онҳо мегуфтанд, ки Худо аз ҳамаи ҷиҳатҳо қуддус аст.

Агар 7 адади комил буданро ифода кунад, ва агар мо ба Худо адад медодем, мо ба Ӯ адади 777-ро медодем, чунки Ӯ комилан комил аст.

Аммо шайтон фиреб додани моро дӯст медорад. Ӯ ҳеҷ гоҳ хуб нест. Вай комилан бад аст. Ӯ наметавонад монанди Худо шавад. Вай дар **Ваҳй 13:18** кадом ададро мегирад? [22]

Ин чӣ маъно дорад? [23]

## Адади 10

Ҳангоме ки Юҳанно дар бораи фосилаҳои замонӣ сухан мегӯяд, даҳ рӯз кам аст, аммо ҳазор сол — хеле тӯлонӣ. Масалан:

**Ваҳй 2:10**-ро хонед. Таъқиби онҳо чанд муддат давом мекунад? [24]

Ин фосилаи кӯтоҳи вақт аст.



**Ваҳй 20:1–6**-ро хонед.

Шайтон то кай дар банд аст? [25]

Имондорон бо Исо то ба кай ҳукмронӣ хоҳанд кард? [26]

Ҳазор сол як давраи дуру дароз аст. Ин давраи байни омадани якум ва дуюми Исо (байни эҳёи Ӯ ва бозгашти Ӯ барои доварӣ бар ҷаҳон) аст. Мо дар ин давра зиндагӣ мекунем! Исо бар калисои Худ ҳукмронӣ мекунад ва онро бунёд менамояд. Шайтон банд аст ва ба андозаи мехостааш зарар расонда наметавонад.

Пас аз муддате ӯ барои корҳои даҳшатнок озод мешавад, ва он гоҳ Исо бармегардад.

Даҳ рӯз чиро ифода менамояд? [27]

Ҳазор сол чиро ифода мекунад? [28]

Як масъалаи калоне, ки масеҳиён имрӯз дар он бо ҳам ихтилоф доранд, чӣ тавр фаҳмидани оятҳои Ваҳй 20:1–6 аст.

Биёед ба ёд оварем, ки:

Дар Ваҳй рамзҳои зиёде ҳастанд, ва яке аз онҳо «1 000 сол» аст;

Агар чизе муҳим бошад, Худо дар Китоби Муқаддас борҳо дар бораи он сухан мегӯяд;

Мо бояд ба он чи дар Китоби Муқаддас равшан аст, диққат диҳем: Исо барои гуноҳҳои мо мурд, Ӯ аз мурдагон эҳё шуд, Ӯ ҳамчун Довари ҷаҳон бармегардад ва он гоҳ ҳамаи онҳое, ки барои Ӯ зиндагӣ мекарданд, то абад бо Ӯ дар Офариниши Нави олидараҷа зиндагӣ мекунанд;

Мо бояд эҳтиёт бошем, то ба он чи Китоби Муқаддас дар бораи ба охир расидани ҷаҳон возеҳан ва такрор ба такрор мегӯяд, чизе илова накунем.

Ва мо низ бояд онҳоеро, ки бо мо розӣ нестанд, дӯст дорем!

Ҳангоме ки пайравони Масеҳ бо мо ҳамфикр нестанд, мо чиро бояд дар ёд дорем? [29]

1.

2.

3.

4.

5.

## Адади 12



**Хуруҷ 24:4**-ро хонед. Дар Исроил чанд қабила буд? [30]

**Луқо 6:13**-ро хонед. Исо барои худ чанд расул (ҳавворӣ) интихоб кард? [31]

Ба фикри шумо рақами 12 чӣ маъно дорад? [32]

**Ваҳй 21:12–14**-ро хонед — Ин тасвири Уршалими Нав аст.

Уршалими Нав чанд дарвоза хоҳад дошт? [33]

Чанд фаришта бар дарвозаҳо хоҳанд буд? [34]

Девори он чанд таҳкурсӣ дорад? [35]

Ин шаҳри комил ва бехатар аст! Боз андаке математика!

12x12 ба чӣ баробар аст? [36]

144 x 1 000 ба чӣ баробар аст? [37]

**Ваҳй 7:4**-ро хонед.

Чӣ қадар одамон бо Исо дар осмон хоҳанд буд? [38]

Ин адади пурраи имондорон («12») аст, ки ба адади пурраи имондорон («12»), ва ба шумораи хеле зиёд, ки барои шумо್ридан беҳад зиёд аст (1 000), зарб зада шудааст.

12 x 12 x 1 000 = 144 000

144 000 чӣ маъно дорад? [39]

Дар хонаи Падар барои ҳамаи имондорон ҷой ҳаст! Ба касоне, ки мегӯянд, ки ин ҷой танҳо барои интихобшудаҳо аст, бовар накунед.

Ҳамаи ададҳо дар китоби Ваҳй — рамзҳо мебошанд, онҳоро ба таври таҳтуллафзӣ фаҳмидан даркор нест. Мо бояд аз худ пурсем, ки Худо ба воситаи ин ададҳо ба мо чӣ гуфтан мехоҳад.

Юҳанно китоби Ваҳйро барои чӣ навишт? [40]

## Оят барои аз ёд кардан



Инак ваъдаи олидараҷа, ки Исо ба калисо дода буд. Ин аст сухани Исо ба халқи Худ. Ӯ дар паҳлӯи мо истодааст! Ӯ моро ба муоширати наздик бо Худ даъват мекунад!

**Ваҳй 3:20:** *«Инак, назди дар истода тақ-тақ мекунам! Касе овози Маро шунида, дарро кушояд, даромада, бо ӯ хӯрок мехӯрам ва ӯ бо Ман».*

## *Иловагӣ:* Санҷиши рақамҳо



Рақами 7 чиро ифода мекунад? [41]

Рақами 6 чиро ифода мекунад? [42]

10 рӯз чиро ифода мекунад? [43]

Рақами 12 чиро ифода мекунад? [44]

**Чӣ тавр шумо шахсеро, ки барои имон ба Исо таъқиб мешавад, рӯҳбаланд карда метавонед?**

**Кадом фикри китоби Ваҳйро шумо ба онҳо расонда метавонед?**

# Ҷавобҳо

1 – Чунки бисёре аз имондорон барои имонашон ба Исо мемурданд.
2 – 1) Исо Подшоҳи ҳақиқӣ аст, ки дар ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад!
2) Шайтон метавонад қавӣ ва бад бошад, аммо вақте ки Исо аз мурдагон эҳё шуд, вай мағлуб шуд.
3) Ба наздикӣ Исо меояд, то ҷаҳонро доварӣ кунад ва шайтон ва ҳамаи душманони Исоро ба дӯзах фиристад!
4) Ҳамаи онҳое, ки ба Исо имон доранд, то абад дар замини нави аҷиб зиндагӣ хоҳанд кард!
3 – Ҳар рӯз!
4 – Исо Подшоҳи ҳақиқӣ аст, ки дар ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад!
Шайтон метавонад қавӣ ва бад бошад, аммо вақте ки Исо аз мурдагон эҳё шуд, вай мағлуб шуд.
Ба наздикӣ Исо меояд, то ҷаҳонро доварӣ кунад ва шайтон ва ҳамаи душманони Исоро ба дӯзах фиристад!
5 – Ин руъёест, ки Худо ба Юҳанно додааст. Ин ҳикоя нест!
6 – Дониёл, Ҳизқиёл ва Закарё.
7 – Вай аждаҳои сурхро дид.
8 – Хашмгин ва хатарнок.
9 – Шайтон.
10 – Даҳ шох.
11 – Вай ҳайвони даҳшатнокеро дид, ки даҳ шох дорад.

12 – Даҳ подшоҳ.
13 – Ҳитлер, Сталин, ДОИШ, Толибон.
14 – Худованд дунёро дар шаш рӯз офарид ва дар рӯзи ҳафтум ором гирифт. Ҳафт маънои «комил» ё «пурра»-ро дорад. Ҳафт рақами беҳтарин дар Китоби Муқаддас аст.
15 – Ба ҳафт калисо нома навиштан.
16 – 1 260 рӯз.
17 – 42 моҳ (1 260:30 = 42).
18 – Сеюним сол (42:12 = 3,5).
19 – Не.
20 – Ҳар қадар мо каломи Худоро хонем, ҳамон қадар мо ҳақиқатро аз дурӯғ фарқ карда метавонем.
21 – Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст.
22 – 666.
23 – Ӯ комилан бад аст.
24 – 10 рӯз.
25 – 1 000 сол.
26 – 1 000 сол.
27 – Вақти кӯтоҳ.
28 – Муддати хеле зиёд.
29 – 1) Дар Ваҳй рамзҳои зиёде мавҷуданд ва «1 000 сол» яке аз онҳост.
2) Агар ин муҳим бошад, Худо инро дар Навиштаҳо борҳо мегӯяд.
3) Мо бояд ба он чи дар Китоби Муқаддас равшан аст, диққат диҳем: Исо барои гуноҳҳои мо мурд, Ӯ аз мурдагон эҳё шуд, Ӯ ҳамчун Довари ҷаҳон бозмеояд ва он гоҳ ҳамаи онҳое, ки барои Ӯ зиндагӣ мекарданд, то абад бо Ӯ дар Офариниши Нави олидараҷа зиндагӣ мекунанд.
4) Мо бояд эҳтиёт бошем, то ба он чи дар Китоби Муқаддас возеҳан ва такрор ба такрор дар бораи ба охир расидани ҷаҳон гуфта мешавад, чизе илова накунем.
5) Ва мо ҳамчунин бояд онҳоеро, ки бо мо мухолифат доранд, дӯст дорем!
30 – 12.
31 – 12.
32 – Шумораи пурра ё комил — ягонтоаш гум нашудааст.
33 – 12.
34 – 12.
35 – 12.
36 – 144.
37 – 144 000.
38 – 144 000.
39 – Ин адад шумораи умумии имондоронро ифода мекунад. Ин маънои ҳамаи имондоронро дорад, ки ягон вақт буданд, ки ҳоло ҳастанд ва баъд аз мо хоҳанд буд.
40 – Ӯ ин китобро навишт, то калисоро, ки гирифтори таъқиби сахт буданд, рӯҳбаланд кунад.
41 – «Комил» ё «пурра».
42 – Бад.
43 – Вақти кӯтоҳ.
44 – Шумораи пурра ё пуррагӣ.

# Дарси 38:

# **Китоби Ваҳӣ** (Қисми 2)



Биёед порчаеро аз боби якуми китоби Ваҳӣ аз назар мегузаронем.

**Ваҳӣ 1:12–18**-ро хонед.

Дар **ояти 12** Ҳафт чароғ чӣ маъно дорад (нигаред ба ояти 20)? [1]

Исо дар **Юҳанно 8:12** худро кӣ меномид? [2]

Нур чӣ кор мекунад? [3]

Исроилиён аз куҷо медонистанд, ки дар биёбон ба кадом самт раванд (Хуруҷ 13:21)? [4]

**Забури 26:1** Худоро чӣ гуна тасвир менамояд? [5]

**Забури 118:105** каломи Худоро чӣ гуна тасвир мекунад? [6]

Ҳангоме ки Исо гуфт, ки Ӯ «нури ҷаҳон» аст, чиро дар назар дошт? [7]

Агар калисо чароғ бошад, пас вазифаи онҳо аз чӣ иборат аст? [8]

Исо дар **Ваҳӣ 1:13** дар куҷост? [9]

Ин чӣ маъно дорад? [10]

Исо чӣ либосе дар тан дошт? [11]

Кӣ дар **Хуруҷ 28:4** либоси дарозе бо камарбанд дошт? [12]

Дар бораи мӯйҳои Ӯ чӣ гуфта шудааст (**Ваҳй 1:14**)? [13]

Мӯйҳои сафед дар бораи чӣ мегӯянд? [14]

Ҳангоме ки Дониёл Худоро дар руъё дар Дониёл 7:9 дид, дар он ҷо мӯи Ӯ низ сафед буд.

Ин дар бораи Худо чӣ мегӯяд? [15]

Дар **Ваҳй 1:14** дар бораи чашмони Исо чӣ навишта шудааст? [16]

Оё тахмин карда метавонед, ки ин чӣ маъно дорад? [17]

Дар бораи пойҳои Исо чӣ навишта шудааст (**Ваҳй 1:15**)? [18]

Мис металли сахт ва дурахшон аст. Дар замонҳои пеш мисро сайқал дода, ҳамчун оина истифода мебурданд. Оё фаҳмида метавонед, ки мис чиро ифода мекунад? [19]

Дониёл дар руъё марди даҳшатнокеро дид, ки чашмонаш дурахшанда ва дасту пойҳояш чун миси дурахшон буданд (Дониёл 10:6).

Дар **Ваҳй 1:15** оид ба овози Исо чӣ навишта шудааст? [20]

Оё тахмин карда метавонед, ки ин чӣ маъно дорад? [21]

Ҳизқиёл ҳамон гуна садоро дар руъёи худ дар Ҳизқиёл 43:2 шунид.

Дар дасти рости Исо чӣ буд (**Ваҳй 1:16**)? [22]

Ин чӣ маъно дорад (**Ваҳй 1:20**)? [23]

Исо бар ҳамаи фариштаҳо қудрати пурра дорад!

Фариштаҳо чӣ кор мекунанд? **Ибриён 1:14**-ро хонед. [24]

Дар **Ваҳй 1:16** аз даҳони Исо чӣ мебарояд? [25]

Ин чӣ маъно дорад? **Ишаъё 11:4**-ро хонед (пешгӯӣ дар бораи Масеҳ). [26]

Дар бораи чеҳраи Ӯ чӣ навишта шудааст? [27]

Чеҳраи Исо кай дар китобҳои Инҷил медурахшид? **Матто 17:1–2**-ро хонед. [28]

Ин чиро нишон медиҳад? [29]

Исо ба Юҳанно чӣ мегӯяд (**Ваҳй 1:17**)? [30]

Чанд бор дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «Натарс!»? [31]

Як бор барои ҳар рӯзи сол! Ҳар рӯз Худо мехоҳад, ки мо ба ёд оварем — мо набояд тарсем! Мо бояд фақат аз Худо тарсем!

Исо дар ин боб боз чӣ гуфт (**Ваҳй 1:17–18**)? [32]

Ин чӣ маъно дорад? [33]

## Исоро ба дӯстонатон чӣ гуна тасвир карда метавонед?

## Суханони ин бобро барои ҳамду санои Исо истифода баред.

# Ҷавобҳо

1 – Ҳафт калисо.
2 – Нури ҷаҳон.
3 – Нур ба мо имкон медиҳад, ки бинем!
4 – Худо рӯзона онҳоро дар сутуни абр ва шабона дар сутуни оташ роҳнамоӣ мекард, то роҳашонро равшан кунад.
5 – *Ӯ нури ман ва наҷоти ман аст.*
6 – *Каломи Ту чароғ аст барои пойҳоям ва нур аст барои роҳам.*
7 – Гуфт, ки Худост. Фақат Худо метавонад ба мо нишон диҳад, ки дилҳоямон чӣ гуна мебошанд ва мо бояд чӣ гуна зиндагӣ кунем.
8 – То ки нури Исо ба воситаи калисо дар ҷамоатҳои мо равшан шавад! Бигзор мардум ба воситаи мо муҳаббат ва меҳрубонии Исоро бинанд!
9 – Ӯ дар миёни чароғдонҳо буд.
10 – Исо бо мост — Ӯ моро тарк накардааст!
11 – Дар тан ҷомаи дарозе дошт, ки дар сари синааш камарбанди тилло дошт.
12 – Ин либоси саркоҳин Ҳорун буд.
13 – Мӯи сараш чун пашм ё барф сафед буд.
14 – Ин маънои онро дорад, ки одам хирад дорад — барои ҳамин дар Осиёи Миёна пиронро «мӯйсафедон» («ришсафедон») меноманд!
15 – Худо ҳикмати комил дорад.
16 – Чашмони Ӯ чун шӯълаи оташ буданд.
17 – Худо ҳама чизро медонад! Мо аз Ӯ чизеро пинҳон карда наметавонем!
18 – Пойҳои Ӯ монанди мисе мебошанд, ки дар кӯра сурх шуда бошад.
19 – Шаъну шараф, қувват ва амният.
20 – Овози Исо чун шувваси обҳои бисёр аст.
21 – Исо бо қудрат ва эътиборнокӣ сухан мегӯяд.
22 – Ҳафт ситора.
23 – Инҳо қосидон ё фариштагони ҳафт калисо мебошанд.
24 – Фариштагон ҳама вақт ба мо ёрӣ мерасонанд, ҳатто агар мо онҳоро набинем!
25 – Шамшери дудама.
26 – Исо тамоми ҷаҳонро доварӣ хоҳад кард!
27 – Чеҳрааш чун офтоби дурахшон буд.
28 – Вақте ки Исо Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро ба болои кӯҳ бурд, дар пеши назари онҳо дигаргун шуд.
29 – Ин ҷалоли Исоро нишон медиҳад.
30 – Натарсед!
31 – 365 маротиба.
32 – *Манам аввалин ва охирин ва Зинда; ва Ман мурда будам, ва инак то абад зинда ҳастам, омин; ва калидҳои дунёи мурдагон ва марг дар дасти Ман аст!*
33 – Исои Масеҳ абадӣ аст. Ӯ ҳаёти Худро ҳамчун қурбонӣ дод ва эҳё шуд. Ҳамин тавр Масеҳ маргро мағлуб кард! Ва аз ҳамин сабаб Ӯ қарор медиҳад, ки бо мо дар ин ҷаҳон чӣ рӯй медиҳад ва ояндаи абадии моро Ӯ муайян мекунад.

Дарси 39:

# Офариниши нав



## Худо ба ваъдаҳояш вафо мекунад!

Худо дар **Ҳастӣ 12:1–7** ба Иброҳим чӣ ваъдаҳо дод? [1]

Худо ваъдаҳои ба Иброҳим додаашро кай пурра иҷро мекунад? [2]

## Одамон, замин ва баракат чӣ гуна хоҳад буд?

Дар Офариниши Нав кӣ дар байни одамон хоҳад буд? Кӣ то абад бо Худо зиндагӣ хоҳад кард? **Ваҳй 7:9**-ро хонед. [3]

Замин чӣ гуна мешавад? **Ваҳй 22:1–5**-ро хонед. [4]

Худо моро чӣ гуна **баракат медиҳад**? **Ваҳй 21:3**-ро хонед. [5]

Биёед **Ваҳй 21:1–8**-ро мехонем, то ки ин се чизро хубтар фаҳмем.

## Замини нав

Ҳангоме ки Одаму Ҳавво дар Ҳастӣ 3:17–18 гуноҳ карданд, бо замин чӣ шуд? [6]



**Ваҳй 21:1:** Осмону замини аввалин чӣ мешавад? [7]

**Ваҳй 21:5:** Худо бо замини нав чӣ мекунад? [8]

Худо барои халқи Худ хонаи навро ваъда дод. Он аз замини ваъдашуда ё аз боғи Адан хеле беҳтар мешавад! Хонаи нави моро касе вайрон намекунад. Дар он шайтон ва ҳамаи душманони Худо намешаванд.

**1 Қӯринтиён 15:42–44**-ро хонед. Бадани мо чӣ гуна мешавад? [9]

Худо моро комил, бо ҷисмҳои комил, бе беморӣ ва гуноҳ мегардонад!

# Халқ



**Ваҳй 21:2**-ро хонед. Калисоро бо кадом се ибора ё калима тасвир мекунанд? [10]

Онҳо ба мо чиро таълим медиҳанд?

- **Шаҳри муқаддас** — Оё шумо ҷамъиятеро тасаввур карда метавонед, ки дар он шахси бадқасд нест ва одамон ба ҳамдигар кина надоранд?

- **Уршалими нав** — беҳтарин шаҳр аст! Дар он ҳама чиз нав аст ва ҳеҷ гоҳ кӯҳна намешавад!

  Ҳеҷ гуна ифлосӣ, партовҳо, хонаҳои кӯҳна, чуқуриҳо дар роҳравҳо, гадоён, рекламаи бардурӯғ.

  Ҳама чиз зебо, нав, тоза, ором аст ва хуб кор мекунад!

  Ҳар боре, ки чизе моро дар ин дунё ошуфта мекунад, ин аз ҷониби Худо ёдрасӣ аст, ки хонаи ҳақиқии мо дар ин замин нест — Ӯ барои мо хонаи беҳтаре тайёр мекунад!

- **Арӯсе, ки барои шавҳараш зебу зинат ёфтааст,** — ин маънои онро дорад, ки имондорон одамони зеботарин ва дӯстдортарин шудаанд!

Чӣ гуна Исо моро зебо мегардонад? **Эфсӯсиён 5:25–27**-ро хонед. [11]

Ва албатта, Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо кор мекунад, то ки моро бештар ба Исо монанд кунад.

Ин тасвирҳои калисо барои фаҳмидани он ёрӣ мерасонанд, ки он дар назари Худо арзишнок аст! Мо бояд ба якдигар чун ба бародарону хоҳарони азиз муносибат кунем. Ҳар як узви калисо арзишнок аст!

Худо дар ҳар яки мо кор мекунад, то моро бештар ба Исо монанд кунад. Аммо то даме ки мо дар роҳ ба сӯи Уршалими Нав ҳастем, бояд сабру таҳаммул кунем ва якдигарро бахшем! Мо бояд ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем, то ки ба ҳамдигар дар расидан ба Офариниши Нав ёрӣ расонем!

# Баракат



**Ваҳй 21:3**-ро хонед. Худо дар куҷост? [12]

Мо на танҳо одамони нав дар хонаи нав мешавем, балки ҳамчунин бо Худо дӯстии нав пайдо мекунем!

Агар мо ба Исо имон дошта бошем, аллакай бо Худо дӯстӣ дорем! Аммо дар офариниши нав ин хеле бештар мешавад! Ин ҳайратовар мешавад!

**Ваҳй 21:4**-ро хонед. Худо бо мо чӣ мекунад? [13]

Дар Уршалими Нав чӣ нахоҳад буд? [14]

**Ишаъё 35:10**-ро хонед. дар Уршалими Нав одамон худро чӣ гуна ҳис хоҳанд кард? [15]

**Ваҳй 21:6**-ро хонед. Исо Худро чӣ гуна тасвир мекунад? [16]

Ин чӣ маъно дорад? [17]

Исо ба мо чӣ медиҳад? [18]

Исо ба кӣ оби ҳаёт медиҳад? [19]

Аз ташнагӣ азоб кашидан чӣ маъно дорад? [20]

Нӯшидани оби ҳаёт чӣ маъно дорад? **Юҳанно 7:37–39**-ро хонед. [21]

Оё шумо ҳар рӯз оби ҳаётро менӯшед?

# Байни замони ҳозира ва охири замон

**Ваҳй 21:7**-ро хонед. «Ғолиб» чӣ маъно дорад? [22]

Кай ба Исо пайравӣ намуданро давом додан душвор аст? [23]

Мукофоти мо чӣ гуна мешавад? [24]

Ҳангоме ки мо ба хонаи нави худ ворид мешавем, он аз он чи мо тасаввур карда метавонем, беҳтар мешавад!

**Ваҳй 21:8**-ро хонед. Бо ҳамаи одамони бад чӣ рӯй медиҳад? [25]

## Даъват



Фикр кардан осон аст, ки дар ин оят сухан дар бораи дигар одамони бад меравад. Аммо ...

- Оё мо пеш аз пайравӣ ба Исо тарсро ҳис мекунем?
- Оё мо ба Ӯ бевафоӣ мекунем?
- Оё фикрҳои мо (хоҳишҳои ботинии мо Матто 5:27–29) ҳамеша пок мебошанд?
- Оё мо ҳамеша дигаронро дӯст медорем ва бо онҳо меҳрубонона гап мезанем (ҳатто дар фикрҳои худ — Матто 5:21–22)?
- Оё мо бутҳоро парастиш мекунем? Он чизе, ки мо бештар дӯст медорем, бути мост.

**Такрори Шариат 6:5**-ро хонед. Мо бояд Худоро то чӣ андоза дӯст дорем? [26]

Худо мехоҳад, ки мо Ӯро аз ҳама бештар дӯст дорем!

Аммо то даме, ки ба Офариниши Нав дохил нашавем, мо бо амалҳоямон Худоро ғамгин мекунем.

Пас, ҳангоме ки Худо ба мо гуноҳамонро нишон медиҳад, мо бояд чӣ кор кунем? [27]

Худо ҳамеша тайёр аст моро бахшад!

**Оё шумо ба Худо иҷозат медиҳед, ки шуморо бештар ба Исо монанд кунад?**

Мо имрӯз дар бораи Офариниши Нав чиро фаҳмидем? [28]

**Биёед бо ҷиду ҷаҳд меҳнат намоем, то он арӯси зебое бошем, ки Худо моро он гуна офаридааст!**

## Ҷавобҳо

1 – Одамон, замин ва баракат.
2 – Мо мебинем, ки чӣ тавр Худо иҷро кардани ин ваъдаҳоро дар давоми тамоми Китоби Муқаддас давом медиҳад. Аммо Худо ин ваъдаҳоро танҳо дар Офариниши Нав, ки Уршалими Нав низ номида мешавад, пурра иҷро мекунад.
3 – Халқи Худо аз ҳар қабила, ҳар миллат ва ҳар забон хоҳад буд!
4 – Он замини олитарин мешавад: на гуруснагӣ мешавад, на гуноҳ, на беморӣ, на марг, на торикӣ, на душворӣ, ва аз ҳеҷ чиз тарсиданамон лозим намеояд.
5 – Худо моро беш аз он чи тасаввур карда метавонем, баракат медиҳад! Офаридгори олам, ки раҳмдил ва бошафқату меҳрубон аст, худаш бо мо хоҳад зист!
6 – Худо заминро лаънат кард. Ҷаҳони мо вайрон ва шикаста аст.
7 – Онҳо ба зудӣ аз байн мераванд.
8 – Ҳама чиз!
9 – Нобуднашаванда, пурҷалол, тавоно ва рӯҳонӣ!
10 – Шаҳри муқаддас, Уршалими Нав, арӯсе, ки барои Шавҳараш зебу зинат ёфтааст.
11 – Ӯ бо мо ба воситаи каломи Худ сухан меронад, то ки гуноҳи худро фаҳмем ва аз Ӯ хоҳиш кунем, ки ба мо барои дигаргун шуданамон ёрӣ расонад.
12 – Ӯ бо халқи худ аст!
13 – Ҳар ашкро аз чашмони мо пок хоҳад кард. Ӯ тамоми дарди моро мефаҳмад. Ӯ моро тасаллӣ медиҳад.
14 – Дигар на марг хоҳад буд, на мотам, на гиря ва дард.
15 – Одамон чунон хурсанд хоҳанд буд, ки тасаввур кардан душвор аст!
16 – Алфа ва Омега, ибтидо ва анҷом.
17 – Алфа ва Омега ҳарфҳои аввал ва охирин дар алифбои юнонӣ буданд. (Аҳди Ҷадид дар ибтидо ба забони юнонӣ навишта шуда буд.) Исо дар аввали офариниши ҷаҳон дар он ҷо буд ва Исо дар охири ҷаҳон меояд.
18 – Оби ҳаёт.
19 – Ба онҳое, ки аз ташнагӣ азоб мекашанд.
20 – Ин маънои фаҳмидани онро дорад, ки мо то чӣ андоза ба Худо эҳтиёҷ дорем. Мо мефаҳмем, ки бе Худо мемирем.
21 – Ин маънои онро дорад, ки аз Исо хоҳиш кунем, ки моро бо Рӯҳулқудсаш пур кунад!
22 – Ин шахсест, ки новобаста ба воқеаҳо, дар ҳар ҳолат Исоро пайравӣ мекунад. Онҳо то охир вафодоранд.
23 – Ҳангоме ки:
- Одамон аз сабаби имонамон ба мо бадрафторӣ мекунанд.
- Одамон моро таъқиб мекунанд.
- Мо ҳис мекунем, ки дар ин зиндагӣ дар ҳеҷ кор муваффақ намешавем — ҳама чиз нодуруст пеш меравад.

24 – Мо ҳама чизро ба мерос мегирем ва фарзандони Худо мешавем! Мо то абад аз они Худо мешавем!
25 – Онҳо ба кӯли оташ фиристода мешаванд.
26 – Бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ ва бо тамоми қуввати худ.
27 – Тавба кунед ва аз Исо хоҳиш намоед, ки дили шуморо дигаргун кунад.
28 – Вақте ки Исо бармегардад, Худо ниҳоят ваъдаҳои ба Иброҳим додаашро иҷро мекунад.
Мо одамони нав бо бадани комил, дар хонаи нав, бо дӯстии нав бо Худо мешавем!
Исо ба мо ҳама чизи даркориро медиҳад, то ки мо ба он ҷо рафта тавонем.
Мо бояд то охир ба Ӯ вафодор бошем.

## Дарси 40:

# Таърихи Навиштаи Муқаддас дар 8 расм

Барои такрор намудани он чи мо дар ин курс омӯхтем, мо бори охир ин расмҳоро истифода мебарем, то лаҳзаҳои асосии ҳикояи бузурги Китоби Муқаддасро фаҳмонем.




Мо он чиро, ки расми аввал ба мо мегӯяд, якҷоя мехонем. Баъд як кас аз гурӯҳ бояд ин маълумотро бе хондан такрор кунад. Баъд мо он чиро, ки расми дуюм мегӯяд, мехонем, ва ягон каси дигар он чиро, ки хонда шуд, такрор мекунад. Ҳангоме ки ба охир мерасем, мо ҳамаи 8 расмро бо навбат такрор мекунем, бе он ки ба калимаҳо нигоҳ кунем. Ҳангоме ки ҳамаи 8 расмро якҷоя шарҳ медиҳед, шумо метавонед ҳама гуна тафсилоти иловагиро аз дарсҳое, ки ба шумо маъқуланд, илова кунед.




### 1. Офариниш

Ҳамаи он чи Худо офарид, хуб буд. Ӯ бо аввалин одамон, Одаму Ҳавво дар боғи зебое, ки боғи Адан ном дошт, вақт мегузаронд.




### 2. Ибтидои гуноҳ

Одаму Ҳавво ба Худо итоат накарданд, балки ба шайтон итоат карданд. Ин боиси аз даст додани баракатҳои Худо ва ҳаёти абадӣ шуд.

Тир дар расм нишон медиҳад, ки Худо аввалин одамонро аз боғи Адан ва ҳузури Худ ронд.

Аз он вақт инҷониб, одамон мехостанд, ки имкони муошират бо Худоро дубора ба даст оваранд ва дар ҳузури Ӯ бошанд.




## 3. Ваъдаҳо

Худо ба Иброҳим ваъда дод, ки ӯ падари **халқ**е мешавад, ки барои Ӯ махсус мешавад. Худо ба Иброҳим **замин**еро барои ин халқ ваъда дод, ки дар он Ӯ бо онҳо сокин хоҳад буд.

Ва Худо ваъда дод, ки ба воситаи Иброҳим ҳамаи халқҳо **баракат** меёбанд. Тоҷ маънои онро дорад, ки Худо Подшоҳи неки онҳо хоҳад буд.

Рангинкамон нишон медиҳад, ки Худо ваъдаҳои Худро ба ҷо меоварад (Ҳастӣ 9:13–16). Шумо ҳамеша ба Ӯ бовар карда метавонед!




## 4. Хуруҷ

Халқи Худо ба сарзамини бегона, Миср бурда мешавад ва дар он ҷо онҳо ғулом мешаванд. (Аҳромҳо Мисрро ифода мекунанд.)

Тир нишон медиҳад, ки Худо онҳоро аз ғуломии даҳшатнок дар Миср наҷот дод.




## 5. Замин

Худо халқи Худро ба замини ваъдашуда овард. Онҳо канъониёнро, ки дар он сарзамин зиндагӣ мекарданд, мағлуб намуданд. Канъониён одамони хеле бадкирдор буданд.

Худо халқашро баракат дод, вале онҳо худоёни дигарро ибодат мекарданд. Худо борҳо онҳоро огоҳ мекард, аммо дар охир Худо онҳоро ба асирӣ фиристод. Баъд Худо онҳоро ба замини ваъдашуда баргардонд, вале онҳо ҳанӯз ҳам ба қонунҳои Худо итоат намекарданд ва гуноҳ карданро давом медоданд.

Онҳо ба Наҷотдиҳанда эҳтиёҷ доштанд, ки онҳоро аз гуноҳҳояшон наҷот диҳад. Ба онҳо Подшоҳе лозим буд, ки онҳоро одилона идора кунад. Худо ваъда дод, ки рӯзе чунин шахсеро мефиристад — Масеҳи Худро.




## 6. Исои Масеҳ

Худо ба ваъдааш вафо кард! Исо ба ин ҷаҳон омад, то Наҷотдиҳандаи он шавад. Номи Исо маънои «Худо наҷот медиҳад»-ро дорад. Исо Масеҳи Худо буд. Ӯ ҳамчун исроилии комил, дар муносибати комил бо Худо зиндагӣ мекард ва дар салиб мурд. Марги Ӯ қурбонии комил барои гуноҳҳои мо буд, то Худо моро бахшида тавонад. Эҳёи Ӯ нишон дод, ки Ӯ гуноҳ, марг ва шайтонро мағлуб кардааст! Акнун одамон метавонанд боз бо Худо дӯст бошанд!




## 7. Бозгашти Исо

Ҳоло Исо дар осмонҳо аст.

Тир нишон медиҳад, ки Исо бозмеояд, то ин ҷаҳонро нест кунад ва одамонро ба доварӣ расонад. Худо ҳамаи одамонро ба воситаи Исо доварӣ мекунад.




# 8. Офариниши нав

Подшоҳ Исо халқи Худро ба хона меоварад. Мо бо Худо дар замини нави ваъдашуда зиндагӣ хоҳем кард!

Дигар на гуноҳ хоҳад буд, на ғам ва на марг! Исо шайтонро ба дӯзах мефиристад.

Халқи Худо бо Ӯ дар Офариниши Нав аз ҳаёти абадӣ ҳаловат хоҳанд бурд!

## Шумо дар ин ҳафта ин тасвирҳоро ба кӣ шарҳ дода метавонед?

## Донистани қиссаи бузурги Худо шуморо имрӯз чӣ гуна рӯҳбаланд мекунад?

# Мундариҷа


**Дарси 1:** Китобҳои Навиштаи Муқаддас . . . 5

**Дарси 2:** Дар ибтидо . . . 11

**Дарси 3:** Гуноҳ . . . 16

**Дарси 4:** Худо бадиро маҳкум мекунад . . . 21

**Дарси 5:** Ваъда ба Иброҳим . . . 25

**Дарси 6:** Ваъдаҳои Худо ба авлодони Иброҳим мегузаранд . . . 29

**Дарси 7:** Худо наҷотдиҳанда аст . . . 36

**Дарси 8:** Худо ба воситаи Қурбонӣ наҷот медиҳад . . . 41

**Дарси 9:** Гузаштан аз баҳр . . . 45

**Дарси 10:** Қурбониҳо . . . 49

**Дарси 11:** Даҳ фармуда . . . 53

**Дарси 12:** Хаймаи муқаддас . . . 60

**Дарси 13:** Ҳаёт дар биёбон . . . 64

**Дарси 14:** Таърихи Китоби Муқаддас дар 8 расм . . . 68

**Дарси 15:** Еҳушаъ . . . 70

**Дарси 16:** Доварон . . . 75

**Дарси 17:** Подшоҳон . . . 82

**Дарси 18:** Довуд — подшоҳи бузургтарин . . . 88

**Дарси 19:** Китобҳои ҳикмат: Айюб . . . 94

**Дарси 20:** Китобҳои ҳикмат: Забур . . . . . . . . . . . . . . . . 98
**Дарси 21:** Забур 90 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 102
**Дарси 22:** Китобҳои ҳикмат: Масалҳо, Воиз ва Суруди Сурудҳо . . . . . . 107
**Дарси 23:** Пайғамбарони Исроил ва Яҳудо . . . . . . . . . . . . . . 112
**Дарси 24:** Пайғамбар Ишаъё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 118
**Дарси 25:** Наҳемё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 122
**Дарси 26:** Таърихи Китоби Муқаддас дар 8 сурат . . . . . . . . . . . 127
**Дарси 27:** Худо ба ҷаҳон чун одам омад . . . . . . . . . . . . . . . 130
**Дарси 28:** Масеҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 133
**Дарси 29:** Фоҷиаи даҳшатовар, ё нақшаи Худо иҷро шуд? . . . . . . . . . . 138
**Дарси 30:** Эҳё шудан ва ба осмон рафтани Исо . . . . . . . . . . . . 142
**Дарси 31:** Рӯҳулқудс . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 147
**Дарси 32:** Калисо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 152
**Дарси 33:** Ба дигарон расондани Хушхабар . . . . . . . . . . . . . . 158
**Дарси 34:** Номаҳо дар Аҳди Ҷадид . . . . . . . . . . . . . . . . . . 162
**Дарси 35:** Номаи 1-ум ба Тасолуникиён . . . . . . . . . . . . . . . . 167
**Дарси 36:** Бозгашти Исо ва Рӯзи доварӣ . . . . . . . . . . . . . . . 171
**Дарси 37:** Ваҳй (Қисми 1) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177
**Дарси 38:** Китоби Ваҳй (Қисми 2) . . . . . . . . . . . . . . . . . . 185
**Дарси 39:** Офариниши нав . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 189
**Дарси 40:** Таърихи Навиштаи Муқаддас дар 8 расм . . . . . . . . . . . . 194

Ин курсе, ки аз 40 дарс иборат аст, шуморо ба воситаи ҳикояи тамоми Китоби Муқаддас гузаронда, нишон медиҳад, ки чӣ тавр ҳар як қисми он ба Исо ишора мекунад. Ҳар дарс саволҳои зиёд дорад ва ҳамаи ҷавобҳояш дар охири он меоянд. Ҳамин тавр ин дарсҳоро метавонанд ҳама масеҳиён, ки сатҳи гуногуни дониши Китоби Муқаддас доранд, истифода баранд. Мақсад ин аст, ки ба тамоми масеҳиён кӯмак расонда шавад, то ки дӯст доштани хондани Каломи Худоро ёд гиранд.

TJ